И. АБДУЛЛОЕВ, З. АБДУЛЛОЕВ,
М. ЗИЁЕВ, Б. БОРОНОВ, З. ДОРҒАБЕКОВ

# Забони модарӣ

# 3



**И. АБДУЛЛОЕВ, З. АБДУЛЛОЕВ,**
**Б. БОРОНОВ, З. ДОРҒАБЕКОВ**

# ЗАБОНИ МОДАРӢ

**Китоби дарсӣ барои синфи 3-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

*Нашри сеюм*

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2018**

**УДК 373.167.1**
**ББК 63,3 (2Тоҷик) Я72**
**И-66**

**И-65.** Абдуллоев И., Абдуллоев З., Боронов Б., Дорғабеков З. **Забони модарӣ.** Китоби дарсӣ барои синфи 3-юми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Душанбе: Маориф, 2018. 272 саҳ.

Хонандагони азиз!

Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва онро эҳтиёт намоед. Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб бо намуди аслиаш дастраси додару хоҳаронатон гардад ва ба онҳо низ хизмат кунад.

## Ҷадвали истифодаи китоб:

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

**ISBN 978-99947-1-445-2**
**© Маориф, 2018**
**Моликияти давлат**

## АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

 Хонед ва нақл кунед

 Машқи хушнависӣ

 Савол

 Супориш

 Кори дунафара. Нақшбозӣ

 Кори гурӯҳӣ

 Бозӣ. Кӣ зудтар?

 Чистон

 Ба хотир гиред. Такрор

 Имло. Нақли хаттӣ. Иншо

 Саволу супоришҳои тестӣ

 Хушгӯйӣ. Тезгӯяк

| | | |
|---|---|---|
| Қоида | Панду зарбулмасал | Луғат |

## НИМСОЛАИ ЯКУМ
## МАКТАБ. ВАТАН – МОДАР

# 1. ЯКУМИ СЕНТЯБР – РӮЗИ ДОНИШ

**Хонанда:**

Имрӯз дар тамоми гӯшаю канори Ватани азизамон – Тоҷикистон иди ҳақиқии хонандагон – Рӯзи дониш ҷашн гирифта мешавад. Мо имрӯз бо сару либоси озода, чеҳраҳои ғарқи табассум, бо як ҷаҳон орзуҳо ба мактаб омадем. Дар ин рӯз тамоми мардуми саодатманди Тоҷикистон дасти якдигарро мефишуранд, табрик мегӯянд ва орзуҳои нек мекунанд.

Акнун мустақилона ба навиштани мактуб шурӯъ мекунем. Матни мактуб чунин ҳам мешавад:

«Салом, бобоҷон! Имрӯз Рӯзи дониш аст. Ман акнун дар синфи сеюм мехонам. Кӯшиш мекунам, ки бо баҳои хубу аъло бихонам. Ба Шумо сиҳатию саломатӣ мехоҳам, бобоҷони азиз.

*Набераи Шумо – Юсуф».*

*Биёед, ҳамсинфон, бо ҳамин мазмун мактуб менависем.*

**Омӯзгор:**

Шогирдони азиз, баъди истироҳат шумо дар мактабу дарсхонаҳои барҳавою ҷиҳозонида дарс мехонед. Барои шумо китобҳои пурмазмуну аълосифат чоп кардаанд. Ҳамаи ин дар натиҷаи ғамхории доимии Ҳукумати кишварамон ба даст омадааст. Бинобар ин, асбобу анҷоми таълимгоҳ ва китобҳоро тозаю озода нигоҳ доред.

Имсол ҳам Рӯзи дониш бо мавзӯи сулҳ оғоз меёбад. Бештар бихонед, биомӯзед, то ки фардо ба халқи худ софдилона хизмат карда тавонед.

Соли таҳсили нав муборак!

**Хонандагон:**

Биёед, эй рафиқон, дарс хонем,
Ба бекорию нодонӣ намонем.
Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад.

*Садриддин Айнӣ*

СОЛИ ТАҲСИЛИ НАВ МУБОРАК!




## 2. МУБОРАК БАР ШУМО!



Эй насли хушбахти замон,
Фарзандҳои меҳрубон.
Бодо муборак бар шумо,
Соли нави таҳсилатон!

Дарҳои мактаб ҳар куҷо
Бикшода бар рӯйи шумо,
Бо саъю* кӯшиш, дӯстон,
Хонед аъло доимо!

Бандед мустаҳкам камар*,
Илму адабро нағзтар
Омӯхта аз худ кунед,
Бошед фарзанди ҳунар.

То ин ки аз баҳри Ватан
Ҳам дар амал, ҳам дар сухан
Шоиста хизматҳо кунед,
Хонед, хонед илму фан!

*Боқӣ Раҳимзода*

**саъй** – ҷидду ҷаҳд
**камар** – миён
**шоиста** – лоиқ, сазовор

1. Шоир шуморо ба кадом муносибат табрик кардааст?
2. Ба фикратон, чаро шоир шуморо «насли хушбахт» гуфтааст?
3. Шоир шуморо ба чӣ даъват кардааст?
4. Чор мисраи охирро шарҳ бидиҳед.
5. Дар расм чӣ тасвир шудааст?

Мазмуни расмро ҳикоя кунед.

саъй, аъло, камар,
фарзанди ҳунар, шоиста

# 3. ҚОИДАҲОИ РАФТОР ДАР МАКТАБ

Шумо ба мактаб барои гирифтани таълиму тарбия меоед. Бо ёрӣ ва роҳбарии омӯзгор дониш меомӯзед. Нутқатон бурро гашта, қобилияти фикррони шумо инкишоф меёбад. Барои ҳамин шумо бояд аз дарсҳо ақиб намонед ва дониш омӯзед.

Бе сабаб ба дарс дер намонед. Ашёи хонишро пешакӣ омода намоед. Дар дарс боодобона рафтор кунед. Ба суханони омӯзгор бодиққат гӯш бидиҳед. Агар ба саволи омӯзгор ҷавоб додан хоҳед, ё ба омӯзгор савол доданӣ бошед, даст боло кунед. Агар ҳамсинфатон ба савол ҷавоб дода истода бошад, суханони ӯро набуред. Вақте шуморо барои ҷавоб додан даъват мекунанд, бо овози баланд ва бурро сухан бигӯед, фикратонро бо ҷумлаҳои пурра баён кунед. Дар дафтар фаҳмо ва тоза бинависед. Интизор шавед, ки омӯзгор дарсро ҷамъбаст кунад. Вақте ки занги баромад садо медиҳад, аз синф боодобона бароед.

Одамон ҳар рӯз корҳои зиёдеро иҷро мекунанд, то барои хонандагон шароити хуб муҳайё бошад. Ҳама ҷо бояд тоза, озода бошад. Шумо бояд ҳатман кори онҳоро қадр ва эҳтиром кунед. Бинобар ин ҳамеша дар мактаб тозагию тартиботро нигоҳ доред. Дар роҳрав ва зинаҳои мактаб даводавӣ накунед, ба калонсолон роҳ бидиҳед. Дар хотир доред, ки шумо танҳо нестед. Чунон рафтор кунед, ки ба дигарон халал нарасонед. Калимаҳои қабеҳро истифода набаред, ҷанҷол накунед. Бо ашёи мактаб эҳтиёткорона муносибат намоед.

## ҚОИДАҲОИ РАФТОР ДАР ОШХОНА

Ба ошхона мувофиқи ҷадвали муайян равед. Дар вақти ба ошхона рафтан ба тартиби роҳгардӣ риоя кунед. Дар назди миз якпаҳлу нашинед ва пойро болои пой нагузоред. Қоидаҳои

дар атрофи миз нишастанро риоя кунед. Ҳангоми хӯрокхӯрӣ гап назанед. Баъди хӯрдани хӯрок косаву табақро ғундоред.

## ҚОИДАҲОИ РАФТОР ДАР КИТОБХОНА

Дар китобхона мағал бардоштану бо овози баланд сухан гуфтан манъ аст, зеро баробари шумо дигар хонандагон ва омӯзгорон машғули мутолиа ҳастанд. Китобҳоеро, ки барои хондан ба хона мебаред, дар мӯҳлати муайяншуда баргардонед. Саҳифаҳои китобро чиркин ва қат накунед.

# 4. ВАТАН – МОДАР



Ватан ва Модар ҳаммаъно мебошанд. Чунонки ҳар инсон як Модар дорад, ҳамчунин як Ватан дорад. Баъзан ин ду калимаро дар паҳлуи якдигар менависанд. Ватан – Модар ва ё Модар – Ватан. Ба қадри Модар расидан маънои онро дорад, ки ба қадри Ватан бирасем. Оғӯши Ватан мисли оғӯши Модар аст. Дар он деҳаҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳои зиёд мегунҷанд.

Маънои Ватан моликият аст, яъне тамоми ин хок, ин сарзамин, аз хонаи зист то сарҳадҳои дурамон моли мост. Ин мулк аз они мову мо аз они мулкем.

Ватан аз чӣ сар мешавад? Ватан:

– аз аллаи Модар;
– аз афсонаи модаркалон;
– аз расмҳои китоби “Алифбо”;
– аз панду насиҳати бобо;
– аз фидокориҳои устодон Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода;
– аз ҷонбозиҳои фарзандони содиқ;
– аз тамошои манзараҳои зебои табиат оғоз мешавад.

*Муҳаммад Лутфуллозода*



**фидокорӣ** – дареғ надоштани ҷон ё манфиати худ дар роҳи коре

**ҷонбозӣ** – ҷон фидо кардан, ҷон дареғ надоштан

Ба калимаҳои **Ватан** ва **Модар** диққат бидиҳед. Чаро калимаҳои номбурда бо ҳарфи калон сар мешаванд?

1. Ватан аз чӣ оғоз меёбад? Ҷавобашро аз матн ёфта, бо овози баланд якҷоя бихонед ва бинависед.
2. Матнро бо усули пайдарпай бихонед.

Оё шумо бо номҳои устодон Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода шинос ҳастед? Расмҳои Айнию Турсунзодаро бештар дар куҷо мебинед?

1. Ба фикри шумо, Ватан боз аз чӣ оғоз мешавад? Андешаатонро баён кунед.
2. Дар бораи Ватан ҳикояча бинависед.

*Ватан ва Модар,*

*ҳамматъно, мулк, Айнӣ*

# 5. ТОҶИКИСТОН



Замин дорӣ, замон дорӣ ту имрӯз,
Ҷаҳоне дар ҷаҳон дорӣ ту имрӯз…
Суруди ту ба кунҷи дил ниҳон нест,
Чу парвози уқобон бенишон нест.
Дар ин айём мулки нозанинам,
Туро дар субҳи хуршедӣ бубинам.
Дар имрӯзи ту ман оянда ёбам,
Шавам ҳампову ҳамроҳат шитобам.
Чу модар ту бузургу пойдорӣ,
Ки аввал дориву охир надорӣ.

*Лоиқ Шералӣ*

**айём** – замон, даврон
**ниҳон** – пинҳон
**хуршедӣ** – офтобӣ
**пойдорӣ** – устуворӣ

1. Маънои калимаҳои “ниҳон”, “айём”, “хуршед”, “пойдор”-ро шарҳ бидиҳед.
2. Барои чӣ шоир мегӯяд: «Ки аввал дориву охир надорӣ»?

## ТОҶИКИСТОНИ МАН

Ватани ман аз зодгоҳам сар мешавад. Ман зодгоҳи худро, ки як пораи Ватани азизам аст, хеле дӯст медорам.

Манзараҳои зебою дилрабои диёрам биҳиштмонанд мебошанд. Ҳар лаҳза шукронаи оби шаффофаш, хоки ҳосилхезаш, меваҳои лазизаш, кӯҳҳои сарбаландаш, суруди чашмасоронаш, навои булбулу кабкҳои хушхиромаш мекунам. Худро дар оғӯши ватанам хеле хушбахт меҳисобам.

1. Бигӯед, ки шумо дар зодгоҳатон чиро аз ҳама бештар қадр мекунед.
2. Мувофиқи мазмуни матн манзараи маҳалли зисти худро ба таври шифоҳӣ тасвир кунед.
1. Калимаҳоро бо навбат ба ҳамдигар бихонед ва бинависед.
Дафтарҳои худро иваз кунед. Дурустии навиштаҳои ҳамдигарро бисанҷед.
Агар ғалатҳо бошанд, фаҳмонда ислоҳ кунед.
А.: дорӣ, хуршедӣ, имрӯз, манзараҳо, зодгоҳ, шаффоф.
Б.: надорӣ, пойдорӣ, оғӯш, кӯҳҳо, субҳ.

*биҳиштмонанд, шаффоф,*
*сарбаланд, булбул, кабк*

1. Бо истифодаи рақамҳо калима тартиб бидиҳед ва бинависед.
2. Аз рақамҳои дилхоҳ истифода карда, калимаҳои нав бисозед.
3. Фикратонро дар бораи кори анҷомдодаатон баён кунед.

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | + | ш | а | н | б | е | = | ? |
| 2 | + | т | о | р | = | ? | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | + | б | а | р | г | а | = | ? |
| 3 | + | п | о | я | = | ? | | |

# 6. ТОҶИКИСТОН



Тоҷикистони зи ҷон ширинтарам,
Тоҷикистони ҷавону дилбарам.
Мисли тифле дӯст медорам туро,
Аз ту ояд бӯйи шири модарам.

Дӯст дорам халқи гулдасти туро,
Чашмаҳову рӯди* пуршасти туро.
Дӯст дорам кӯҳу даштатро зи ҷон,
Ҳар ғизоли* шӯху сармасти* туро.

Дӯст дорам резасангони туро,
Боғу роғи пур зи эҳсони туро.
Дӯст дорам ҳар ниҳоли сабзи ту,
Ҳам Бадахшон, ҳам Зарафшони туро.

*Ҳадиса Қурбонова*

**рӯд** – ҷӯйи калон
**тифл** – кӯдак
**ғизол** – оҳу
**сармаст** – маст



1. Шоир дар васфи Тоҷикистон чӣ гуфтааст?
2. Шоир чиро дӯст медорад?
3. Шумо чиро дӯст медоред?



Маънои калимаҳои **ғизол, эҳсон, тифл, сармаст, рӯд**ро шарҳ бидиҳед.

# БОҒ

Боғ манзараи зебо дошт. Духтарону писарон ба дарахти пурбори шафтолу нигаристанд. Меваҳои калон-калони шафтолу аз нури офтоб медурахшиданд.



Боғбон ба мактаббачаҳо як доман шафтолуи пухтагӣ дод. Гавҳар ба бобои боғбон ташаккур гуфт.

*Савол гузошта, калимаҳои ҳар гурӯҳро бинависед.*

Номи ашё ва одамон **(исм)** – боғ, духтарон, ...
Амалҳои ашё ва одамон **(феъл)** – дошт, гуфт, ...
Аломатҳои ашё **(сифат)** – зебо, пурбор, ...

Дар кадом маврид шумо калимаи ташаккурро дар гуфтор истифода мебаред?

**Исм, феъл, сифат ҳиссаҳои нутқанд.**

Ба калимаҳои зерин савол гузоред. Онҳоро мувофиқи саволҳо ҷудогона бинависед.

Саодат, пахта, омад, духтарон, сурх, дарахт, калон, сарбаланд, мебинад, Исмоил, мехонад, модар, меҳрубон.

*Намуна:*

- Кӣ? – Саодат, ...
- Чӣ? – пахта, ...
- Чӣ кор кард? – омад, ...
- Чӣ хел? – сурх, ...

*пурбор, мактаббачаҳо,*
*ташаккур, афнок, боғ*

Номи одамон, ашё ва аломати онҳоро бинависед. Бо ҳар яки онҳо ҷумла тартиб бидиҳед.

| | | |
|---|---|---|
|  + рӯ = ? | сер +  = ? | 4 +  = ? |
|  +  = ? | А + 100 = ? | 4 + боғ = ? |

## 7. ШАҲРУ ВИЛОЯТҲОИ ТОҶИКИСТОН




1. Аз рӯйи харитаи Тоҷикистон номи пойтахти кишвар ва вилоятҳои онро муайян кунед ва бинависед.
2. Номи вилоят, шаҳр, ноҳия, деҳа ё маҳаллаи зисти худро бинависед.
3. Шарҳи калимаю ибораҳоро бихонед ва дар дафтари "Луғат" бинависед.

**мамлакат** – кишвар, давлат
**аҳолӣ** – бошандагон, сокинон
**ҳудуд** – доираи сарзамин, сарҳад, марз
**ҳамсарҳад** – ҳамсоя
**пойтахт** – шаҳре, ки маркази мамлакату давлат интихоб шудааст
**километри мураббаъ** – ченаки масоҳат (дарозӣ ва бараш як километр)

4. Бо калимаҳои машқи 3 ибора тартиб дода, бинависед.
***Намуна:*** *аҳолӣ – аҳолии шаҳр, сокинони шаҳр.*
5. Бо ибораҳои машқи 4 ҷумла тартиб бидиҳед.
***Намуна:*** *аҳолии шаҳр, сокинони шаҳр. Аҳолии шаҳр ба ҳашар баромаданд. Сокинони шаҳр ба ҳашар баромаданд.*
6. Матнро бихонед ва ҷадвали зеринро пур кунед.

Номи мамлакати мо Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Он дар Осиёи Марказӣ ҷойгир мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз нуҳ миллион нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд. Масоҳати Тоҷикистон зиёда аз 142 ҳазор километри мураббаъ аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад мебошад. Пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе аст.

| | |
|---|---|
| Ном | |
| Ҷойгиршавӣ | Осиёи Марказӣ |
| Пойтахт | |
| Аҳолӣ | |
| Ҳудуд | |
| Ҳамсарҳад | |

7. Бо ёрии омӯзгор монанди машқи боло дар бораи шаҳр, ноҳия ва деҳаи худ матн тартиб бидиҳед. Ҷадвали нав тартиб дода, онро пур кунед.

8. Бихонед ва маънои истиқлолиятро шарҳ бидиҳед.

Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти давлатӣ ба даст овард. Алҳол* истиқлолияти мамлакати моро бештар аз 150 давлати дунё мешиносад.

**Истиқлолият** чист? Истиқлолият – мустақилӣ, ягонагӣ, озодӣ, эҳёи* миллат.

Истиқлолият сарватест бебаҳо, ганҷест беҳамто.*

**алҳол** – ҳоло, имрӯз, ин замон
**эҳё** – аз нав зинда гардонидан, зинда шудан
**беҳамто** – бемислу монанд, ягона

9. Калимаҳои зеринро аз рӯйи саволҳо ба ҳиссаҳои нутқ ҷудо кунед.

Хусрав, менависад, гарм, дурахшон, дафтар, падар, Офтоб, бедор шуд, меояд, фарбеҳ, гӯсфанд, зирак, сурх, мегирад.

| **Исм** | **Феъл** | **Сифат** |
|---|---|---|
| (*кӣ? чӣ?*) | (*чӣ кор мекунад? чӣ шуд?*) | (*чӣ хел? кадом?*) |
| Хусрав, ... | менависад, ... | гарм, ... |

## 8. ЗАБОНИ ТОҶИКӢ



Забони тоҷикӣ таърихи беш аз ҳазорсола дорад. Бо забони тоҷикӣ асарҳои бисёр навишта шудаанд.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо ин забон шеър офарид. «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ низ бо ин забон навишта шудааст.



Забони тоҷикӣ ба гурӯҳи забонҳои эронӣ дохил мешавад. Ин забон дар Тоҷикистон, дар якчанд вилояти Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон истифода мешавад. Бо забони тоҷикӣ дар Эрон, Афғонистон ва дар Чин, Ҳиндустон, Покистон ҳам гуфтугӯ мекунанд.

Бачаҳои азиз, барои хуб донистани забони тоҷикӣ кӯшиш кунед, зеро босаводона навиштан ва гуфтугӯ кардан боиси ифтихори миллии ҳар фард ва азиз доштани забони модарӣ мебошад.



1. Забони тоҷикӣ таърихи чандҳазорсола дорад?
2. Киҳо ба забони тоҷикӣ асар навиштаанд?
3. Забони тоҷикӣ дар куҷо истифода мешавад?
4. Донистани забони тоҷикӣ барои чӣ даркор аст?
5. Дар расм кадом шоири халқи тоҷик акс ёфтааст?



Ба забони тоҷикӣ дар чандин кишвари дунё сухан мегӯянд. Дар ҷумҳурии мо низ халқу миллатҳои гуногун зиндагӣ мекунанд, ки бо забони модарии худ гуфтугӯ менамоянд. Нигаред ба диаграммаи зерин:



Дар маҳалла (деҳа)-и шумо ҳама бо як забон гуфтугӯ мекунанд? Шумо бо дигар забонҳо сухан гуфтаед, ё шунидаед? Дар кучо? Номи кадом забонҳоро медонед?

1. Номи миллатҳоро бинависед: рус, қирғиз, туркман, ӯзбек.

2. Номи миллатҳо ва забони онҳоро муқоиса кунед. Калимаҳоро бихонед ва имлои ҳарфи **ӣ**-ро фаҳмонед.

| Миллат | Забон |
|---|---|
| рус, қирғиз, туркман, ӯзбек, ва ғайра. | русӣ, қирғизӣ, туркманӣ, ӯзбекӣ ва ғайра |

3. Дар бораи дӯстию рафоқат ва ҳамдигарфаҳмии халқу миллатҳое, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, фикри худро баён намоед.

4. Имлои *“Худамро месанҷам”*.

Забони тоҷикӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, забонҳои эронӣ, ифтихори миллӣ.

5. Ин ду мисраъ шеъри Лоиқ Шералиро навишта, аз ёд кунед. Онро маънидод кунед.

Заҳр бодо шири модар бар касе,
К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.

*Заҳр бодо шири модар бар касе,*
*К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.*

# II. ЧАШМА, ДАРЁ ВА КӮЛҲО.
# ОБҲОИ ШИФОБАХШИ ТОҶИКИСТОН. ИСМ



## 9. САВОЛҲОИ КӢ? ВА ЧӢ?

1. Расмро бодиққат аз назар гузаронед. Дар расм киро мебинед? Савол гузоред.
2. Чизҳои дар расм тасвирёфтаро номбар кунед. Ба ашё савол гузоред.
3. Аз рӯйи мазмуни расм ба таври шифоҳӣ ҳикоя кунед.
4. Ашё ва одамони синфро номбар кунед. Онҳо чиро ифода мекунанд? Ба онҳо чӣ гуна савол мегузоред?

Одамон ба саволи **кӣ? (киҳо?)** ва дигар ашё (чизҳо) ба саволи **чӣ? (чиҳо?)** ҷавоб мешаванд.

## ДУ ЧАШМА

Мо ба тарафи Хоруғ равон шудем. Қад-қади дарёи Панҷ роҳ рафтем. Дарё торафт поёнтар мемонду мо баландтар мебаромадем.

Мо ба деҳаи Поршнев расидем. Аз даруни чордеворе як ҷӯй оби софи нуқрагун* баромада, ба поён ҷорӣ мешавад. Ин оби чашмаи Шоҳ Носири Хусрав аст.

Мо ба ҳавлӣ даромадем. Чашма дар миёнҷойи ҳавлӣ воқеъ буд.

Нақл мекунанд, ки шоири машҳури тоҷик Носири Хусрав ҳамин чашмаро кушода, боиси* ободии ин деҳа шуда будааст....

Дар ҳавлие, ки чашмаи Шоҳ Носир дар он аст, ғайр аз як-ду дарахт ва як хонача чизи дигаре нест.

Он хонача дукони китобфурӯшӣ будааст, ки дар он китобҳои дарсӣ ва асарҳои бадеӣ мавҷуданд.

Дар ин ҳавлӣ ҳам чашмаи оби зулол ҷой гирифта будаасту ҳам чашмаи илму маърифат*.

*Абдусалом Деҳотӣ*

Ҳоло чашмаи Шоҳ Носир ободу зебо шудааст.

Муҷассамаи боҳашамати Носири Хусрав ҳавлиро зеб медиҳад. Муҷассама аз санги мармари сафед сохта шудааст. Ҳоло ба ҷойи хонача осорхонаи Носири Хусрав бино ёфтааст.

**нуқрагун** – нуқрамонанд
**боиси** – сабаби
**маърифат** – дониш

илму маърифат, оби зулол,
Носири Хусрав, чашма

1. Дар матн сухан дар бораи кадом чашма меравад?
2. Ин чашма ба номи кӣ гузошта шудааст?
3. Чашмаи мазкур дар кучо ҷойгир аст?
4. Деҳаи Поршнев дар кадом вилоят ҷойгир аст? Он вилоятро аз харитаи Тоҷикистон (мавзӯи 8) нишон бидиҳед?
5. Дар он ҳавлӣ боз чӣ ҳаст?
6. "Чашмаи илму маърифат" гуфта, нависанда чиро дар назар дорад?
7. Чаро ҳикоя "Ду чашма" номида шудааст?

## 10. НАВОҲОИ ГУЛДАРА



Гулдара дара дорад,
Дара шаршара дорад.
Шаршара наво* дорад,
Ҳусни дилрабо дорад.

Гулдара гулҳо дорад,
Дара булбулҳо дорад.
Булбулаш наво дорад,
Савти* дилкушо дорад.

Гулдара ёна* дорад,
Ёна бедона дорад.
Бедона наво дорад,
Сози* босазо* дорад.

Гулдара дар Хатлон аст,
Дар мулки Балҷувон аст.
Балҷувон сафо дорад,
Хуш созу наво дорад.

*Сайидалӣ Маъмур*

**наво** – садо
**босазо** – сазовор, шоиста
**савт** – овоз
**соз** – оҳанги мусиқӣ
**сафо** – озодагӣ
**ёна** – теппа

1. Дар матн сухан дар бораи чӣ меравад?
2. Гулдара дар куҷо воқеъ аст?
3. Гулдара чиҳо дорад?
4. Шоир садои чиро таъриф кардааст?
5. Чаро шеър "Навоҳои Гулдара" ном дорад?

1. Аз рӯйи намуна бандҳои боқимондаи шеърро таҳлил кунед.

***Намуна:***

*Гулдара чӣ дорад? – Гулдара дара дорад.*
*Дара чӣ дорад? – Дара шаршара дорад.*
Шаршара чӣ дорад? – Шаршара наво дорад.....

2. Бо калимаҳои **шаршара**, **булбул**, **бедона** ҷумла бинависед.
3. Аз харитаи Тоҷикистон вилояти Хатлонро ёбед.

## 11. ХОҶАОБИГАРМ

Хоҷаобигарм дар 50-километрии шимолии шаҳри Душанбе ҷойгир аст. Дар болотари деҳа аз бағали кӯҳ бо ҳарорати баланд оби гарм ва буғи табиӣ фаввора зада мебарояд.

Таркиби об ва буғ аз 18 навъ моддаи кимиёвии муоличавӣ иборат буда, ба бемориҳои гуногун шифо мебахшад. Инро Ҳукумат ба назар гирифта, дар он ҷой табобатгоҳ сохтааст ва одамон ба он ҷой барои табобат мераванд.

Об ва буғ ба бемориҳои пӯст, дарди устухон, буғум, асаб ва узвҳои нафаскашӣ давост. Ин оби шифобахш шуҳрати ҷаҳонӣ

пайдо кардааст. Ҳар сол дар ин табобатгоҳ чандин ҳазор бемор шифо меёбанд.



1. Хоҷаобигарм дар кадом мавзеъ ҷойгир аст?
2. Обҳои Хоҷаобигарм чӣ гуна хосиятҳои шифобахшӣ доранд?
3. Ин гуна обҳои шифобахш боз дар кадом мавзеъҳои кишварамон мавҷуданд?



- Банди охирро бо навбат дунафарӣ бихонед ва нависед.
- Дафтарҳои худро иваз кунед. Дурустии навиштаҳои ҳамдигарро бисанҷед.
- Агар ғалатҳо бошанд, фаҳмонда ислоҳ кунед.



Номи одамон ва чизҳои атрофро бинависед. Ба ҳар яки онҳо савол бигузоред.






Калимаҳое, ки номи одамон ва ашё (чизҳо)-ро мефаҳмонанд, **исм** номида мешаванд. Ба исмҳо саволҳои **кӣ? (киҳо?)** ва **чӣ? (чиҳо?)** гузошта мешаванд.
Мисол: омӯзгор **(кӣ?)**, хонандагон **(киҳо?)**, дафтар **(чӣ?)**, китобҳо **(чиҳо?)**...

# 12. ЧИЛУЧОРЧАШМА

Калима созед ва бинависед.

**44+**  **+а=...**

Мо ба тамошои Чилучорчашма рафтем. Ба мо Ҳоҷӣ Арбобшоҳ ва бобои Давлатёр роҳбаладӣ карданд.

– Ана, ин – Чилучорчашма, – гуфт бобои Давлатёр. Аҷибаш ҳамин, ки ноҳияи Носири Хусрав яке аз гӯшаҳои гармтарини Тоҷикистон мебошад. Аммо оби Чилучорчашма доим хунук аст.

Аз дили кӯҳи сангин чилу чор чашма ҷудо-ҷудо мебароянд. Оби ҳамаи чашмаҳо якҷо шуда, ҷӯйборро ташкил медиҳад. Оби чашма соф, хунук ва сермоҳӣ аст. Моҳӣ ва морҳои даруни об ба одамон одат кардаанд,

Зери чанорҳои баланду маҷнунбедҳо катҳо гузошта шудаанд. Дар фасли тобистон одамон барои истироҳат ба ин ҷо меоянд. Саёҳати мо хуб гузашт.

1. Барои чӣ Чилучорчашма мегӯянд?
2. Чилучорчашма дар куҷо ҷойгир аст?
3. Дили кӯҳи сангинро чӣ тавр мефаҳмед?
4. Дар Чилучорчашма кадом ҳайвонҳои обӣ зиндагӣ мекунанд?
5. Оё одамон дар фасли зимистон барои истироҳат ба Чилучорчашма меоянд? Чаро?

1. Дар бораи Чилучорчашма маълумот бидиҳед.
2. Аз матн исмҳои хосро бинависед.
3. Монанди намунаи зер ҷадвалро пурра кунед.

***Намуна:***

| *Бо кӣ рафтан мехоҳед?* | *Бо худ чӣ мебаред ва барои чӣ?* | *Чиро дидан мехоҳед?* |
|---|---|---|
| Бо падару модар | Нон, хӯрок барои моҳиҳо | Моҳиҳоро |

4. Аз рӯйи ҷадвали таҳиякарда ҳикояи хурд бинависед.

***Намуна:*** *Ман бо падару модарам ба Чилучорчашма рафтан мехоҳам. Бо худ барои моҳиҳо нон ва хӯрок мебарам.*

## 13. КӮЛИ САРЕЗ



Яке аз кӯлҳои калонтарин ва ҷавонтарини кишвари мо кӯли Сарез аст. Сарез соли 1911-ум дар натиҷаи заминҷунбӣ дар баландии 3 ҳазору 265 метр аз сатҳи баҳр, дар водии Бартанги ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пайдо шудааст.

Кӯли Сарез бо оби мусаффои ошомиданӣ ва макони хатарноки ҷойгиршавиаш дар Осиёи Марказӣ маъруф аст. Оби кӯл дар муддати 10 сол ғун гардида, баланд шудааст. Кӯли Сарез 60 км дарозӣ, 3 км бар, 500 метр чуқурӣ дорад...





Ҷаҳониён ба обҳои ширину мусаффо* муҳтоҷанд. Ба ғайр аз ин, дар водиҳо сол аз сол масоҳати заминҳои кишт васеъ ва талабот ба об зиёдтар мешавад.

Қисме аз олимон дар чунин ақидаанд, ки оби Сарезро бо мақсади обёрии замин истифода бурдан зарур аст.

Қисми дигари олимон шубҳа доранд, ки агар кӯҳпора ё сангу хоки соҳили кӯл ба дарунаш резад, об баланд мешавад ва бадбахтӣ ба вуҷуд меорад.

**мусаффо** – соф
**шубҳа** – гумонбарӣ

1. Кӯли Сарез дар кадом вилояти Тоҷикистон воқеъ аст? Онро аз харитаи Тоҷикистон (мавзӯи 8) нишон бидиҳед.
2. Он кай пайдо шудааст?
3. Оё кӯли Сарез хатар дорад? Аз матн далел биёред.
4. Аз рӯйи манзараи расмҳои кӯл ва мазмуни матн муайян кунед, ки мавзеъ гарм аст ё хунук?

1. Дар мавзӯи “Барои чӣ обро бояд тоза нигоҳ дорем?” ба таври шифоҳӣ ҳикояи хурд тартиб бидиҳед.
2. Дар бораи кӯли Сарез маълумот бидиҳед.
3. Матнро бори дигар бихонед. Ҷадвалро пурра кунед. Ин амалро дар дафтар иҷро кунед.

| | |
|---|---|
| Номи кӯл | |
| Соли пайдоиш | |
| Макони ҷойгиршавӣ | |
| Ғунҷоиш | |
| Дарозии кӯл (км) | |
| Бари кӯл | |
| Чуқурии кӯл (км) | |
| Баландии кӯл аз сатҳи баҳр | |
| Сабаби пайдоиши кӯл | |

## 14. СИМОҲОИ МАТНРО ЁБЕД

1. Шарҳи калимаи “Симо”-ро бихонед ва дар дафтари “Луғат” бинависед.

**Симо:** 1. рӯй, чеҳра; шакл, қиёфа. 2. шахсият. 3. маҷозан ба маънои телевизион.

**Симо** (образ) – қаҳрамон, персонажи матн.

2. Бо калимаҳои машқи 1 ибора тартиб дода бинависед.

**Намуна:** симо – симои зебо; рӯй – рӯйи зебо; чеҳра – ........,

3. Бо иборахои дар машқи 2 тартибдода ҷумла бинависед.

**Намуна:** Симои зебои модарам ҳамеша пеши назар аст. Чеҳраи зебои модарам ҳамеша пеши назар аст.

### ЧАРО РАНГИ СОБИРҶОН КАНД?

Соати аввали дарс тамом шуд. Собирҷон ба берун набаромад. Ҳаммизаш – Оқилҷон ҳам дар синф монда, китобчаи нави худро мехонд.

“Агар ман ҳозир кулчаҳоямро бихӯрам, – аз дил гузаронд Собирҷон, – Оқил ҳам ба ман ҳамроҳ мешавад. Агар ба ӯ надиҳам, “чашмгурусна” мегӯяд. Ё дигарон ҳам кулча мепурсанду худам сер намешавам”.

Дар танаффуси дигар ҳам Собирҷон кулча хӯрда натавонист. Ҳарчанд ӯ номаълум кисаҳояшро аз кулчаву мавиз пур карда, берун баромад, вале ҳамсинфонаш – Расулу Акбар аз ӯ дур намешуданд. Онҳо ӯро ба бозӣ даъват карданд. Собирҷон розӣ нашуд. Охир, бо шиками гурусна чӣ хел бозӣ кардан мумкин? Худаш то вақти мактабравӣ ба бозӣ андармон шуда, ба дарс дер омад. Барои гурусна намондан модараш ба ҷузвдони ӯ кулчаву мавиз андохт, ки вақти танаффус бихӯрад...

Хулоса, то охири дарс Собирҷон хеле гурусна монда, бо рангу рӯйи канда ба хона омад. Ин аҳволи ӯро модараш дида, ба ташвиш афтод.

– Ҳа, писарам, ба ту чӣ шуд? Мабодо касал нашудӣ?

– Не, – беҳолона гуфт Собирҷон.

Чашми модар ба лабҳои хушкидаи писараш афтоду аз таги гап пай бурд ва маслиҳатомез гуфт:

– Ин корат нағз не, писарам. Ман кулчаву мавизро бисёртар додам, ки бо ҷӯраҳоят бихӯрӣ, ту бошӣ...

*Бахтиёр Ҷумъаев*



1. Дар матн сухан дар бораи киҳо меравад?
2. Дар матн номи симоҳо чанд маротиба такрор ёфтааст?
3. Номи киҳо бештар истифода шудааст? Киҳо камтар?
4. Симоҳои асосӣ киҳоянд? Симоҳои дуюмдараҷа-чӣ?
5. Чаро модар кори писарашро нағз нагуфт?
6. Модар аз куҷо фаҳмид, ки Собирҷон кулчаю мавизашро нахӯрдааст?
7. Барои чӣ Собирҷон кулчаю мавизашро нахӯрд?
8. Ин воқеа кай ва дар куҷо рух додааст?
9. Собирҷон чӣ кор кардан мехост?
10. Барои чӣ кулчаю мавизро хӯрда натавонист?
11. Ба фикри шумо, агар Собирҷон дар назди Оқилҷон кулчаю мавизҳоро мехӯрд, рафиқаш чӣ мегуфт?
12. Агар шумо мебудед, чӣ мегуфтед?
13. Агар ба ҷойи Собирҷон мебудед, чӣ кор мекардед?
14. Ба рафтори Собирҷон чӣ хел баҳо медиҳед? Чаро?



1. Мазмуни матнро нақл кунед.
2. Дар нақши модару писар бозӣ карда, оҳанги гуфтори онҳоро риоя намоед.

***Бозӣ:*** *“Суханони симои матнро ёб!”*

**Шарти бозӣ:**

Як лаҳзаи матнро ба ёд оварда, гуфтору рафтори симои матнро танҳо бо имову ишора нишон бидиҳед. Дигарон бояд ёбанд, ки шумо кадом қисми матнро бо имову ишора нишон додед.

1. Матнро бихонед. Мазмуни онро бо матни “Чаро ранги Собирҷон канд?” муқоиса кунед.

Соати аввали дарс тамом шуд. Собирҷон кулчаву мавизро аз ҷузвдонаш бароварда, ҳамроҳи ҷӯраҳояш хӯрд. Оқилҷон ва Расулу Акбар ба ӯ ва модараш ташаккур гуфтанд.

Собирҷон хурсандона ба хона омад. Ин аҳволи ӯро дида модараш пурсид:

– Ҳа, писарам, ба ту чӣ шуд? Чаро ин қадар хурсандӣ?

– Модарҷон, ман кулчаву мавизро бо ҷӯраҳоям хӯрдам. Онҳо ба шумо ташаккур гуфтанд, – гуфт Собирҷон.

Модар гуфт:

– Бисёр кори хуб кардӣ, писарам. Ман ҳам кулчаву мавизро барои он бисёртар дода будам, ки бо ҷӯраҳоят бихӯрӣ.

2. Номи симоҳои матнро бинависед. Бо ҳарфи калон навиштани аввали номи онҳоро бифаҳмонед.

3. Ба саволи “Чаро ранги Собирҷон канд?” ҷавоб бинависед.

4. Матни болоро бихонед. Монанди матни «Чаро ранги Собирҷон канд?» тарзи муайян кардани симоҳои матнро машқ кунед.

5. Матнро бихонед ва ба саволҳои зери он ҷавоб бидиҳед.

## МОР ВА МОҲӢ



Бачаҳо моҳидорӣ мекарданд. Ногоҳ ҳам моҳӣ ва ҳам мор ба тӯр афтоданд. Бачаҳо сангу чӯб ба даст гирифта, дар қасди мор шуданд. Мор тоб хӯрду аз сӯрохи тӯр баромада, худро ба дарё андохт ва халос шуд.

Моҳии беозор ҳатто кӯшиши аз дом раҳо шудан накард, чунки на ҳилаю найрангро медонисту на роҳи халосиро.

*Мирзо Файзалӣ*

1. Аз мазмуни ҳикоя ба чӣ хулоса омадан мумкин?
2. Дар симои қаҳрамонони ҳикоя чӣ гуна рафтори одамон тасвир ёфтааст?

## 15. АЛАФИ ГАЗАНДА

Ҳасану Ҳусейн дар шаҳр таваллуд шуда буданд. Онҳо то нуҳсолагӣ аз шаҳр берун нарафтаанд. Фақат ба мактаб мерафтанду баъди пешин дар ҳавлӣ бозӣ мекарданд.

Тобистон волидайнашон Ҳасану Ҳусейнро ба зодгоҳашон, ба деҳаи Ҳуснободи соҳили Зарафшон оварданд. Бачаҳоро модаркалонашон оғӯш кушода, пешвоз гирифт.

Рӯзҳои аввал бачаҳо ором буданд. Онҳо аз пеши модаркалонашон дур намерафтанд. Чун аз байн ду рӯз гузашт, Ҳасану Ҳусейн чашми модаркалонашонро хато карда, ба кӯча баромаданд...

Модаркалон ва падарашон гаштаю баргашта таъкид мекарданд, ки бачаҳо мабодо боз поён фуромада, дар рӯд оббозӣ накунанд. Онҳо метарсиданд, ки бачаҳо дар рӯд ғарқ мешаванд.

Ҳаво хеле тафсид. Бачаҳо аз ҳавои гарм гурехта, ба лаби рӯди шӯхоб фуромаданд. Оби рӯд аз санг ба санг зада, кафккунон ҷорӣ мешуд. Ба оббозӣ кардан ҳавасашон омаду Ҳасан маслиҳатомез гуфт:

– Ҳусейн, биё, ҳамин тавр ба лаби оби рӯд медароему дарҳол мебароем. Бародарон либосҳояшонро кашида, ба об наздик шуданд.

Бачаҳо дасти ҳамдигарро гирифта, аз байни сангҳо эҳтиёткорона гузаштанд. Ногоҳ пойи якеашон лағжиду ҳардуяшон ба рӯйи алафи ҳулбӯймонанд афтиданд. Аз шарфаи онҳо як мори чипор худро ба даруни об партофт. Ҳасан морро диду аз ҷояш хест ва тахтапушташро дошта гуфт:

– Аз афташ, маро мор газид. – Нигоҳ кун, аз ягон ҷойи баданам хун набаромадааст?

– Не, ҷавоб дод Ҳусейн ва худаш низ ҷаста хесту “банди дасти ман ҳам сӯзиш карда истодааст” – гуфт.

Бачаҳо зуд ба қафо гашта, саросема либосҳояшонро пӯшиданд...

Онҳо ба табобатхона, ба назди Саодат даромаданд. Саодат баробари дидани бачаҳо аз ҷояш хест:

– Ҳа, ба шумо чӣ шуд?!

– Ҳардуямонро мор газид.

– Кай газид?

– Ҳозир, худи ҳозир, – гуфт Ҳасан.

Саодат бадани онҳоро аз назар гузаронд.

– Натарсед, – гуфт ӯ. – Шуморо мор не, алаф газидааст, алафи газанда.

Як навъ алафе ҳаст, ки хорҳои ноаёни рӯйи баргҳояш бисёр тезанд. Номаълум ба пӯсти кас халида, моддаи заҳрдор мебароранд ва танро месӯзонанд. Бинобар ин номашро “алафи газанда” мондаанд.

Баъди гуфтаи Саодат бачаҳо алафи ҳулбӯймонандеро, ки ба болояш афтида буданд, ба хотир оварданд ва ба ҳамдигар маънидорона нигоҳ карданд.

Саодат бачаҳоро ба курсӣ шинонда, ба танашон доруи обакӣ молид.

– Хӯш, чӣ тавр? – пурсид ӯ.

– Сӯзишаш монд, ташаккур ба шумо, – гуфта хандиданд бачаҳо.

*Болта Ортиқов*

1. Симоҳои асосии матн киҳоянд?
2. Ба кадом мақсад бачаҳоро ба деҳа оварданд?
3. Ин воқеа кай рух дод?
4. Воқеа дар куҷо рух дод?
5. Аз чӣ сабаб дар бачаҳо майли оббозӣ пайдо шуд?
6. Бачаҳо бо ҳамдигар чӣ маслиҳат карданд?
7. Ба онҳо чӣ ҳодиса рӯй дод?
8. Бачаҳо ба кӣ муроҷиат карданд?
9. Ҳикоя чӣ тарз ба анҷом мерасад?
10. Оё рафтори бачаҳо дуруст буд? Чаро?
11. Агар шумо ба ҷойи Ҳусейн мебудед, ба пешниҳоди Ҳасан розӣ мешудед? Чаро?
12. Аз мазмуни матн чӣ хулоса баровардед?
13. Шумо таътили тобистонаро чӣ тавр гузарондед?

*соя, шӯхоб, кафккунон,*
*оббозӣ, лағжид, даррав*

1. Аз рӯйи нақшҳо хондани суҳбати Ҳасану Ҳусейнро машқ кунед.
2. Ба расм бодиққат нигоҳ кунед. Лаҳзаи дар расм тасвирёфта ба кадом қисми ҳикоя мувофиқ аст?



3. Дар бораи лаҳзаи аҷоиби таътили тобистонаатон ҳикоя кунед.

4. Ба саволҳо ҷавоб бинависед.

а. Симоҳои асосии матн киҳоянд?

б. Ин воқеа кай рӯй дод?

в. Воқеа дар куҷо рӯй дод?



Калима бисозед ва бинависед. Бо калимаҳои тартибдодаатон ҷумла бисозед.

| | |
|---|---|
|  +  = ? |  +  = ? |
| **бе +**  **= ?** |  **+ гир = ?** |

## 16. МАШҚИ НАВИШТАНИ МАКТУБ



Салом, Раҳимҷон.

Ман мехоҳам, як ҳодисаро ба Шумо нақл кунам.

Моҳи июл ба деҳа рафтам. Дар он ҷо ману рафиқонам ба оббозӣ рафтем. Дар лаби об занбӯри бисёр буд. Як ҷӯраам занбӯрҳоро озор дод. Занбӯрҳо моро газиданд. Сару рӯйи мо варам кард. Мо давида ба хона рафтем. Бибиам ба рӯямон бо пахта намакоб молид.

Хайр.

*Бо эҳтиром, Рустам*



1. Ҳангоми хониш намунаи мактубро ба қисмҳо ҷудо кунед.
2. Монанди намунаи боло мактуб бинависед.



• Мактуби худро бонавбат ба ҳамдигар бихонед.
• Дафтарҳои худро иваз кунед. Дурустии навиштаҳои ҳамдигарро бисанҷед.
• Агар ғалат бошад, фаҳмонда ислоҳ кунед.

## 17. ГУРБАЧАИ СОДА



Буд, набуд, як гурбача буд. Вай Мошон ном дошт. Боре* Мошон муш доштанӣ шуд. Аммо ӯ ҳанӯз хурдакак буд ва чӣ будани мушро намедонист. Фақат аз гурбаҳои калон шунида буд, ки онҳо ҳамеша муш медоранд. Вай ҳам мехост, ки зудтар ягонто муш дорад, то ба қатори гурбаҳои калон дохил шавад.

Мошон ба таҳхона даромад. Ин сӯю он сӯй гашт, вале касеро надид. Камин гирифта* пойид, вале муше пайдо нашуд. Ногоҳ каҳтӯда хиширрос зад. Мошон пеш ҷаҳид ва чашмаш ба ҷонвараки думдарозе афтод.

– Ту кистӣ? – пурсид Мошон.

– Мушбача.

– Ваҳ, – хурсанд шуд Мошон. – Худи ту ба ман даркорӣ!

– Барои чӣ? – пурсид Мушбача.

– Барои чӣ буданашро намедонам, лекин медонам, ки гурбаҳо бояд муш доранд.

Мушбача гуфт:

– Гурбаҳо барои он муш медоранд, ки мушу гурбабозӣ кунанд. Мехоҳӣ, ин бозиро ба ту ёд бидиҳам?

– Албатта, мехоҳам, – гуфт Мошон.

– Чашматро пӯшу то се шумор, ана баъд чашматро кушою маро бидор!

Гурбача ба як кунҷаки таххона рафта истод. Баъд чашмашро пӯшида, аз рӯйи гуфтаи Мушбача то се шумориду чашмашро кушод. Дид, ки аз Мушбача дарак* нест.

**боре** – рӯзе, замоне
**камин гирифтан** – пинҳон шуда истодан
**дарак** – хабар

1. Дар матн сухан дар бораи кӣ меравад?
2. Ин воқеа кай ва дар куҷо рух додааст?
3. Мошон чӣ орзу мекард?
4. Барои чӣ Мошон Мушбачаро нашинохт?
5. Мушбача сода будани Мошонро чӣ тарз фаҳмид?
6. Мушбача Мошонро чӣ тавр фиреб дод?
7. Мушу гурбабозӣ чӣ гуна бозӣ будааст?
8. Ба фикри шумо, Мошон фиреб хӯрдани худро ба гурбаҳои калон мегӯяд, ё не? Чаро?
9. Агар Мошон бори дигар Мушбачаро бинад, чӣ кор мекунад? Барои чӣ?
10. Оё шумо ҳам боре фиреб хӯрдаед? Он дарси ибрат шуд?

11. Дар бораи фиреб хӯрдани худ ба касе нақл кардаед? Чаро?

12. Ба рафтори Мошон чӣ хел баҳо медиҳед?

13. Ба рафтори Мушак-чӣ?

14. Оё фиреб додан кори хуб аст? Чаро?

15. Агар Мушак Мошонро фиреб намедод, ба ӯ чӣ ҳодиса рӯй медод? Дар ин ҳолат фиреб додан кори хуб аст, ё нохуб?

1. Матнро аз рӯйи нақшҳо бихонед. Ба оҳанги гуфтори симоҳои матн риоя кунед.

2. Мазмуни матнро муфассал ва мухтасар нақл кунед.

3. Матнро бори дигар бихонед. Ҷадвали зерро пур кунед.

| **Чӣ?** | **Кай?** | **Дар куҷо?** | **Чӣ кор кард?** |
|---|---|---|---|
| Мошон | рӯзе | дар таҳхона | муш пойид. |
| Мошон | | | |
| Мушак | | | |

4. Монанди намуна чанд ҷумла тартиб бидиҳед.

| **Кӣ?** | **Кай?** | **Дар куҷо?** | **Чӣ кор кард?** |
|---|---|---|---|
| Анис | бегоҳӣ | дар хонаашон | китоб хонд. |

5. Ба саволҳо ҷавоб бинависед.

Барои чӣ Мошон Мушбачаро нахӯрд?

Чаро Мушбача Мошонро фиреб дод?

Мушбача Мошонро чӣ тарз фиреб дод?

**1. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ бинависед.**

а) ...Мошон муш доштанӣ шуд.

б) Мошон ба... даромад.

**2. Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд?**

(*Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред*)

А. Гурбаҳо ва гурбача

Б. Мошон ва Мушбача
В. Мошон, гурбачаи сода
Г. Гурбаҳо ва Мушбача

**3. Чаро Мошон Мушбачаро нахӯрд?** (*Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред*).

А. Дилаш ба Мушбача сӯхт.
Б. Мушбача вайро фиреб дод.
В. Зӯраш ба Мушбача нарасид.
Г. Мехост, ки бозӣ кунад.

**4. Чаро Мушбача Мошонро фиреб дод?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред).

А. Мошон мушро намешинохт.
Б. Мушбача барои аз марг наҷот ёфтан Мошонро фиреб дод.
В. Онҳо бозӣ карданд.
Г. Мошон сода буд.

**5.** Дар ҷумлаи **"Мошон чашмашро кушода дид, ки аз Мушбача дарак нест."** таркиби **"аз Мушбача дарак нест"-ро чӣ тавр мефаҳмед?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред).

А. Аз Мушбача хабаре нест.
Б. Мушбача фиреб кардааст.
В. Мушбача аз дарича гурехтааст.
Г. Мушбача пинҳон шудааст.

**6. Калимаҳоро бо шарҳашон мувофиқ гузоред.**

| | |
|---|---|
| 1. боре | А. хабаре |
| 2. камин гирифтан | Б. рӯзе, замоне |
| 3. дарак | В. пинҳон шуда истодан (дар интизори дастгир кардани чизе) |

**7. Фикри асосии матн дар кадом ҷумла ифода ёфтааст?** (*Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред*).

А. Аз шахсе, ки туро фиреб медиҳад, ҳушёр бош.

Б. Пеш аз кореро кардан маслиҳат пурс.

В. Ба ҳеҷ кас бовар накун.

Г. Бо мардуми доно ҳила ба кор намеояд.

## 18. ТӮБ

*Матнро бихонед ва бигӯед, ки бачаҳо Искандарро барои чӣ розӣ карданд? Чӣ тавр? Ба кадом мақсад? Барои чӣ?*

Дар майдони варзишии деҳа бачаҳо футболбозӣ мекарданд, вале бозиашон зуд-зуд қатъ мешуд. Тӯб байни пойҳо монда, пачақ мешуд, нағз намеғелид ва ба нишон намерасид. Чунки тӯби чарминашон сӯрох дошт.

Ҳамин вақт Искандар тӯби нави футбол дар бағал назди бачаҳо омад. Ҳама ба сӯйи ӯ давиданд.

– Биё, футболбозӣ кунем, – таклиф кард Бадал.

– Даста ҳам тайёр, – сухани ӯро қувват дод Ҳоҷӣ.

– Мо аллакай ду тақсим шудем, – бори дигар почаи шимҳояшро барзада, ба гап ҳамроҳ шуд Раҷаб. – Ҳой, Мурод, рав, ту – дарвозабон!

Аммо аз Искандар садое набаромад...

– Биё, бо ана ин чархак бозӣ кун, – чархи велосипедро дароз карда гуфт Раҷаб. – Чархаки зӯр. Худам аз велосипеди акоям кушода гирифтам. Мо бо тӯби ту футболбозӣ мекунем, баъд бармегардонем.

Искандар бо ҳавас ба чархак нигарист. Чархак ялаққос мезад. Агар Искандар соҳиби чунин чархак мешуд, ҳама ҳавас мекарданд. Вале тӯб ба назари Искандар беҳтар намуд.

– Бо сангпушт иваз намекунӣ? – хоҳиш кард Ҳоҷӣ. – Сангпушти ман ром шудагӣ. Ту бо сангпушту мо бо тӯб бозӣ мекунем.

Искандар чанд вақт боз дар орзуи сангпушт буд. Баъди ин таклиф, ҳатто сангпуштро дар дасти худ ҳис карда, табассум намуд. Аммо аз тӯб дил канда наметавонист.



– Ту тӯбатро ба мо деҳ, ман ба ту бодбаракро медиҳам, – бодбаракашро дароз карда, илтиҷо намуд Мурод. – Мепарронию маза карда, тамошо мекунӣ...

Мурод бодбаракро ба ӯ дод. Искандар бодбаракро даст-даст карда дид. Бодбарак ба ӯ маъқул шуд. Вале ба назараш тӯб нағзтар намуду розӣ нашуд.

– Не, ман тӯбамро ба ҳеҷ чиз иваз намекунам, – қатъӣ гуфт Искандар. – Ҳамин хел диҳед, майлаш, мегирам.

– О-ҳо! – масхара кард Ҳоҷӣ.

Искандар аз сангпушту чархак ва бодбарак чашм намеканд.

– Рафтем, бачаҳо, монед, ба чизи ҳамин хасис кордор нашавед, – гуфт Раҷаб.

Бачаҳо боз бо тӯби сӯрохи худ машғули бозӣ шуданд. Искандар тӯб дар даст дар ҷояш хомӯш монд.

*Б. Бойев*

1. Бачаҳо дар куҷо бозӣ мекарданд?
2. Барои чӣ бозӣ зуд-зуд қатъ мешуд?
3. Чаро бачаҳо ба сӯйи Искандар давиданд?
4. Оё Искандар розӣ шуд, ки тӯбро бо чизҳои дигар иваз кунад? Барои чӣ?
5. Барои чӣ Искандар дар ҷояш хомӯш монд?
6. Агар Искандар тӯбро медод, минбаъд чӣ воқеа рух медод?
7. Агар ба ҷойи Искандар мебудед, чӣ кор мекардед?
8. Ба ҷойи бачаҳо-чӣ?

1. Матнро аз рӯйи нақшҳо бихонед. Ба оҳанги гуфтори симоҳои матн риоя кунед.
2. Бигӯед, ки бачаҳо Искандарро барои чӣ розӣ мекунонданд.
3. Мазмуни матнро нақл кунед.

«Суханони симои матнро ёб!» Шумо аз дарсҳои гузашта бо шарти бозӣ шиносед.

1. Матнро бори дигар бихонед ва ҷадвалро монанди намуна пур кунед.

| **Киҳо?** | **Кай?** | **Дар куҷо?** | **Чӣ кор карданд?** |
|---|---|---|---|
| Бачаҳо | бегоҳӣ | дар майдони варзишӣ | футболбозӣ карданд. |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

2. Матнро бори дигар бихонед. Ҷадвали зерро пур кунед.

| Кӣ? | Кай? | Дар куҷо? | Чӣ кор кард? |
|---|---|---|---|
| Искандар | бегоҳӣ | дар майдонча | тамошо кард. |

3. Ба саволҳо ҷавоб бинависед.

- Барои чӣ бачаҳо Искандарро розӣ кунондан мехоҳанд?
- Бачаҳо чӣ тарз Искандарро розӣ мекунонданд?
- Чаро Искандар тӯбашро надод?

**1. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ бинависед.**
а) Искандар .............. ба чархак нигарист.
б) Бачаҳо боз бо тӯби ............ худ машғули бозӣ шуданд.

**2. Дар кадом қатор симои асосии матн оварда шудааст?** (*Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред*).

А. Раҷаб
Б. Мурод
В. Искандар
Г. Бадал

**3. Чаро Искандар тӯбашро надод?** (*Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред*).

А. Искандар хасис буд.
Б. Искандар эҳтиёткор буд.
В. Искандар аз кафидани тӯб тарсид.
Г. Искандар бачаи зӯр буд.

**4. Пайдарҳамии дурусти мазмуни матнро муайян кунед** (Дар сутуни якум рақамҳои мувофиқ гузоред).

| | |
|---|---|
| | Ба Искандар чанбарак пешкаш карданд. |
| | Тӯби бачаҳо кафида буд. |
| | Ба Искандар бодбарак пешкаш карданд. |
| | Искандар тӯбашро ба ҳеҷ кас надод. |
| | Искандар бо тӯбаш омад. |
| | Ба Искандар сангпушт пешкаш карданд. |

## 19. МАКТАБ



Дар синни 6-солагӣ маро падарам ба мактаб бурд. Модарам гуфт:

– Туро дар вақти 4-сола, 4-моҳа, 4-ҳафта ва 4-рӯза буданат ба мактаб фиристода будем. Он вақтҳо ту бисёр хурд будӣ. Дили ман ба ту месӯхт, ки дар мактаб азоб мекашӣ. Бинобар ин туро аз мактаб гирифтем. Акнун хуб кӯшиш карда хон, то ки ба ҳамсолонат баробар шавӣ.



Ба ман ин тавсияи* модарам хуш омад. Ман кӯшиш мекардам, ки ҳар чи зудтар сабақ* омӯхта, бо ҳамсолонам баробар шавам ва ҳатто аз онҳо гузарам.

Ман ба мактаб даромадам. Дар як синфхона бачагони аз 4-сола то 12-сола ҷамъ шуда буданд.

Пас, омӯзгор маро рӯ ба рӯйи худ дузону шинонда, тахтачаро наздам гузошту ба ман гуфтани “Аъузу биллоҳ” ва “Бисмиллоҳ”-ро супорид. Азбаски падарам пешакӣ ба ман ёд дода буд, бедушворӣ талаффуз кардам. Омӯзгор хурсанд шуд. Бо ҳамин падарам ба хона баргашт ва ман дар мактаб мондам...

Ман дар дарсҳо мунтазам* иштирок намуда, то ба абҷадхонӣ* расидам. Рӯзе падарам ба ман гуфт:

– Акнун ки ту абҷадхон шудӣ, ман ба ту ҳисоби абҷадро ёд медиҳам.

Падарам тахтачаи абҷад навишташударо ба пешам гузошт. Аз он тахтача ҳарфҳоро ба ман нишон дода мепурсид:

– Ин чист? Инаш-чӣ?

Ман ба пурсишҳои падарам ҷавоб дода натавонистам, зеро чӣ будани он чизҳоро касе ба ман нишон надода буд.

Падарам гуфт:

– Охир, ҳамин рӯзҳо ту дар мактаб чӣ хонда истодаӣ? Халифаат* ба ту ҳар чизро тӯтивор ёд кунонидаанд, аммо ҳеҷ чизро ёд надодаанд. Имрӯз ту ба мактаб нарав!...

Рӯзи дигар маро модарам ба мактаби духтарона бурд. Ман дар ин мактаб “Ҳафтяк”-ро тамом кардам. “Қуръон”-ро хатм намудам, “Чаҳоркитоб”-ро ҳам хондам. Вале хатнависиро бошад, ҳеҷ наметавонистам. Он вақт ман даҳсола будам. Ҳисоби абҷадро ба ман падарам ёд дод.

*Садриддин Айнӣ*

**тавсия** – маслиҳат
**сабақ** – дарс, вазифа
**мунтазам** – ҳамеша
**абҷадхонӣ** – алифбохонӣ
**халифа** – ба маънои омӯзгор

1. Дар матн сухан дар бораи хониши кадом шахси шинохта рафтааст?
2. Чаро модар дар ташвиш буд? Садриддин дар мактаб чӣ тавр таҳсил мекард? Барои чӣ ин тавр фикр мекунед?
3. Чаро падараш Садриддинро аз мактаби писарона гирифт?

абҷадхонӣ, Ҳафтяк, Қуръон,
Чоркитоб, падарам, ҳарф

4. Дар он давра чанд навъи мактаб мавҷуд будааст? Оё, дар замони мо ин гуна мактабҳо ҳастанд? Барои чӣ?
5. Ҳангоми иҷрои вазифаи хонагӣ падару модар ба шумо чӣ гуна тавсияҳо медиҳанд?

1. Аз матн бандеро ёбед, ки исботи таҳсили хуби Садриддин аст.
2. Ҳисоб кунед, ки чор солу чор моҳу чор ҳафтаю чор рӯз чанд моҳу рӯзро ташкил медиҳанд.
3. Бигӯед, ки баъди чанд моҳи аз мактаб гирифтан падараш Садриддинро бори дуюм ба мактаб овард.



Мазмуни ҳикояро дунафарӣ дар рӯ ба рӯйи ҳамдигар истода, аз номи худатон нақл кунед. Ба ҷойи калимаи **ман** калимаи “**Садриддин**”-ро истифода баред.
***Масалан:*** Садриддинро дар синни шашсолагӣ падараш ба мактаб бурд. Модараш мегуфт: ....

## 20. ШАҲРИ ДУШАНБЕ

1. Ба саволҳо ҷавоб бинависед.
   • Кишвари мо чӣ ном дорад?
   • Пойтахти Тоҷикистон кадом шаҳр аст?
2. Тарзи қироати шеърро бо ҳамсинфон муҳокима кунед. Онро дар хотир нигоҳ доред!
   • Як маротиба матнро бодиққат мустақилона бихонед. Кӯшиш кунед, ки чӣ навиштани муаллифро хуб бифаҳмед.
   • Матнро бори дигар бо овози баланд бихонед. Шеърро ба қисмҳо ҷудо кунед.
• Дар ҳар қисми шеър калимаи асосиро ҷудо кунед. (Ин калимаҳо фикри асосиро ифода мекунанд).
• Шеърро бо кадом оҳанг хонданӣ ҳастед? Барои ин

мисраъҳои шеърро якчанд маротиба бо овози баланд бихонед ва оҳанги мувофиқро интихоб кунед.

*Матнро бихонед. Ба қоидаҳои боло риоя кунед.*

## АҶАБ ШАҲРИ ДИЛОРОӢ, ДУШАНБЕ

Аҷаб шаҳри дилороӣ, Душанбе,
Хаёлам, зеби дунёӣ, Душанбе.
Шудам сарсабз дар оғӯши меҳрат,
Чу дил дар синаам ҷойӣ, Душанбе.
Ба гирдат ҳалқа баста кӯҳсорон,
Туро гардида ҳомию нигаҳбон.
Ҳамеша то ки бошӣ сабзу хуррам,
Зи дил ҷорӣ намуда чашмасорон.
Аҷаб шаҳри дилороӣ, Душанбе,
Хаёлам, зеби дунёӣ, Душанбе.

*Боқӣ Раҳимзода*

**дилороӣ** – дилписандӣ, зебоӣ
**сарсабз** – хушбахт ва осудаҳол
**оғӯши меҳрат** – канори меҳрубоният
**ҳомӣ** – ҳимоятгар, пуштибон

1. Шоир дар матн дар бораи чӣ сухан меронад?
2. Барои чӣ Душанберо “зеби дунёӣ” мегӯяд?
3. Ба фикри шумо, шеърро бо кадом оҳанг хондан мувофиқ аст? Бо оҳанги шодӣ ё ғаму андуҳ? Барои чӣ?
4. Шоир муносибати худро ба шаҳри Душанбе ба воситаи кадом калимаҳо ифода кардааст?

1. Тарзи ифоданок хондани шеърро бо ҳамсинфон машқ кунед.
2. Ин шеърро оҳангсозон ба оҳанг даровардаанд. Бо ёрии омӯзгор оҳангашро ёфта, бисароед.

3. Ду мисраи аввали шеърро бинависед ва дар бораи тарзи навиштани мисраъҳои шеърӣ маълумот бидиҳед.
**Намуна.** Аввали сатрҳои шеър бо ҳарфи калон навишта мешавад.
4. Аз манзараи зодгоҳи худ таассуротатонро бигӯед.
5. Яке аз манзараҳои зебои диёратонро тасвир кунед.

## 21. ХУШ ОМАДЕД БА ШАҲРИ ДУШАНБЕ!

Душанбе пойтахт ва калонтарин шаҳр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Душанбе ҷойҳои диданиву дилрабои зиёд дорад. Хиёбони Рӯдакӣ яке аз хиёбонҳои васеъ ва зеботарини шаҳри Душанбе мебошад. Хиёбонро муҷассамаи боҳашамати Исмоили Сомонӣ, кохи Ваҳдат, Қасри Президент, Академияи илмҳои Тоҷикистон зеб додаанд.

Биноҳои донишгоҳҳо, муассисаҳои илмию фарҳангӣ ва хизмати маишӣ асосан дар ду канори хиёбони Рӯдакӣ ҷойгиранд. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии



омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шоҳтемур, марказҳои савдо ва тарабхонаҳои зиёде аз ҷумлаи онҳоянд.

**хиёбон** – роҳи рости васеъ дар шаҳр
**муҷассамаи боҳашамат –** ҳайкал ё пайкараи бузург
**сафоратхонаҳои хориҷӣ** – бино, идораи сафирони давлатҳои дигар
**донишгоҳ** – мактаби олӣ, ки дар он донишҷӯён таҳсил мекунанд
**муассисаҳои илмию фарҳангӣ** – театр, китобхона, толорҳои киною консертӣ
**муассисаҳои хизмати маишӣ** – мағоза, маркази савдо, дорухона, ошхона

1. Дар матн сухан дар бораи чӣ меравад?
2. Кадом ҷойҳои тамошобоб номбар шудаанд?
3. Калонтарин хиёбони шаҳри Душанбе чӣ ном дорад?
4. Дар канори он чиҳо ҷойгир шудаанд?



1. Хондани матнро бо ҳамсинфон машқ кунед.
2. Аз матн исмҳои хосро бинависед. Чаро дар аввали исмҳои хос ҳарфи калон навишта шудааст, шарҳ бидиҳед.

Имлои калимаҳои зеринро дар хотир гиред:

Муассиса, муҷассама, тиббӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикис-тон ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино.

4. Матнҳои “Аҷаб шаҳри дилоройӣ, Душанбе” ва “Хуш омадед ба шаҳри Душанбе!”-ро дар нақша муқоиса кунед.




**1. Дар кадом қатор калимаҳо беғалат навишта шудаанд?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред).*

А. Садриддин, муасисса, муҷасама, тиббӣ
Б. Садриддин, муассиса, муҷасамма, тибби
В. Садриддин, муассиса, муҷассама, тиббӣ
Г. Садридин, муасиса, муҷасама, тибӣ

**2. Ба муассисаҳои илмию фарҳангӣ ва хизматию маишӣ аз сутуни дуюм калимаҳо мувофиқ кунед.**

| | |
|---|---|
| 1. Муассисаҳои илмию фарҳангӣ<br>2. Муассисаҳои хизмати маишӣ | А. ошхона<br>Б. театр<br>В. дорухона<br>Г. осорхона<br>Ғ. маркази савдо<br>Д. донишгоҳ |

## 22. ДЕҲАИ МО

Туғмазор яке аз деҳаҳои хушманзараи шаҳри Норак аст. Атрофи деҳаро кӯҳи Нор, дараҳои Полез, Хушкак, Олуча, Туғ ва Хуч зеб медиҳанд. Дар ин мавзеъҳо навъҳои гуногуни гиёҳҳо мерӯянд.

Дар миёнҷойи деҳаи Туғмазор мактаб воқеъ аст. Аз канори деҳа дарёи Вахш ҷорист. Дар болотари деҳа аз дили кӯҳи сангин чашмаи Бибизубайда фаввора мезанад. Оби чашма хосияти шифобахш дорад. Ин об ба бемории кабудсулфа дармон мебахшад ва барои ҳазми хӯрок фоидаовар аст.

*Абдуллоҳ Алӣ*

1. Дар атрофи деҳаи Туғмазор чиҳо ҷойгиранд?
2. Аввали номи деҳа, кӯҳ, дара, дарё, чашма бо чӣ гуна ҳарф сар шудааст? Барои чӣ?

1. Дар бораи манзараи зодгоҳатон чанд сухан бигӯед.
2. Зодгоҳро боз бо кадом калимаҳо иваз кардан мумкин аст? *Бинависед.*



3. Аз банди якуми матн исмҳои хосро бинависед.

4. Дар бораи деҳа ё маҳалли зисти худ ҳикояи хурд бинависед.

***Намуна:***

Хуш омадед ба деҳаи мо – деҳаи Заргар!

Деҳаи мо дар доманаи кӯҳ воқеъ аст. Аз чор тарафи деҳа чашмаҳои зулол бо обҳои хунук ҷорӣ мешаванд. Дар деҳаи мо қадимтарин қалъаи ноҳия воқеъ аст. Мардуми зиёд аз гӯшаҳои гуногуни кишвар барои дидани ин қалъа меоянд.

Шуморо низ ба деҳаи Заргар даъват мекунем! Биёед, аз оби зулоли чашмаҳои деҳаи Заргар ҳаловат баред!



5. Манзараҳои ҳар ду деҳаро муқоиса кунед.

6. Аз рӯйи мазмуни расм иншои хурд бинависед.

# III. ОДОБИ ҲАМИДА. ИСМ





1. Расмҳои ҳар ду гӯшаро аз назар гузаронед ва ба саволҳои зери расмҳо ҷавоб гардонед.

## 23. ИДИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОН

| Кӣ?, Чӣ? | Киҳо?, Чиҳо? |
|---|---|



1. Дар гӯшаи якум китоб, харгӯш ва писарбача чанд-тоианд?

2. Адади расмҳои гӯшаи дуюмро бо якум муқоиса кунед. Адади исмҳои кадом гӯша зиёд аст? Чаро?

1. Исмҳои зеринро муқоиса кунед ва бинависед.

**омӯзгор** – омӯзгорон
**даст** – дастҳо
**анор** – анорҳо
**хонанда** – хонандагон
**қалам** – қаламҳо
**хона** – хонаҳо

*2. Ба ҷуфти калимаҳои боло савол бигузоред.*

**Кӣ?** – омӯзгор
**Киҳо?** – омӯзгорон
**Чӣ?** – даст
**Чиҳо?** – дастон

**Исмҳо танҳо ва ҷамъ мешаванд. Исми танҳо якто будани шахс ё ашёро мефаҳмонад. Исми ҷамъ бисёр будани шахс ё ашёро мефаҳмонад.**

## БА МУАЛЛИМ

Азизу меҳрубони ман, муаллим,
Сафобахши* равони ман, муаллим.
Чу ширинӣ ту шаҳди* ҳарфҳоро
Ниҳодӣ бар забони ман, муаллим.
Зи нури меҳри ту гардид равшан
Замину осмони ман, муаллим.
Зи илми туст андар зиндагонӣ
Ҳама тобу тавони* ман, муаллим.
Чӣ рангину мунаввар* гашту зебо
Зи файзи ту ҷаҳони ман, муаллим.
Бимонад ёди неку равшани ту
Чу нуре дар ниҳоди* ман, муаллим.

*Камол Насрулло*

**сафобахш** – покӣ, тозагӣ, осоиш
**тобу тавон** – қувват, тавоноӣ
**мунаввар** – пурнур, равшан
**ниҳод** – дил
**шаҳд** – асал, мунаввар,



• Калимаҳоро бонавбат ба ҳамдигар бихонед ва бинависед.
• Дафтарҳои худро иваз кунед. Дурустии навиштаҳои ҳамдигарро бисанҷед.
• Агар ғалатҳо бошанд, фаҳмонда, ислоҳ кунед.

1. Имлои калимаҳои зеринро дар хотир бигиред.

| А | Б |
|---|---|
| ширинӣ | зиндагонӣ |
| ниҳодӣ | мунаввар |
| муаллим | ниҳоди ман |
| меҳрубони ман | шаҳди ҳарфҳо |
| замину осмони ман | сафобахши равони ман |

2. Ба саволҳои ҷадвали якум ҷавоб бигӯед.

| | |
|---|---|
| Кӣ? | омӯзгор |
| Чӣ хел? | |
| Чӣ кор мекунад? | |
| Дар бораи ӯ чӣ фикр доред? | |
| Калимаи ҳаммаъно | |

3. Бахшида ба Рӯзи омӯзгор муаллими худро аввал ба таври шифоҳӣ, баъд хаттӣ табрик кунед.

***Намуна:***

Устоди муҳтарам!

Шуморо бо Рӯзи омӯзгор табрик гуфта, бароятон умри дароз ва саломатӣ орзу дорем.

Бо орзуи нек, хонандагони синфи 3 “Б”

# 24. СОАТИ БИБИАМ



Дар хонаи мо соат ҳаст. Вале бибиам аз рӯйи “соат”-и аз ҳама қадимтарин – фарёди хурӯс кор мекунад. Ҳамин ки хурӯсон бори аввал чеғ мезананд, бибиам китфамро ҷунбонда мегӯяд:

– Вақти хестан шуд, ҷони бибӣ!

Аммо ҳоло ҳаво торик аст. Мехоҳам камакаки дигар даруни ҷогаҳи гарм бошам. Аммо бибиам аз хоб хестааст ва маро ба хестан маҷбур мекунад.

– Саҳар хестан хосияти хуб дорад. Саҳарӣ барвақт аз хоб бихезӣ, дилат кушода мешавад, корат барор мегирад, тану ҷонат осоиш меёбад. Саҳар китоб хонӣ, дар хотират беҳтар нақш мебандад...

Агар соатҳои муқаррарӣ барои хезондани мардум фақат як бор занг зананд, соатҳои ҷондор, яъне хурӯсон, боз ду бори дигар овоз мебароранд: бори дуюм, вақте ки субҳ медамад ва олам тамоман равшан мешавад; бори сеюм, вақте ки Офтоб ба миёни осмон наздик мерасад.

Бибиам боз таъкид мекунад, ки хурӯсон бо чеғи якум мегӯянд: Одамони ҳушёрхоб аз хоб бархезед! Бо чеғи дуюм: Коргарон, бархезед! Бо чеғи сеюм: Танбалон бархезед. Охир, танбалон, беҳавсалагон, коргурезон хеле дер аз хоб мехезанд.

Ана ҳамин хел ақидаҳо дорад бибии сахтгири ман. Як ҷиҳати тани солим ва пешравии корҳои маро аз он медонад, ки бо чеғи нахустини хурӯсон аз файзу баракати субҳидам баҳравар мешавам.



1. Соати бибӣ чӣ ном дорад?
2. Хурӯсон пагоҳӣ чанд бор чеғ мезананд?
3. Шуморо ҳар саҳар кӣ аз хоб бедор мекунад?
4. Саҳархезӣ ба шумо маъқул аст ё не? Барои чӣ?
5. Саҳархезӣ чӣ хосият дорад?

6. Агар шумо хурӯс медоштед, ба вай чӣ ном (лақаб) мегузоштед?
7. Дар хонаводаатон дар бораи саҳархезӣ чӣ мегӯянд?

1. Матни зеринро бинависед.
Дар аввали номи ҳайвонҳо чӣ гуна ҳарф навишта шудааст? Барои чӣ?

Комил як гурба дорад, номаш – Алояк. Рӯзе Алояк бехабар аз саг ба ҳавлӣ даромад. Сагамон – Малла гурбаро пеш кард. Алояк ба дарахт баромад ва аз Малла халос шуд.

2. Дар бораи ҳайвонҳои хонагии дӯстдоштаатон ба таври шифоҳӣ ҳикоя тартиб бидиҳед.

3. Имлои калимаҳои зеринро ба хотир гиред.

| **Сутуни А** | **Сутуни Б** |
|---|---|
| 1. рӯз | 1. ҷӯроб |
| 2. дарозгӯш | 2. шӯроб |
| 3. рӯйхат | 3. фурӯхт |
| 4. ҷӯра | 4. Рӯдакӣ |
| 5. гӯш | 5. омӯзгор |

Калимаҳои **мӯза, хурӯс, нӯл, рӯйнавис, сӯзан, сӯзанӣ, кӯшиш, мӯр**ро дар кроссворд ҷой кунед. Ин амалро дар дафтар иҷро намоед.



**Ба ҷойи холӣ калимаи мувофиқро гузошта бинависед.**

Бибӣ аз рӯйи соати аз ҳама қадимтарин ________ кор мекунад.

А) садои гӯсола Б) садои булбул В) садои хурӯс

Хурӯс ______ бор чеғ мезананд.

А) 2 бор Б) 3 бор В) 1 бор

2. Ба саволҳо ҷавоб бинависед.

Шуморо дар хона ҳар саҳар кӣ аз хоб бедор мекунад?

Агар шумо барвақт аз хоб хезед, чӣ кор мекунед?

## 25. БЕҲТАРИН ВА БАДТАРИН ЧИЗ

Хӯҷаине ба хизматгораш мефармояд, ки барои меҳмонон хӯроки хуштаъм тайёр кунад. Хизматгор марди оқил буд. Ӯ барои омода кардани хӯрок аз бозор забон меорад. Хӯҷаин мепурсад:

– Чӣ овардӣ?

– Забон, – мегӯяд марди оқил.

Хӯҷаин ба ғазаб омада мегӯяд:

– Наход аз забон беҳтар хӯрдание набошад?

Мард мегӯяд:

– Забон одамонро ба якдигар муттаҳид мекунад. Ба воситаи забон мо ба ҳамдигар гуфтугӯ мекунем. Забон калиди дониш аст. Забон дар даҳон посбони сар аст.

Бори дигар хӯҷаин ба ӯ мефармояд, ки аз бозор чизи аз ҳама бадро биёрад. Мард аз бозор боз забон меорад. Хӯҷаин мепурсад:

– Чӣ овардӣ?

– Забон, – ҷавоб медиҳад марди оқил.

Хӯҷаин боз ба ғазаб омада мегӯяд:

– Боз забон?!

Мард ҷавоб медиҳад:

– Оре. Забон бадтарин чиз аст. Забон сабаби ҳама найрангҳост. Забон дурӯғ мебофад, ҳақиқатро пинҳон мекунад, туҳмат ва ғайбат мекунад. Забон хашму ғазаб меорад, дашном медиҳад, дил meранҷонад. “Забони сурх сари сабз медиҳад барбод”.

Ин гуфтаҳои хизматгор ба хӯҷаин писанд меояд. Ӯ минбаъд хизматгорашро маслиҳатгари худ интихоб мекунад.



1. Хизматгор ба саволи хӯҷаин дар бораи таърифи забон чӣ мегӯяд?
2. Хизматгор ба саволи хӯҷаин «Боз забон?!» чӣ ҷавоб медиҳад?
3. Чаро хӯҷаин хизматгорашро маслиҳатгари худ интихоб кард?
4. Чаро ба ҳикоя “Беҳтарин ва бадтарин чиз” сарлавҳа гузошта шудааст?



1. Хусусиятҳои неку бади забонро дар ҷадвали зерин бинависед. Ин амалро дар дафтар иҷро кунед.

| **Забон** | |
|---|---|
| **Нек** | **Бад** |
| дӯстӣ, муттаҳидӣ... | найранг, туҳмат... |

2. «Забон дар даҳон посбони сар аст»-ро шарҳ бидиҳед.



Дар нақши хӯҷаин ва хизматгор бозӣ кунед.

## НАСИҲАТ

Забонро барои сухани нек бояд кушод ва барои ҳафт чиз бубаст. Забонро аз чунин гуфтор мебояд баст:

– аз гуфтани дурӯғ, ки дурӯғгӯй душман аст;

– аз ваъдаи хилоф*, ки сифати дурӯягон аст;

– аз ғайбат ва туҳмат, ки амали бадахлоқон аст;

– аз мунокиша*, душманӣ, суханчинӣ ва айбгӯйӣ, ки онҳо аз васвасаи шайтонанд;

– аз таърифи худ, ки нишонаи худписандист;

– аз дуои бад ва ҳақорат, ки бадлафзист;

– аз мазоҳу масхара ва ҳазле, ки боиси ранҷиш бошад.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

**ваъдаи хилоф** – ваъдаи бардурӯғ
**мунокиша** – ҷанҷоли миёни ҳамдигар

Панди зеринро бинависед ва аз ёд кунед.

Сухан заҳру позаҳру* гарм асту сард,
Сухан талху ширину дармони дард.

*Абӯшакури Балхӣ*

**позахр** – нӯшдору, доруи зидди захр

1. Ба назари шумо, талхтарин чиз чист?
2. Зери мафҳуми ширинтарин чиз чиро мефаҳмед?
3. Магар сухан гарму сард мешавад? Мисол биёред.

## 26. МАВРИДИ САЛОМ

Матнро бихонед. Маврид ва одоби саломро номбар кунед.

Агар пурсанд, ки дар кадом маврид салом бояд кард, бигӯй:

– чун бародарро бубинӣ;
– дар роҳ ба одамон рӯ ба рӯ биёӣ;
– ба назди одамон даройӣ;
– ба мақбарае бирасӣ;
– ба хонаи худ бидаройӣ, ба аҳли хонавода салом бояд кард.

Агар пурсанд, ки дар кадом маврид салом бояд накард, бигӯй:

– дар ҳаммом;
– бар касе, ки ба қазои ҳоҷат машғул бошад;
– ба қуръонхон;
– ба намозгузор.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

1. Чаро салом медиҳем?
2. Дар кадом маврид салом бояд карду дар кадом маврид не?
3. Ба ақидаи шумо, боз дар кадом маврид салом равосту дар кадом маврид не?

## ЗУФ

Зуф дар боғҳо, киштзорҳо, лаби ҷӯй ва сари чашмаҳо месабзад. Дар тиб барг, тухм, ширеи онро истифода мебаранд. Барги зуфро дар соя мехушконанд. Чойи онро барои муолиҷаи кабудсулфа, дарди дандон, захми меъдаву рӯда кор мефармоянд.

1. Зуф дар кадом ҷойҳо месабзад?
2. Хосиятҳои шифобахшии зуфро бигӯед.
3. Чаро зуфро дар соя мехушконанд?

1. Матни болоро бинависед.
2. Ба исмҳо савол гузоред. Бигӯед, ки байни исмҳо кадом аломат гузошта шудааст.

# 27. ОДОБИ САЛОМ

Агар пурсанд, ки одоби салом кардан кадомҳост, бигӯй:

– пок будан;

– савора бар пиёда, истода бар нишаста ва нишаста бар такязада салом кунад;

– он ки хурдтар аст, бояд бар бузургтар ва ақал бар аксар салом кунад;

– дар салом кардан рӯй хандон ва пешонӣ кушода дорад;

– ба ишорат салом накунад, балки ба лафз (бо овози шунаво) бигӯяд, ки “Ассалому алайкум”;

– чун ду ба якдигар рӯ ба рӯ оянд, вохӯрӣ кунанд.

Агар пурсанд, ки одоби ҷавоб додан кадомҳост, бигӯй:

– он ки ба тозарӯйӣ ҷавоб диҳад;

– бояд, ки ҷавобдиҳандаи салом тозаву озода ва покиза бошад;

– агар гурӯҳе истода бошанд, як нафар ҷавоби салом диҳад, басанда аст;

– ҷавоби салом бо лафз (бо овози шунаво) диҳанд, на бо ишорат, то ки саломкунанда бишунавад.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

1. Одоби салом ва ҷавоб ба саломро машқ кунед.

2. Имлои калимаҳои зеринро дар хотир бигиред:
**Ассалому алайкум, тозарӯйӣ, саломкунанда, ҷавобдиҳанда, такязада, вохӯрӣ, гурӯҳ, рӯй, бигӯй.**

**1. Дар кадом қатор калимаҳо беғалат навишта шудаанд?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред).*

А. ассалому алайкум, тоза рӯйӣ, салокунанда, такиязада

Б. асалому алайкум, тозарӯйи, салом кунанда, такийзада

В. асалому алайкум, тозарӯӣ, саломкунанда, такя зада
Г. ассалому алайкум, тозарӯйӣ, саломкунанда, такязада

**2. Дар кадом қатор калимаҳо беғалат навишта шудаанд?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред).*
А. вохӯрӣ, гӯрӯҳ, рӯй, бигӯй
Б. вохӯри, гуруҳ, руй, бигуй
В. вохӯрӣ, гурӯҳ, рӯй, бигӯй
Г. вохури, гӯрух, рӯй, бигуй

**3. Дар куҷо салом намекунанд?** *(Ҳарфҳои ҷавоби дурустро дар доира гиред).*
А. дар ҳаммом
Б. дар роҳ
В. дар мақбара
Г. дар ҳоҷатхона

**4. Аввал кӣ бояд салом бигӯяд?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред).*
А. савора бар пиёда
Б. ҳама ба як нафар
В. хурд ба калонсол
Г. нишаста ба рост

## 28. БАЧАҲОИ ХУБ

**Хислати бачаи хуб ва бадро бинависед.**

| Бачаи | |
|---|---|
| **хуб** | **бад** |
| боодоб, меҳнатдӯст... | дурӯғгӯй, ҷангара... |

## БАЧАҲОИ ХУБ

– Чаро ашкат равон аст?
Ба ту чӣ шуд, писарҷон?–
Модар пурсид аз Акрам
Бо хотири парешон.

Акрам оҳе кашида,
Ба модараш бигуфто:
– Оҳ, ин қадар гандаанд
Бачаҳои синфи мо.

– Наход ҳамаи онҳо
Ганда бошанд, Акрамҷон?–
Ҳайрон-ҳайрон бипурсид
Модар табассумкунон.

– Ҳа, ҳамаашон ганда!
– Ҳатто Музаффарҷон ҳам?
– Албатта, вай ҳам ганда!
– Намеояд боварам.

– Ана, дирӯз ӯ чӣ гуфт:
“Аз паҳлуям хез, Акрам!
Дигар ман ҳамроҳи ту
Дар як ҷо намешинам”.

– Санавбар-чӣ, писарҷон,
Магар ӯ ҳам шуд ганда?
– Дар пеши муаллимон
Кард ӯ маро шарманда!

– Шавкат-чӣ? Вай ҳам ганда?
– Аз ганда ҳам гандатар!
Дурӯғгӯю нобовар,
Хабаркашу иғвогар.

Дар вақти занг имрӯз
Медонӣ, ӯ чиҳо кард?
Рафту хабар кашида,
Муаллимаро овард.

Тирезаро нишон дод,
Гуфт: –“Инро Акрам шикаст!”
Ана, дидӣ, очаҷон,
Вай чӣ қадар ганда аст!

Модар гуфто: “Писарҷон,
Онҳо айбе надоранд.
Бачаҳои бамаъни
Дар синфи ту бисёранд.”

*Алӣ Бобоҷон*

1. Акрам дар бораи ҳамсинфонаш ба модар чӣ гуфт?
2. Чаро модар ба суханони Акрам бовар накард?
3. Оё дар байни ҳамсинфони шумо ҳам Акрам барин хонандагон ҳастанд?
4. Ба онҳо чӣ маслиҳат медиҳед?

1. Суханҳои Акрамро дар бораи Музаффар, Санавбар ва Шавкат аз шеър ёфта, ба наср баргардонда бинависед. Нақлро ин тавр оғоз кунед:
Музаффар ба ман гуфт, ки......
2. Пандро хонда шарҳ бидиҳед ва бинависед.

Айби худ аблаҳ набинад дар ҷаҳон,
Бошад андар ҷустани айби касон.

3. Имлои *“Худамро месанҷам”*
Албатта, Музаффарҷон, омӯзгор, ӯ, дирӯз, имрӯз.

## 29. СУХАНИ СЕҲРНОК

Аз зинаи даромадгоҳи мактаб писараке лағжида, ба замин афтид. Вай Нодири муштзӯр буд. Азбаски Нодир бадҷаҳлу ҷангара буд, мо ӯро ҳамин тавр номидем.

Нодир, барои он ки дигарон ғалтиданашро набинанд, зуд аз ҷояш хесту зонуҳояшро аз барф тоза кард. Баъд мисли хурӯси ҷангара бошиддат ба сӯйи Ҳалим давид. Дар як дам бисёр ҳангоматалабон* ҷамъ шуда, мехостанд, ки ҷанги Нодиру Ҳалимро тамошо кунанд. Охир, Ҳалим бачаи бақувват, узви маҳфили гӯштингирони мактаб буд... Нодир ба Ҳалим наздик шуд. Ҳозир ба сари Ҳалим чунон мефурорад, ки...

Аҷабо, чиро мебинем? Ҳалим ба Нодир чизе гуфт, ки Нодир ба маънои “ҳеҷ гап не” бепарвоёна даст афшонду рафт. Вақти рафтанаш, ҳатто ӯ табассум мекард.

Ҳайрон шудем: Нодирро аз занозанӣ чӣ боздошт? Охир, ӯ тамоман ба ҷанг тайёр буд-ку?! Шояд ягон сухани сеҳрнок гуфта, ӯро аз аспи ҷаҳл фуроварда бошад? Он сухани сеҳрнок чӣ бошад?

Фаҳмидем. Медонед, Ҳалим ба Нодир чӣ гуфтааст?

“Узр ҷӯраҷон, қасдан не, нохост поятро зер кардам. Маро бубахш.”

*М. Неъматзода*

**ҳангоматалабон** – шахсоне, ки ҷамъомадҳои пурмоҷароро дӯст медоранд

1. Дар матн сухан дар бораи кадом сухани сеҳрнок мерафтааст?
2. Кӣ бахшиш пурсид?
3. Чаро бахшиш пурсид?
4. Ҳалим кӣ буд? Нодир кист?
5. Чаро ҳама дар гирди онҳо ҷамъ шуданд?
6. Оё гуфта метавонед, ки Ҳалим аз Нодир тарсид? Барои чӣ?
7. Агар Ҳалим узр намепурсид, давоми воқеа бо чӣ анҷом меёфт? Барои чӣ ин тавр фикр мекунед?
8. Ба рафтори онҳо чӣ гуна баҳо медиҳед?
9. Агар дар матн ҷумлаи охирон намебуд, маълум кардан мумкин буд, ки Ҳалим бахшиш пурсидааст?
10. Оё дар синф ва мактаби шумо чунин хонандагон ҳастанд?
11. Ба онҳо чӣ маслиҳат медиҳед?

1. Мазмуни матни «Сухани сеҳрнок»-ро нақл кунед.
2. Аз ҳаёт воқеаи ба мазмуни матн монандро мисол оварда, ҳикоя кунед. Ба гуфтору рафтори иштирокчиёни воқеа баҳо бидиҳед.

Рӯзе омӯзгоре ҳамроҳи шогирдонаш ба саҳро мерафт. Дар роҳ ду сагро диданд, ки бо ҳам ҷанг доштанд. Онҳо якдигарро чунон маҷрӯҳ карда буданд, ки қуввату мадорашон намонда буд.

Омӯзгор аз шогирдонаш пурсид: – Ба фикри шумо, кадоме аз ин сагҳо гунаҳкор аст? Шогирдон ҷавоб доданд, ки ҳар ду ҳам нодонанд. Агар яке аз инҳо хаёли ҷанг намедошт, аз ҷанги он дигарӣ халос мешуд, ин қадар маҷрӯҳ намешуданд.

Омӯзгор дар ҷавоби шогирдон таҳсин карда гуфт, ки агар

шумо ҳам бо якдигар ҷанг кунед, мардум шуморо нодон мегӯянд. Ҳар ду тарафи ҷангро гунаҳкор медонанд ва айб мекунанд.

*Садриддин Айнӣ*

1. Мазмуни матнро бо ҳикояи “Сухани сеҳрнок” муқоиса кунед.
2. Монанди намунаҳои зер ба ҳар қатор калимаю ифодаҳоро фикр карда бинависед.

Одоби салому хайрухуш: салом....

Одоби пурсидан ва хоҳиш кардан: эҳтиромона хоҳиш мекунам...

Одоби узр пурсидан: бубахшед ,...

Одоби миннатдорӣ: ташаккур...

3. Дар кадом мавридҳо калимаю ибора ва таркибҳои машқи болоро истифода мебаранд? *Бинависед.*

***Намуна:***

Ҳангоми вохӯрӣ салом мекунанд.

Барои ягон хато узр мепурсанд.

Барои кори нек ташаккур мегӯянд.

Аз касе чизеро пурсиданӣ шаванд, ҳатман бо эҳтиром хоҳиш мекунанд.

Ба таври шифоҳӣ ҳикояи хурде тартиб бидиҳед. Дар ҳикояи худ калимаҳои “салом”, “хайр”, “ташаккур”, “хоҳишмандам”, “бубахшед”-ро истифода баред.

Дарси имрӯзаро бо аҳли хонавода муҳокима кунед. Ҳамроҳи онҳо монанди машқи 2 рӯйхати нав тартиб бидиҳед.

## 30. ТИРАМОҲИ ЗАРРИНМӮ

1. Номи кадом меваҳоро медонед, бинависед.
2. Аз номи меваҳои навиштаатон 9-тоашро интихоб карда, дар ҷадвали зерин бинависед. Ин амалро дар дафтар иҷро кунед.

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

3. Матни шеърро ифоданок бихонед. Ба қоидаҳои хониш риоя кунед.

## ТИРАМОҲИ ЗАРРИНМӮ

Тирамоҳи зарринрӯ,
Тирамоҳи зарринмӯ,
Гӯям, ту ба кӣ монанд?
Ба арӯсаки хушрӯ!

Анори дона-дона,
Дилафрӯзу* дӯлона.
Харбузаҳои ширин,
Себаки сурхи хона.

Ранга ба ранга ангур,
Мурӯду ноки хушхӯр.
Қоқу* мавизу бодом
Ба ҳама созӣ манзур.*

Тирамоҳи заркокул,
Набошӣ гарчи пургул.
Аз ҳамаи фасли сол,
Ба ман ту ҳастӣ маъқул!

*Латофат Кенҷаева*

**дилафрӯз** – яке аз намудҳои нок
**қоқ** – зардолуи хушконидашуда, ғӯлинг
**манзур** – пешниҳод кардан

1. Монандӣ ва фарқи ин калимаҳоро муайян кунед: заррин – зарринмӯ, зарринрӯ; зар – заркокул.
2. Бо калимаҳои машқи 1 аввал ибора, баъд ҷумла тартиб дода, бинависед.

**Намуна:** тирамоҳи зарринмӯ. Фасли тирамоҳи зарринмӯ фаро расид.

3. Дар матни шеъри "Тирамоҳи зарринмӯ" сухан дар бораи кадом меваҳо меравад? Номи онҳоро бинависед.
4. Бо номи меваҳо ҷумлаҳо тартиб бидиҳед.

***Намуна:*** *Дар тирамоҳ анор, дӯлона, себ, ангур, мурӯд ва бодом мепазанд.*

5. Боз номи кадом меваҳоро медонед? Онҳоро номбар кунед ва ҷумла тартиб бидиҳед.

## ТИРАМОҲ

Омад фасли тирамоҳ,
Моҳу Офтоб камнамо.
Ҳам осмони беканор
Гаҳе шӯху беқарор.
Гаҳе софу беғубор,
Гаҳе хира, гаҳе тор.
Гаҳе борон меборад,
Аз наваҳо мешорад.
Замин чу қолини зар
Метобад андар назар.

*Замира Ҳоҷибоева*

1. Бигӯед, ки дар тирамоҳ обу ҳаво чӣ гуна аст.
2. Мувофиқи саволҳои зер ҳикояи хурд бинависед.

- Тирамоҳ чӣ гуна фасли сол аст?
- Дар тирамоҳ ранги баргҳои дарахтон чӣ хел мешаванд?
- Дар тирамоҳ кадом меваҳо мепазанд?
- Дар тирамоҳ ҳаво чӣ гуна аст?
- Шумо тирамоҳро дӯст медоред? Чаро?

# 31. ВИТАМИНҲО

1. Калима ва шарҳи онро бихонед. Мувофиқати онҳоро нишон дода бинависед.

**Намуна:** Микроб – хурдтарин организмест, ки фақат бо заррабин дида мешавад. Вай сабаби пайдоиши бемори ва гузаштани он аз як шахс ба шахси дигар мегардад.

| *Калима* | *Шарҳ* |
|---|---|
| **Витамин** | Моддаҳое, ки дар таркиби меваю сабзавот ва гӯшту равғани ҳайвонот вуҷуд доранд ва барои фаъолияти дурусти ҷисми инсон зарур аст. |
| **Вирус** | Хурдтарин организмест, ки бо заррабин дида мешавад. Вай сабаби пайдоиши бемори ва гузаштани он аз як шахс ба шахси дигар мегардад. |
| **Микроб** | Зарраҳои хурде, ки боиси сирояти бемори мешаванд. |

## ВИТАМИНҲО

Витаминҳо моддаҳои ҳаётан муҳиманд. Онҳо ба бадани одам асосан ба воситаи хӯрдани ғизо ворид мешаванд. Дар фасли баҳор организми одам беҳол мешавад ва барои муҳофизати он витамини зиёд лозим аст. Агар ба организм витамин нарасад, одам хаставу афгор мешавад. Барои ҳамин шахс бояд дар фасли баҳор меваю сабзавоти аз витамин бойро истеъмол кунад.

Дар тиб витаминҳоро бо ҳарфҳои лотини ишора мекунанд. A, B, C, P.

Витамини А барои қадкашӣ, пӯсти солим ва босира (чашм) зарур аст. Ин витамин дар сабзӣ, пиёзи кабуд, настаран, помидор, қаланфури булғорӣ зиёд аст.

Витамини В системаи асабро оромӣ бахшида, мӯйи сарро зебо ва мушакҳоро қавӣ мегардонад. Шумо мехоҳед, ки ҳамеша бақувват бошед, иштиҳоятон нағзу табъатон болида бошад? Пас ба шумо витамини В лозим аст. Ин витаминро аз сабзавоти ранги сабздошта ёфтан мумкин аст: бодиринг, карам, сабзӣ, сабзавоти тару тоза ва каду.

Витамини С организми инсонро аз микробу вирусҳо муҳофизат карда, ҳамеша солиму бардам нигоҳ медорад. Ин витамин барои солим нигаҳ доштани дандон низ ёрӣ мерасонад. Агар шумо хоҳед, ки шамол нахӯред, бардам бошед ва аз бемориҳо зудтар шифо ёбед, ба шумо витамини С лозим аст. Ин витамин дар лимӯ, афлесун, себ, киви ва қаланфур зиёд аст.

1. Чиро витамин мегӯянд?
2. Витамин дар таркиби чиҳо дида мешавад?
3. Витамини А барои чӣ даркор аст?
4. Он дар таркиби кадом меваю сабзавот дида мешавад?
5. Витамини В чӣ фоида дорад?
6. Он дар таркиби кадом меваю сабзавот дида мешавад?
7. Витамини С чӣ манфиат дорад?
8. Он дар таркиби кадом меваю сабзавот дида мешавад?

1. Матнро бори дигар бихонед ва аз рӯйи он ҷадвали зеринро пур кунед. Ин амалро дар дафтар иҷро кунед.

| ***Номи витамин*** | ***Дар кадом меваю сабзавот мавҷуд аст?*** | ***Чӣ фоида дорад?*** |
|---|---|---|
| **A** | | |
| **B** | | |
| **C** | | |

## 32. МЕВАЮ САБЗАВОТИ ТОҶИКИСТОН

1. Меваҳои Тоҷикистонро номбар кунед. Бо онҳо аввал ибора, баъд ҷумла созед.

**Намуна:** Себи сурх, себи зард, себи сабз, себи ширин, себи турш, себи хубонӣ, себи тиллоӣ, себи пешпазак... Ранги себи хубонӣ сурх аст.

*2. Сабзавоти Тоҷикистонро номбар кунед. Бо онҳо аввал ибора, баъд ҷумла созед.*

**Намуна:** Сабзии сурх, сабзии зард, сабзии ширин. Аз сабзии сурх ҳар гуна хӯриш тайёр мекунанд.

### МЕВА

**Себ** меваи маъмули иштиҳоовар буда, зеби ҳар дастархон аст. Себ сероб, хушхӯр, ширин буда, таркибаш аз витаминҳои В, С бой аст. Себ барои саломатӣ фоидаовар буда, хунро тоза ва зиёд мекунад. Он навъҳои гуногун дорад, ки маъмултарини онҳо хубонӣ, пешпазак, шакарак, турушак, крепсон, антонӣ, аштархонӣ мебошанд. Себро барои тайёр кардани мураббо ва шарбат низ истифода мебаранд.

**Анор** низ меваи маъмул аст. Дарахти анор 20 сол умр мебинад. Дарозии он 5-6 метр буда, навдаҳояш борик, хордор, баргҳояш ҷилодор, гулаш сурх аст. Ин меваи хушхӯр аз витамини С ва қанд бой аст. Шарбати анор барои камхунӣ фоидаовар аст.

**Нок** (мурӯд) меваи маъмул аст. Нок хуштаъму серғизо мебошад. Аз он мураббо, шарбат ва ғайра тайёр мекунанд. Таркиби нок аз сафеда, қанд ва витаминҳои Е, С, Р ва В бой аст.

**Ангур** меваи ширин аст. Таркиби ангур витамин ва моддаҳои кимиёвӣ дорад. Ангур аз витаминҳои А, В, D ва Р бой аст. Ангур барои аз байн бурдани бемориҳои чашм, асаб, хунукзадагӣ, офтобзадагӣ ёрӣ мерасонад.

# САБЗАВОТ

Истеъмоли сабзавот ҷисмро қавӣ гардонда, пайдоиши бисёр бемориҳоро пешгирӣ мекунад ва ба ҳиссиёти инсон таъсир мерасонад. Сабзавот дорои бисёр моддаҳои ғизоӣ буда, дар зиндагии одам вазифаи муҳимро иҷро мекунанд. Онҳо аз витаминҳо бой буда, бештар витамини С доранд, ки ба беҳтар шудани вазъи саломатӣ ёрӣ мерасонанд. Сабзавот дар таркиби худ витаминҳои гурӯҳи В низ дорад. Истеъмоли сабзавот имкон медиҳад, ки миқдори хӯрокҳои серсафеда (мисол, гӯшт) кам карда шавад.

**Сир (сирпиёз)** аз ҷиҳати ғизоӣ аз пиёз бартарӣ дорад. Барг ва донаҳои сирпиёз витаминҳои А, В, С ва равғани эфир дорад. Ғайр аз ин, дар он модаҳое ҳастанд, ки хосияти баланди зиддисироятӣ доранд. Сирпиёзро дар намак ва сирко хобонда, онро ҳамчун давои баъзе бемориҳои илтиҳобӣ (асабоният, ғазабнокӣ), инчунин барои хуштаъм шудани хӯрок истифода мебаранд. Дар хӯрок на танҳо решаи сирпиёз, инчунин баргҳои наврустаи онро истифода мекунанд.

**Пиёз.** Дар ҷаҳон қариб 400 навъи пиёз мавҷуд аст. Ватани пиёз Осиёи Миёна, Эрон ва Афғонистон мебошад. Пиёз аз витамин-ҳои гурӯҳи В ва С бой аст. Дар таркиби пиёз оҳан низ бисёр аст. Пиёз иштиҳоовар буда, барои хуб ҳазм шудани ғизо ёрӣ мерасонад. Пиёз ҷисми моро солим нигоҳ дошта, хусусияти зиддимикробӣ ва зиддивирусии баданро қавӣ мегардонад.

1. Як мева ё сабзавотро интихоб кунед. Расми онро тасвир намуда, дар бораи он ба таври хаттӣ маълумот бидиҳед.

***Намуна:***

| | |
|---|---|
|  | *Себ сероб, хушхӯр, ширин буда, таркибаш аз витаминҳои В, С бой аст...* |

Дӯсти азиз, Раҳимҷон. Шумо хеле фарбеҳ шудаед. Ман ба шумо тавсия медиҳам, ки бештар сабзавот истеъмол кунед. Ҳар рӯз 100 грамм сабзӣ, 200 грамм карам ва 150 грамм шалғамча истеъмол кунед. Ин сабзавот аз витамин бой буда, ба кам шудани чарбуи бадан ёрӣ мерасонад.

1. Матнро ба қисмҳо ҷудо кунед.
   • Муаллифи матн ба кӣ мурочиат мекунад?
   • Барои чӣ мурочиат мекунад?
   • Чӣ тавсия медиҳад?
   • Хулоса (Чаро?)
2. Худро бисанчед!

| | |
|---|---|
| **Мурочиат (ба кӣ)** | Дӯсти азиз, Раҳимҷон. |
| **Барои чӣ мурочиат мекунад?** | Шумо хеле фарбеҳ шудаед. |
| **Чӣ тавсия медиҳад?** | Ман ба шумо тавсия медиҳам, ки бештар сабзавот истеъмол кунед. Ҳар рӯз 100 грамм сабзӣ, 200 грамм карам ва 150 грамм шалғамча истеъмол кунед. |
| **Хулоса (Чаро?)** | Ин сабзавот аз витамин бой буда, дар таркибашон равған надоранд. |

3. Як симои афсонавӣ (ё симо аз филми тасвирӣ)-ро интихоб кунед. Барои ӯ монанди намунаи боло тавсия бинависед.

**Тавсияро ин тавр оғоз кунед:**

Дӯсти азиз... Шумо лоғару беҳол шудаед. Ман ба шумо тавсия медиҳам, ки...

# 33. ҶАШНИ МЕҲРГОН



Меҳргон яке аз қадимтарин ҷашнҳои фасли тирамоҳ аст, ки дар байни қавмҳои форсизабон* расм шудааст. Он баробари инкишофи кишоварзӣ ва ҷорӣ шудани тақвими деҳқонӣ ба миён омадааст. Меҳргон иди ҳосилот аст, ки дар рӯзи эътидоли тирамоҳ* оғоз меёбад. Эътидоли тирамоҳ маънои баробаршавии шабу рӯз дар оғози фасли тирамоҳро дорад. Меҳргон рӯзи 16-уми меҳрмоҳ баргузор мешуд, ки эрониёни қадим онро муборак шумурда, ҷашн барпо мекарданд.

Гузаштагони мо ба пешвози ҷашни Меҳргон омодагӣ дида, ҳашарҳои умумихалқӣ ташкил мекарданд, корҳои ободонӣ анҷом медоданд. Дар рӯзи ҷашн либоси нав ба бар карда, ба сайру гашт мебаромаданд ва ба дидорбинии дӯстон мерафтанд.



Дар дастархони Меҳргон анвои* мева, ширинӣ ва меваву сабзавот мегузоштанд. Масалан, рӯйи хони Меҳргонро лимӯ, себи зард, хӯшаи гандум, ангур, шакар, оина ва паллаи тарозу оро медод. Аз рӯйи анъана, бояд меваҳои дастархон ранги зард дошта бошанд, яъне зарҳалӣ, ки рамзи фасли тирамоҳ аст.

Солҳои охир дар кишвари мо ҷашни Меҳргон баргузор мешавад. Инчунин дар айёми тирамоҳ чорабиниҳои гуногун, ки ба ғунучини маҳсулоти кишоварзӣ иртибот* доранд, доир мегардад. Масалан, Иди харбуза, Иди асал ва ярмаркаи фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ. Ин чорабиниҳо низ аз оинҳои ҷашни Меҳргонанд, ки имрӯз аз нав эҳё шудаанд.

Хулоса, Меҳргон ҷашни ҳосилот ва намоиши дастранҷи кишоварзон аст.

**қавмҳои форсизабон** – мардуми Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон
**эътидоли тирамоҳ** – баробаршавии шабу рӯз дар тирамоҳ
**анвоъ** – навъҳо
**иртибот** – алоқа

1. Ҷашни Меҳргон дар байни кадом қавмҳо расм шудааст?
2. Эътидоли тирамоҳ чӣ маъно дорад?
3. Меҳргонро кай ҷашн мегиранд?
4. Мардум ҳангоми омодагӣ ба ҷашни Меҳргон чӣ корҳо мекарданд?
5. Дар ҷашни Меҳргон рӯйи дастархонро бо чӣ оро медоданд?
6. Чаро рӯйи дастархонро бо анвои меваҳои зардранг оро медоданд?
7. Дар ҷумҳурии мо дар айёми тирамоҳ боз кадом идҳоро ҷашн мегиранд?
8. Меҳргонро боз ҷашни чӣ мегӯянд?

1. Дар мактаб ё маҳаллаи шумо Меҳргонро чӣ тавр ҷашн мегиранд? Дар бораи ҷашни Меҳргон дар мактаби худ ба таври шифоҳӣ ҳикоя кунед.


Бонавбат ба ҳамнишасти худ ибораҳои зеринро бихонед ва бинависед. Дафтари якдигарро иваз карда, ғалатҳоро ёбед ва ислоҳ кунед.

Ҷашнҳои фасли тирамоҳ, қавмҳои форсизабон, эрониёни қадим, дидорбинии дӯстон, анвои мева, айёми тирамоҳ, маҳсулоти кишоварзӣ.

1. Имлои *“Худамро месанҷам”*.

а) Калимаҳои **кишоварзӣ**, **зарҳалӣ**, **тирамоҳӣ**, **деҳқонӣ**, **умумихалқӣ** "ӣ" доранд. Боз кадом калимаҳо "ӣ" доранд? *Бинависед.*

***Намуна:*** *ширинӣ,* ......, ......., ......., .......,

б) Калимаҳои **рӯз, рӯй, лимӯ, хӯша** ҳарфи "ӯ" доранд. Боз кадом калимаҳо "ӯ" доранд? *Бинависед.*

***Намуна:*** *бӯй, ҷустуҷӯ,* ......, ......., ......., .......,

2. Лимӯ, себ, хӯшаи гандум ранги зард доранд. Боз чиҳо ранги зард доранд? *Бинависед.*

***Намуна:*** *ноки зард,...*

3. Аз рӯйи намуна бахшида ба ҷашни Меҳргон табрикнома бинависед.

Ҳамсинфони азиз!

Шуморо бо фароғатии ҷашни Меҳргон табрик мегӯям.

Ҳамеша бо ҳам меҳрубон бошед.

Бо орзуи нек, Беҳрӯз.

4. Аз рӯйи намуна бахшида ба ҷашни Меҳргон эълон бинависед.

Эълон! (Диққат!)

Имрӯз, 07. 10.2016, соати 13:00 дар саҳни мактаб бахшида ба ҷашни "Меҳргон" намоиш баргузор мегардад.

Ба тамошо биштобед!

## 34. КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



9-уми сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти давлатии худро эълон кард. Ҷомеаи ҷаҳонӣ истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохт.

Баъд аз соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон мардуми мо Конститутсияи нав қабул карданд.

Дар моддаи 1-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

омадааст: “Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона аст”.




Давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона гуфта, мо ҳокимияти миллӣ, озодии шахс, истиқлолияти кишварро дар назар дорем. Мо ҷомеае месозем, ки дар он ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон худро озод ва хушбахту сарбаланд ҳис карда тавонад.

Давлати соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд, дунявиро чӣ тавр мефаҳмед?

1. Аз матн исмҳои танҳоро бинависед ва онҳоро ба шумораи ҷамъ баргардонед.
2. Аз ҳарфҳои калимаи “соҳибистиқлол” истифода бурда, калимаҳои дигар бисозед.
3. Бахшида ба рӯзи Конститутсия ба ҳамдигар табрикнома бинависед.

*Конститутсия, ҳуқуқбунёд, истиқлолият, сарбаланд*

4. Ба ҷойи нуқтаҳо исми хоси мувофиқро гузошта, матнро бинависед.

Ҳомид аз шаҳри … баргашт. Шаҳри Қӯрғонтеппа маркази вилояти … аст. Замини Қӯрғонтеппа аз дарёи … обёрӣ мегардад. Дар дарёи Вахш неругоҳи барқи обии … сохта мешавад.

**Калимаҳо барои истифода:**
Роғун, Вахш, Қӯрғонтеппа, Хатлон.

# IV. БАРҚ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР РӮЗГОРИ МО. ФЕЪЛ



## 35. НЕРУГОҲҲОИ БАРҚИ ОБӢ



Соли 1931 дар ҷумҳурии мо аввалин маротиба неругоҳи барқи обии Варзоби Боло, баъдтар неругоҳҳои барқи обии Варзоб-2, Варзоб-3, Қайроққум, Сарбанд, Шаршара, Норак, Бойғозӣ, Сангтӯда сохта шуданд. Бештари неругоҳҳои Тоҷикистон дар дарёи Вахш бунёд гардидаанд.

Ба шарофати дӯстию якдигарфаҳмӣ миллату халқҳои гуногун дар бунёди сохтмони азими неругоҳҳои барқи обии Норак, Бойғозӣ, Сангтӯда бародарвор саҳм гузоштаанд.

Неругоҳи барқи обии Норак яке аз неругоҳҳои калонтарини Осиёи Миёна ба шумор меравад. Иқтидори пурраи он ба 3000 мегаватт дар як соат баробар аст.

Неругоҳҳои аз ҳама ҷавон дар ҷумҳурӣ неругоҳи барқи обии **Сангтӯда-1** ва **Сангтӯда-2** мебошанд.

**1 мегаватт** – баробари 1000 киловатт

1. Неругоҳҳои барқи обии ҷумҳуриро номбар кунед. Чаро неругоҳи барқи обӣ мегӯем?

2. Дар шаҳр (ноҳия, маҳалла)-атон ягон неругоҳи хурди барқи обӣ ҳаст?

1. Аз руйи расмҳо (саҳ. 78) асбобҳои барқиро номбар кунед. Бигӯед, ки ҳар яки он барои чӣ истифода бурда мешавад.






| **Кабӯтарон...** | **Назира...** | **Офтоб...** | **Ҳаво...** |
|---|---|---|---|
| (чӣ кор мекунанд?) | (чӣ кор мекунад?) | (чӣ кор кард?) | (чӣ шуд?) |

2. Аз рӯйи расмҳо (саҳ. 79) ҳаракату амали шахс ва ашёро бигӯед.

3. Матни зеринро бинависед. Аз рӯйи саволҳо амал ва ҳолати ашёро муайян кунед.

## ЗАМИН

Сайёраи мо Замин ном дорад. Замин аввал ба монанди баҳри тафсон ҷӯш мезад (*чӣ кор мекард?*). Баъдтар сатҳи болои Замин хунук шуд (*чӣ шуд?*). Қабатҳои хокӣ ба вуҷуд омад (*чӣ кор кард?*).

Имлои *“Худамро месанҷам”*.

Неругоҳи барқи обӣ, Осиёи Миёна, ҷумҳурии мо, дарёи Вахш, дӯстию ҳамдигарфаҳмӣ.

# 36. БАҲРИ НОРАК



Баҳри Норак мешавад лабрезтар,
Мавҷҳояш ҳар тараф сар мезананд.
Кӯҳсорон пой дар оби кабуд
Домани гулзори худ бар мезананд.



Кӯҳсори Нор базм ороста,
Баҳрро бо дасти сангин дошта
Гӯйӣ мехоҳад, ки як қулташ кунад
Мисли шаҳҷоме ба сар бардошта.

Баҳр не, гӯё зи ними осмон
Порае афтода байни кӯҳсор
Нур мехезад шаб аз домони ӯ,
Баҳри Норак – обрӯйи рӯзгор!

*Раҳмат Назрӣ*

**ОЁ МЕДОНЕД?**

Неругоҳи барқи обии Норак аз бузургтарин лоиҳаҳои обии ҷаҳон ба шумор меравад, ки дорои баландтарин сарбанд аст. Баландии сарбанди он 300 метр ва дарозиаш 740 метр мебошад.



1. Ҳар як гурӯҳ фикрҳои худро доир ба аҳамияти барқ менависад.



2. *Имлои дунафарӣ*

- Банди аввали матни шеърро бонавбат ба ҳамдигар бихонед ва бинависед.
- Дафтарҳои худро иваз кунед. Тарзи дурустии навиштаҳои ҳамдигарро бисанҷед.
- Агар ғалатҳо бошанд, фаҳмонда ислоҳ кунед.

1. Дар расми боло чӣ тасвир ёфтааст, баён кунед.
2. Манзараи писандидаатонро тасвир кунед.
3. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ гузошта, матнро бинависед. Ба амалҳо савол бигузоред.

Галабон галаро ба сӯйи теппа ……. Аспе пешпо ……. ва ба болои тойча …… Мо ба ҷойи воқеа …… Тойча дар чуқурии байни ду санг ….. Бинобар ин вай ҳеҷ осеб.....

*Бахр не, ҷӯё зи нилии осмон*
*Порае афтода байни кӯҳсор.*

Чистонро бинависед ва ҷавобашро биёбед.

Гарчи ҷонаш алов аст,
Аз зодагони об аст.
Дар иҷрои кори нек
Офтоб асту Моҳтоб аст.

1. Ҷумлаҳоро бинависед.
2. Бигӯед, ки кадом калимаҳо амал ва ҳаракатро мефаҳмонанд:

Одил менавозад ва месарояд. Духтарон рақс мекунанд.

Баҳор омад. Дар саҳро сабзаю себаргаҳо дамиданд. Бачагон ба саёҳат баромаданд. Онҳо бегоҳ ба хона баргаштанд.

## 37. БАРҚ АЗ КУҶО ПАЙДО ШУДААСТ?

Олимон омӯзиши барқро аз асри XVII оғоз карданд. Аввалин кашфкунандаи барқ донишманди илми физика Алессандро Волта мебошад. Аз ҳамин сабаб ифодаи воҳиди шиддати қувваи барқро ба номи ӯ «V» гузоштанд.

Мутахассисон қувваи барқро аз об, сӯзишворӣ, бод, нурҳои

Офтоб, атом ҳосил мекунанд. Дар ҷумҳурии мо истеҳсоли барқ асосан аз қувваи оби дарёҳо ба даст меояд.

Барқ дар рӯзгори мо аҳамияти беандоза дорад. Барқ гармӣ, хунукӣ ва рӯшноӣ медиҳад. Ба воситаи қувваи барқ мо хонаҳоро зимистон гарм ва тобистон салқин мекунем. Бо қувваи барқ корхонаҳо ба кор медароянд ва маҳсулот мебароранд. Қувваи барқро тамоми сол оқилона истифода бурдан лозим аст. Ҳар яки мо бояд фурӯзонакҳоро дар хонаву мактаб беҳуда фурӯзон накунем. Қоидаҳои бехатарии кор бо асбобҳои барқиро риоя намоем.

1. Мақоли “Эҳтиёт – ними ҳаёт”-ро шарҳ бидиҳед.
2. Қоидаҳои истифодаи асбобҳои рӯзгорро хонед ва дар хотир нигоҳ доред.

• Пеш аз истифодаи асбобҳои барқӣ дастурамалро бодиққат хонед. *(Дастурамал ба ҳар як асбоб замима мешавад).*

• Аз асбобҳои барқӣ танҳо бо иҷозати калонсолон ва дар ҳузури онҳо истифода баред.

• Симҳои лучро ба даст доштан қатъиян манъ аст.

• Дар мавзее, ки сими барқ канда шуда, ба замин афтида бошад, оҳиста-оҳиста қадам монда, аз ҷойи бехавф гузаред. Ҳангоми ҳаракат пойҳоро аз замин набардошта, ба пеш ҳаракат кунед.

• Ҳангоми истифода бурдани асбоби барқӣ бовар дошта бошед, ки банди он сахт кашида нашудааст ва напечидааст.

• Ҳангоми аз барқ кашидани сими асбоб онро аз симаш дошта накашед.

• Агар шахси ҳамроҳатонро барқ зада истода бошад, пеш аз озод кардани ӯ ба болои тахта ё гилеми резинӣ бароед. Ӯро аз гиребон, остин ё домани куртааш ба тарафи дигар кашед.



1. Калимаҳои зеринро ҷуфт-ҷуфт хонед. Ба хониши калимаҳое, ки овоз ва ҳарфи **“ъ”** доранд, эътибор бидиҳед. Маънои калимаҳои ҳар як сутунро бигӯед. Калимаҳоро бинависед.

| | | | |
|---|---|---|---|
| шер | бад | ман | рад |
| шеър | баъд | манъ | раъд |

2. Дарси имрӯзаро бо хонавода муҳокима кунед. Қоидаҳои бехатарии истифодаи асбобҳои барқии рӯзгорро ҳамроҳ тартиб бидиҳед.

***Намуна:*** *Асбобҳои барқии рӯзгорро бе иҷозати калонсолон истифода набаред...*

## 38. АНӮШЕРВОНИ ОДИЛ ВА ПИРИ БОҒДОР



Анӯшервони Одил ба сафар баромад. Ӯ пирамардеро дид, ки чормағз мекошт.

Анӯшервон бозистод ва ба пирамард гуфт:

– Эй пир, магар ту аз деҳқонӣ хабар надорӣ? Шунидаӣ, ки дарахти чормағз баъди 17-20 сол мева медиҳад?

Ту аз ин дарахт чӣ фоида хоҳӣ дид?

Пир гуфт:

– Шоҳо, дигарон коштанду мо хӯрдем, мо бикорем , дигарон бихӯранд.

Ин ҷавоби пир ба Анӯшервон хуш омад ва гуфт:

– Зеҳ! (Зинда бошӣ!)

Ҳар вақт Анӯшервон ба касе “зеҳ” гуфта таҳсину офарин мекард, хазинадораш ҳамон одамро як ҳазор ашрафӣ (пули тилло) медод. Чун пир пулро гирифт, хандиду гуфт:

– Шоҳо, шумо гуфтед, ки дарахт баъди 17-20 сол мева хоҳад дод. Ҳол он ки аз шарофати адли шумо ин дарахт ҳамин соат мева дод.

Анӯшервон боз гуфт:

– Зеҳ!

Хазинадор ҳазор ашрафии дигар дод.

Пир боз гуфт:

– Ҳар дарахте соле як бор мева медиҳад. Ин дарахти ман дар як замон ду бор мева дод.

Анӯшервон хандон шуда гуфт:

– Зеҳ!

Хазинадораш як ҳазор ашрафии дигар дод ва гуфт:

– Биронед, ки ин пирак хазинаи маро холӣ хоҳад кард.

*Зайниддин Маҳмуди Восифӣ*



1. Симоҳои матн киҳоянд?
2. Анӯшервон ба куҷо баромад?
3. Дар роҳ бо кӣ вохӯрд?
4. Пирамард чӣ кор мекард?
5. Пирамард ба саволи Анӯшервон чӣ ҷавоб дод?
6. Чаро Анӯшервон ба пирамард офарин хонд?
7. Воқеа дар куҷо рӯй дод?
8. Дар воқеа кадом фасли сол тасвир шудааст?
9. Чормағз баъди чанд сол ҳосил медиҳад?
10. Дарахти чормағз ба пирамард чӣ қадар фоида овард?
11. Барои чӣ хазинадор фармуд, ки аз назди пирамард асп биронанд (бираванд)?



1. Дар нақши Анӯшервон, пирамард ва хазинадор бозӣ кунед.

2. *Имлои дунафарӣ*

- Мурочиати Анӯшервон ба пирамардро бонавбат ба ҳамдигар бихонед ва бинависед.
- Дафтарҳои худро иваз кунед. Дурустии навиштаҳои ҳамдигарро бисанҷед.
- Агар ғалатҳо бошанд, фаҳмонда, ислоҳ кунед.

Матни зеринро хонед ва бинависед. Муайян кунед, ки барои нишон додани амалу ҳаракат кадом калимаҳо истифода шудаанд.

## МЕВАҲОИ ТИРАМОҲӢ

Дар фасли тирамоҳ ангур, анҷир, анор, себҳои тирамоҳӣ мепазанд. Бачаҳо ба боғ мераванд ва мева мечинанд. Ногоҳ ҳаворо абр фаро мегирад. Борон меборад. Ҳаво салқин мешавад.

**1. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ ёфта бинависед.**

а) Дигарон коштанду мо ............ , мо бикорем, дигарон ............ .

б) Ҳар дарахте соле як бор ............ медиҳад.

**2. Анӯшервон пирамардро таҳсину офарин кард. Шуморо кӣ таҳсину офарин мекунад?** Бо як ҷумла бинависед.

..........................................................................................................

3. **Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред)*.

А. Анӯшервон, Ашрафӣ
Б. Нӯшервон ва пирамард
В. Нӯшервон ва хазинадор
Г. Пирамард ва хазинадор

**4. Воқеаи асосӣ дар куҷо рӯй дода буд?** (*Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред*).

А. дар боғи пирамард
Б. дар хонаи пирамард
В. дар ҳавлии Нӯшервон
Г. дар боғи подшоҳӣ

**5. Чаро Нӯшервон ба пирамард офарин хонд?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред)*.

А. Пирамард дарахт мешинонд.
Б. Ҷавоби пирамард маъқул шуд.
В. Нӯшервон саховатманд буд.
Г. Пирамард Нӯшервонро таъриф кард.

**6. Пайдарҳамии дурусти мазмуни матнро муайян кунед.** (*Дар сутуни якум рақамҳои мувофиқ гузоред*).

| | |
|---|---|
| | Пирамардро дид, ки дарахт мешинонад. |
| | Хазинадор ба пирамард пули тилло дод. |
| | Нӯшервон ба сафар баромад. |
| | Пирамардро таъриф кард. |

## 39. ДУ ҲАМСУҲБАТ

Дар соҳили дарёи Вахш ду мӯйсафед нишаста суҳбат мекарданд. Яке – омӯзгори мактаб, шахси маълумоти олидор буд, дуюмӣ – коргари одӣ.

Мӯйсафеди коргар гуфт:

– Рост гуфтаанд, ки зиндагӣ рӯз аз рӯз бадтар мешавад, ки беҳтар не.

Муаллим деҳаи Кибилро нишон доду аз гузашта ҳикоят кард:

– Солҳои пеш дар роҳи Кибил як чордевори вайрона воқеъ буд. Мардум онро "аҷинахона" мегуфтанд. Шабҳо, ҳангоми аз назди он чордевор гузаштан дар дили роҳгузарон тарсу ваҳм пайдо мешуд. Ҳамон чордевори вайронаро обод карда, анбор сохтанд. Чароғи баркӣ набуд. Хонаҳоро чароғи сафолӣ каме равшан мекард.

Як бегоҳӣ Маҳмурод аз анбор барои чароғ камтар равғани загир гирифтан хост, вале чун зарф наёфт, равғанро дар

даҳонаш гирифт ва ба хонааш омад. Маҳмурод ба занаш имову ишораи “Чароғро биёр!” кард, вале занаш аз ин ишора чизе нафаҳмид. Ӯ дар дасти шавҳараш калиди анборро дид ва “аҷинахона” ба ёдаш омаду “Вой дод! Мардакро аҷина зада, кару гунг шудааст!”– гуфта фарёд кард.

Ҳамсуҳбаташ ба сухани муаллим бовар накард.

– Чӣ, бовар намекунӣ? – гуфт муаллим. – Хайр, панҷоҳ сол пеш ба ту мегуфтанд, ки пеши дарёи Вахшро мебанданд, неругоҳи барқи обӣ месозанд. Он қувваи барқ дода, тамоми чароғҳои хирасӯзро аз байн мебарад. Оинаи ҷаҳоннамо пайдо мешавад. Ҳамон вақт бовар мекардӣ?

– Не, бовар намекардам, – гуфт мӯйсафеди коргар.

Муаллим гуфт:

– Ана дидӣ, қиссаҳои пешина ва оянда ба назари кас ба монанди афсона менамоянд, аммо он гуфтаҳои хаёлиро ману ту дар амал дидем. Ҳатто худат дар сохтмони неругоҳи барқи обии Норак ҳамчун коргари пешқадам иштирок кардӣ. Магар ҳамаи ин беҳшавии зиндагӣ нест? Пас, зиндагӣ рӯз аз рӯз беҳтар мешудааст. Инсоният ҳамеша рӯ ба беҳбудӣ меорад.

Мӯйсафеди коргар ба андеша фурӯ рафт ва гуфтаҳои омӯзгорро тасдиқ кард.

*Хайруллоҳ Раҳимов*

1. Мӯйсафедон дар бораи чӣ суҳбат мекарданд?
2. Омӯзгор дар бораи мушкилиҳои давраи пеш чӣ далел овард?
3. Омӯзгор беҳшавии зиндагии мардумро бо кадом мисолҳо фаҳмонд?
4. Дар бораи ҳаёти гузашта ва имрӯза мисол оварда метавонед?

1. Маҳмурод бо имову ишора “Чароғро биёр!” гуфт. Шумо ин амали Маҳмуродро нишон бидиҳед.

2. Исмҳои ҳаммаънои **омӯзгор, мӯйсафед** ва **инсон**ро бинависед.

Аз рӯйи тартиби рақамҳо калимаҳо созед, ҷумла тартиб бидиҳед ва бинависед.

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷ | ӯ | б | о | р | Я | к | ҷ | о | я | Н | и | с | ф | Ч | ӯ | ч | а |
| 1 | 4 | 5 | 2 | 3 | 5 | 2 | 3 | 4 | 1 | 3 | 2 | 1 | 4 | 3 | 2 | 1 | 4 |

Дар вақти хондани калимаҳои ҳар се сутун ба талаффузи овози [э] ва [*й*э] (ҳарфи **е**) эътибор бидиҳед. Бигӯед, ки барои чӣ дар калимаҳои сутуни якуму дуюм ҳарфҳои **э** ва **е** яковоза, дар сутуни сеюм ҳарфи **е** дуовоза [*й*э] талаффуз мешаванд. Калимаҳоро бинависед.

| Э | Е | е (йэ) |
|---|---|---|
| боэҳтиёт | дег | моҳие |
| боэътибор | абрешим | деҳае |
| эҳсон | ғалбер | биное |
| боэътимод | беэътибор | оҳуе |

*Қисса, зиндагӣ, ҷаҳоннамо, чароғаки барқӣ ва хирасӯз*

Дар нақши ду ҳамсуҳбат бозӣ кунед.

## 40. ГУРГ ВА ХАРГӮШ

Гурги гуруснае дар саҳро туъма* меҷуст. Харгӯшеро дид, ки дар сояе хуфта* буд. Гург оҳиста-оҳиста ба ҷониби ӯ қадам гузоштан гирифт. Харгӯш аз омадани Гург огоҳ шуда, гурехтан хост. Гург сари роҳи ӯро гирифт.

Харгӯш аз сиёсати Гург дар ҷояш шах шуд ва зорию тавалло карда гуфт:

– Медонам, ки сахт гурусна мондаӣ. Ман ба ин ҷуссаи заифам* аз як луқма зиёд нестам. Аз хӯрдани ман чӣ фоида? Дар ин наздикӣ Рӯбоҳи фарбеҳе ҳаст. Агар бихоҳӣ, ман ба ҳилае ӯро ба дастат медарорам.

Гург ба суханҳои Харгӯш бовар кард. Онҳо роҳи хонаи Рӯбоҳро пеш гирифтанд. Дар он наздикӣ Рӯбоҳе буд, ки дар фиребгарӣ шайтонро дарс медод. Харгӯш Гургро дар назди дари хона гузошта, худ ба хонаи Рӯбоҳ даромад ва пурсупос кард. Рӯбоҳ низ ҷавоби салом дода гуфт:

– Хуш омадӣ. Зи куҷо мерасӣ? Биё, биншин.

Харгӯш ба Рӯбоҳ гуфт:

– Ба назди мо меҳмони азизе омадааст. Агар иҷозат бидиҳед, пешатон биёяд.

Рӯбоҳ розӣ шуд.

Баъд Харгӯш ба берун, назди Гург омад ва ба маслиҳат розӣ шудани Рӯбоҳро ба ӯ хабар дод.

Рӯбоҳ аз рӯйи эҳтиёт дар миёни хонаи худ чоҳи чуқуре канда, рӯйи онро бо андак хасу хошок пӯшида буд.

Рӯбоҳ чун Харгӯшро ба берун гусел кард, ба сари чоҳ омад ва хасу хошокро чунон ботартиб гузошт, ки метавонист бо андак вазн фурӯ равад. Пас дар як ҷойи хона пинҳон шуда, фарёд кард:

– Эй меҳмонони гиромӣ, марҳамат, бидароед.

Харгӯшу Гург ба он хонаи торик даромаданд. Қадам ба болои хошок ниҳода буданд, ки ҳар ду дар чуқурии чоҳ афтоданд. Гург гумон кард, ки ин ҳилаи Харгӯш аст, зуд ӯро хӯрд.

Ин масал* барои он оварда шудааст, ки бо мардуми доно ҳила ба кор намеояд.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

**туъма** – хӯрок
**хуфта** – хобида
**заиф** – нотавон, суст
**масал** – ҳикоя

1. Гург дар куҷо мегашт?
2. Харгӯшак Гургро чӣ тарз фиреб дод?
3. Оқибати кор бо чӣ анҷомид?
4. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн чӣ хел баҳо медиҳед? Барои чӣ?
5. Ба фикри шумо, Харгӯш чӣ тавр метавонист наҷот ёбад?
6. Фикри асосии матн аз чӣ иборат аст?
7. Дар мисоли Гург чӣ гуна одамон тасвир шудаанд? Дар симои Харгӯшаку Рӯбоҳ-чӣ?
8. Дар замони мо чунин одамон ҳастанд? Ба онҳо чӣ маслиҳат медиҳед?
9. Барои чӣ ба матн "Гург ва Харгӯш" ном гузошта шудааст?

1. Симоҳои матнро номбар кунед.

*1.* Имлои дунафарӣ

*Калимаҳо:* рӯбоҳ, саҳро, огоҳ, фарбеҳ, ҳилае, меҳмон, эҳтиёт, пинҳон.

- Калимаҳоро бонавбат ба ҳамдигар бихонед ва бинависед.
- Дафтарҳои худро иваз кунед. Дурустии навиштаҳои ҳамдигарро бисанҷед.
- Агар ғалатҳо бошанд, фаҳмонда ислоҳ кунед.

**Аз рӯйи тартиби зерин нақли хаттӣ бинависед.**

А. Гурги гурусна чиро мебинад?
Б. Харгӯш ба Гург чӣ мегӯяд?

В. Ба Харгӯшу Гург чӣ воқеа рӯй дод?

Г. Хулоса

1. **Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ ёфта бинависед.**

а) Гург ба суханҳои ....... бовар кард.

б) ........... ба он хонаи торик даромаданд.

2. **Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро ба доира гиред)*.

А. Рӯбоҳ ва Харгӯш

Б. Рӯбоҳ, Гург ва Харгӯш

В. Рӯбоҳ ва Гург

Г. Харгӯш ва Гург

**3. Воқеаи асосӣ дар куҷо рӯй дода буд?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро ба доира гиред)*.

А. дар саҳро

Б. дар хонаи Рӯбоҳ

В. дар хонаи Гург

Г. дар хонаи Харгӯш

**4. Чаро Гург Харгӯшро хӯрд?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро ба доира гиред)*.

А. Харгӯш дурӯғ гуфт.

Б. Харгӯш дӯсти Рӯбоҳ шуд.

В. Рӯбоҳ Харгӯшро фиреб дод.

Г. Гург аз Харгӯш ранҷид.

**6. Дар ҷумлаи** «Гурги гуруснае дар саҳро туъма меҷуст» калимаи **“туъма ”** чӣ маъно дорад? (*Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред*)

А. хӯрок

Б. об

В. харгӯш

Г. рӯбоҳ

**7. Пайдарҳамии дурусти мазмуни матнро муайян кунед.** (*Дар сутуни якум рақамҳои мувофиқро гузоред*).

| | |
|---|---|
| | Гург пеши роҳи Харгӯшро гирифт. |
| | Гург ба суханҳои Харгӯш бовар кард. |
| | Гургу Харгӯш ба хонаи торик даромада, ба чоҳ афтоданд. |
| | Гург гумон кард, ки ин ҳилаи Харгӯш аст, зуд ӯро хӯрд. |
| | Харгӯш хӯрдани Рӯбоҳи фарбеҳро пешниҳод кард. |
| | Гурги гуруснае дар саҳро туъмае меҷуст. |
| | Харгӯш бо Рӯбоҳ маслиҳат кард, ки меҳмони азизе овардааст. |

**8. Калимаҳои муқобилмаъноии сутуни якумро аз сутуни дуюм ёбед.** *(Бо пайкон ишора кунед)*.

| | |
|---|---|
| берун | равшан |
| гурусна | дарун |
| торик | сер |

**9. Фикри асосии матн дар кадом ҷумла ифода ёфтааст?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред)*.

А. Ваъда додӣ, вафо кун.
Б. Аз шахсе, ки туро фиреб мекунад, ҳушёр бош.
В. Зӯри беҳуда миён мешиканад.
Г. Бо мардуми доно ҳила ба кор намеояд.

# V. МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲИФЗИ ОН



## 41. МУҲИТИ ЗИСТ



Мо ба обу ҳавои тоза, хона, ҷойҳои хуби истироҳат эхтиёҷ дорем. Ҳамаи инҳоро муҳити зист меноманд.

Ба ҳар куҷо партофтани партовҳо сабаби ифлосшавии об, ҳаво, замин мегардад. Нобуд кардани ҷангал, ҳайвоноту наботот, парандагон ба ҳусни табиат, муҳити зист ва худи мо зарар мерасонад.

Дар натиҷаи нӯшидани оби ифлос меъдаю рӯдаи инсон ё ҳайвонот ба беморӣ гирифтор мешаванд.

Ифлос шудани ҳаво боиси пайдоиши бемориҳои гуногуни шуш ва роҳи нафас мегардад.

Агар хок заҳролуд шавад, инсон, ҳайвонот ва рустанӣ нобуд мешаванд.

Ҳифзи табиат ва зебоии муҳити зист вазифаи ҳар як одам, аз ҷумла мо, хонандагон, низ мебошад.

Мо бояд муҳити дарсхона, мактаб ва хонаамонро ҳамеша тозаву озода нигоҳ дорем. Дар назди ҳавлиҳо ниҳолҳои мевадор шинонем.



1. Муҳити зист гуфта чиро мефаҳмед?
2. Истифодаи оби ифлос одамро ба чӣ ҳол гирифтор мекунад?

3. Ифлосшавии ҳаво-чӣ?
4. Агар хок заҳролуд шавад, чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?

1. Расмро мушоҳида кунед ва ба саволҳои зерин ҷавоб бидиҳед.
Барои чӣ мо муҳити зистро бояд муҳофизат кунем?
Барои ҳифзи муҳити зист шумо чӣ корҳоро анҷом дода метавонед?
2. Аз рӯйи нақшаи зерин мазмуни матнро нақл кунед.




## 42. МУҲОФИЗАТИ ОБ АЗ ИФЛОСШАВӢ

Оби тоза барои нӯшидан, шустани сарулибос зарур аст. Манбаи асосии оби тоза барфу пиряхҳо мебошанд. Вале баъзан одамон ба қадри оби тоза намерасанд.

Онҳо ҳар гуна партовҳоро аз корхонаҳои саноатӣ, беморхонаҳо, фермаҳои чорводорӣ, биноҳои истиқоматӣ ба оби пок мепартоянд. Дар натиҷа оби тоза ифлос мешавад. Аз нӯшидани оби ифлос одам, ҳайвон ва парандаҳо ба бемориҳои гуногун гирифтор мешаванд. Асадии Тӯсӣ гуфтааст:

Зи ҷӯе, ки хӯрдӣ аз он оби пок,
Нашояд фикандан дар он сангу хок.

Мо, хонандагон, кӯшиш мекунем, ки ба оби тоза ягон хел чизҳои ифлосро напартоем, оби нопоку ифлос нанӯшем, бо он дасту рӯй нашуем.

Ҳар як шахс вазифадор аст, ки дар тоза нигоҳ доштани обҳои маҳалли зисти худ ҳисса гузорад.

1. Об дар ҳаёти инсон ва тамоми мавҷудоти зинда чӣ аҳамият дорад?
2. Чаро дар фасли тобистон оби дарё зиёд мешавад?

1. Панди Асадии Тӯсиро дар бораи оби пок навишта, аз ёд кунед.

## 43. МУҲОФИЗАТИ ҲАВО АЗ ИФЛОСШАВӢ

Ҳавои тоза барои ҳаёти одамон ва рустаниҳо зарур аст. Бе ҳаво ҳаёт нест.

Фабрикаю заводҳо, махсусан заводҳои сементбарорӣ, воситаҳои нақлиёт аз худ дуд ва чанги зиёдро ба ҳаво хориҷ мекунанд. Дар натиҷа ҳаво ифлос мешавад. Ҳавои ифлос ва бадбӯй ба ҳаёти одамон ва ҳайвонот зарар мерасонад, табъи одамонро нохуш мегардонад, онҳо ба бемории шуш гирифтор мешаванд.



Яке аз воситаи тоза кардани ҳаво боғдорӣ ва зироаткорӣ аст. Дарахтон ба воситаи баргҳо ҳаворо тоза мекунанд.

Бачаҳои азиз, ҳар кадоматон кӯшиш кунед, ки мавсими баҳор дар назди ҳавлиҳои худ, мактаб ва деҳаатон ниҳол шинонед.



1. Ҳаво дар ҳаёти инсон ва мавҷудоти зинда чӣ зарурат дорад?
2. Сабаби ифлосшавии ҳаво чист?
3. Аз нафаскашии ҳавои ифлос одамон ба кадом беморӣ гирифтор мешаванд?
4. Кадом воситаи тоза кардани ҳаво дар матн нишон дода шудааст?
5. Дарахтон, гулҳо ва рустаниҳо ҳаворо чӣ тавр тоза мекунанд? Чаро дар таги дарахтони чормағз ва чанор намешинанду намехобанд?
6. Ба фикри шумо, ҳавои маҳаллаатон чӣ тарз ифлос мешавад?
7. Шумо барои муҳофизати тозагии ҳаво чӣ кор карда метавонед?



Хонед ва нақл кунед.

Марде дар зери дарахте дароз кашида буд, то ки истироҳат кунад. Роҳгузаре мореро дид, ки дар назди пойи мард ҳаракат мекард. Ӯ фавран фарёд кард:

– Бародар, мор ба поят наздик мешавад.

Марди танбал гуфт:

– Назди пойи рост ё чап?!

## 44. МУҲОФИЗАТИ ЗАМИН АЗ СЕЛОБ



Селоб дар натиҷаи боридани борони шиддатнок ва жола ба вуҷуд меояд. Оби сел қабати рӯйи заминро мешӯяд, заминҳои киштро вайрон мекунад. Ба сабзиши зироат зарар мерасонад. Сели калон ҷариҳоро ба вуҷуд меорад, биноҳоеро, ки дар назди селроҳа воқеанд, шуста мебарад.

Барои муҳофизати замин ва бартараф кардани ҳар гуна хавфу хатар аз селоб одамон дар лаби ҷариҳо рустаниҳои буттагӣ ва дарахт мешинонад. Решаи дарахтон заминро аз

кӯчидан ва вайроншавӣ нигоҳ медорад. Барои он ки селоб заминҳои киштро вайрон накунад, роҳҳои селгузар месозанд.

1. Зарари селоб ва роҳҳои пешгирии онҳоро бигӯед.

2. Шумо аз воситаҳои ахбор дар бораи зарари селоб чиро шунидаед ё дидед? Ақидаҳои худро дар варақчаҳо бинависед ва бихонед.

3. Ҷумлаи зеринро аз матн ёфта, пурра карда бинависед: *Решаи дарахтон заминро аз ...... ва ...... нигоҳ медоранд.*

4. Ба ҷойи саволҳо феълҳои мувофиқро гузошта, матнро бинависед:

Тирамоҳ (*чӣ кор мекунад?*)..... Зимистон (*чӣ кор мекунад?*)..... Алишеру Набӣ ба хона (*чӣ кор мекунанд?*)...... Ҷӯраҳо барои хонасозӣ (*чӣ кор мекунанд?*).....

5. Ба ҷойи нуқтаҳо исмҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро бинависед.

- .... меҷаҳад.
- .... соф мешавад.
- .... суруд мехонад.
- .... маъқул мешавад.

*шиддатнок, воқеъбуда, хавф, селоб, роҳҳои селгузар*

## 45. ДАРВЕШ ВА КОСАИ АСАЛ

Рӯзе дарвеше аз назди бозоре мегузашт. Ҳалвогаре ӯро илтимос кард, ки замоне бар дари дуконаш қарор гирад. Марди дарвеш он ҷо нишаст ва ҳалвогар косаи пур аз асалро пеши дарвеш ниҳод. Магасон якбора ба косаи асал фурӯ рехтанд. Баъзе ба канори коса ва гурӯҳе дар миёни коса нишастанд.

Марди ҳалвогар дид, ки ҳуҷуми магасон аз ҳад гузаштааст, ӯ бодбизанро биҷунбонид. Магасоне, ки бар канори коса буданд, парида рафтанд. Пойҳои магасони миёнҷойи коса ба асал фурӯ монда буд. Онҳо чун хостанд бипаранд, парҳояшон низ ба асал часпид ва ҳалок шуданд.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

Дар гурӯҳҳо аз мазмуни ҳикоя хулоса бароред. Бигӯед, ки магасони паридарафта ва ҳалокшуда рафтори чӣ гуна одамонро мефаҳмонанд. Мувофиқи хоначаҳои холии нақша хулосаи худро дар дафтар навишта, бифаҳмонед.




## 46. ХАЁЛҲОИ ШИРИН

Як вақтҳо дар гӯшаи шаҳре пиразани бекасу бенавое зиндагӣ мекард. Пиразани бечора аз пагоҳ то бегоҳ бо чарх пашм мересид ва бо азобу машаққат рӯз мегузаронд. Дар ҳавлии ӯ як дарахти санҷид рӯйида буд. Зимистони дароз пиразан аз тирезаи хонача бо ҳасрат ба ин дарахти урён (бебаргу бемева) менигарист. Ҳамин ки ҳаво каме гарм шуд, чарху дукашро бардошта, зери дарахти санҷид ҷо мегирифт. Ҳавои форами баҳорону бӯйи хуши гули санҷид дар дили ӯ умедҳои барбодрафтаашро аз нав бедор мекард. Пиразан дар сари чархи худ боз ғарқи хаёлҳои ширин мешуд.

Имсол ҳосили дарахтамро мечинам, – фикр мекард ӯ, – ба бозор мебарам, мефурӯшаму ба пули он орду биринҷ мехарам, ғами зимистонро мехӯрам, ба худ куртаю ҷомаи нав медӯзам. Аз сари ҳосил ба ҳаққу ҳамсояҳо як сабадӣ санҷид мефиристам. Бигузор, бачаҳои ҳамсоя ҳам хӯрда, шодӣ кунанд.

Мувофиқи саволҳо аз матн ҷавоб ёфта бинависед.

А. Дар гӯшаи шаҳр кӣ зиндагӣ мекард?

Б. Аз пагоҳ то бегоҳ ба чӣ кор машғул буд?

В. Дар ҳавлии ӯ кадом дарахт рӯйида буд?

Г. Пиразан ғарқи кадом хаёлҳо мешуд?

Саволномаро навишта, ҷавоби дурустро дар доира гиред. Нишонаҳои саховатмандиро бинависед.

Кадом ҷумла саховатмандии пиразанро нишон медиҳад?

А. Дар гӯшаи шаҳре пиразани бекасу бенаво мезист.

Б. Пиразан дар сари чархи худ ҳаёлҳои ширин мекард.

В. Имсол ҳосили дарахтро мечинаму ба бозор мебарам.

Г. Аз сари ҳосил ба ҳаққу ҳамсояҳо як сабадӣ медиҳам.

*Агар шумо нависанда мебудед, ҳикояро бо кадом тарз менавиштед?*

*1. Аз рӯйи мазмуни матн ва намуна ҳикояи хурд (6-7 ҷумла) бинависед.*

***Намуна:*** *Дар гӯшаи деҳае як духтарак бо модараш зиндагӣ мекард. Дар ҳавлии онҳо як гармхона буд, ки дар он дарахти лимӯ месабзид. Ӯ ба дарахти лимӯ нигариста, орзуҳои ширин мекард:*

*– Ҳосили лимӯро ба бозор бурда мефурӯшам. Ба пули он китоб мехарам.*

2. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ ёфта бинависед.

Бо … дар лавҳи дарсхона менависем.
Падарам дар зодрӯзи модарам …. тухфа кард.
Ӯ як бачаи …у гаранг буд.
Пеш аз сомонӣ пулро …. мегуфтанд.
Ба …и асп наъл заданд.
Фарзона аз Манижа … аст.
Фаридун себро ……

(Калимаҳо барои истифода: **бӯр, бур, гул, гӯл, сум, сӯм, хурд, хӯрд**).



*Хушгӯйиро бихонед ва дар нақши набераю бобо бозӣ кунед.*

## СЕ ДОНА



Бобо ба наберааш шумурданро ёд медиҳад:

– Дар халтаи паси дар панҷ себ ҳаст. Агар ҳозир яктои онро ту бихӯрӣ, чанд дона себ мемонад?

– Се дона.

– Дурусттар фикр кун. Мумкин чор дона монад-а?

– Не, бобо, се дона мемонад, чунки ман навакак яктаашро хӯрда будам.

1. Ростгӯйӣ хислати беҳтарини инсон аст.
2. Ростиро завол нест.

## 47. ДЕКАБР



Омад моҳи декабр
Бо зимистон якбора,
Бар тан либоси барфин,
Тугмаҳояш яхпора.

Аз тан бадар кардаанд
Ҷомаи зарринашон,
Ҷомаи нуқраранге
Пӯшидаанд дарахтон.

Оби ҷӯю дарёҳо
Сар то сар ях бастаанд,
Аз болояш медаванд
Мактабхонони хурсанд.

Арчаи сабз аз кӯҳсор
Ба водӣ мефуроядд,
Дар соли нав назди мо
Меҳмон шуда меояд.

Дар атрофаш бачаҳо
Таронахон мерақсанд,
Падарҳову модарҳо
Аз кори онҳо хурсанд.

*Мирсаид Миршакар*

1. Банди якуми матнро ифоданок хонед. Муайян кунед, ки дар он кадом аломатҳои фасли зимистон номбар шудаанд? Аломатҳои фасли зимистонро бинависед.

2. Банди дуюми матнро ифоданок хонед. Нишонаҳои зимистонро муайян кунед. Бозиҳои зимистонаи бачагонаро бинависед.

3. Банди сеюми матнро хонда, муайян кунед, ки дар он кадом нишонаҳои зимистон омадааст? Фикрҳои худро доир ба зимистон бо 2-3 ҷумла бинависед.

4. Банди чоруми матнро ифоданок хонед, муайян кунед, ки дар он шоир дар бораи зимистон чӣ мегӯяд? Муносибати худро ба зимистон бо 2-3 ҷумла бинависед.

5. Банди панҷуми матнро ифоданок хонед. Муайян кунед, ки барои чӣ падару модарон хурсанданд? Фикри худро доир ба зимистон ба воситаи матни хурд бинависед.

6. Имлои *“Худамро месанҷам”*.

Моҳи декабр, либоси барфӣ, ҷомаи заррин, ҷомаи нуқраранг, оби ҷӯю дарёҳо

7. Дар мавзӯи “Бозиҳои зимистона” ба таври шифоҳӣ ҳикоя тартиб бидиҳед.

## 48. ЗИМИСТОН ЧИСТ?

Тирамоҳ омад. Баргҳои дарахтон зард шуда, бо андак вазидани шамол ба замин мерехтанд.

Бузи кӯҳӣ дар зери дарахтон барги хазон хӯрда, ба Фил гуфт:

– Зимистон ҳам наздик шуда истодааст.

– Зимистонаш чист? – хартумашро бардошта гуфт Фил.

– Ба-а-а, зимистонро намедонӣ магар? – хандид Бузи кӯҳӣ ва ба тарафи Маймун ишора карда гуфт: – Агар надонӣ, аз он Маймун бипурс.

– Ман чӣ донам, ки зимистонаш чист? – гуфт Маймун.

– Ту ҳам намедонӣ? – пойҳои дарози қоқашро ба замин зада, аз Заррофаи гардандароз пурсид Бузи кӯҳӣ: – Зимистон чист?

Заррофа, ки гарданашро ёзонда, баргҳои тару тозаи нав аз шохи дарахтон рехтаро бо иштиҳои том чида мехӯрд, сар бардошта гуфт:

– Ман ин хел ҳайвонро надидаам.

– Оҳ кундфаҳмҳо, наход ки зимистонро надонед. Ку, Хирспаҳлавон, ин ҷо биё, чӣ будани зимистонро ба инҳо бифаҳмон.

– Зимистон як шабест, ки то рӯз барф меборад, ҳаво хунук мешавад, ҳама гиёҳу рустаниҳо зери барф мемонанд, – ғуррос зада гуфт Хирс.

– Ӯҳ-ҳӯ, агар ҳамаи алафу гиёҳҳо ва баргҳои дарахтон зери барф монанд, мо чӣ мехӯрда бошем, – ҳайрон шуданд Филу Заррофа ва Маймун.

Бузи кӯҳӣ ба Хирс нигоҳ карда гуфт:

– Ту, ки тамоми зимистон хоб мекунӣ, зимистон дар назарат як шаб барин менамояд. Ҳол он ки зимистон се моҳи пурра, яке аз фаслҳои сол аст.



1. Дар матн сухан дар бораи кадом ҳайвонҳо меравад?
2. Воқеа кай рӯй дод?
3. Воқеа дар куҷо рӯй дод?
4. Чаро Маймун, Фил ва Заррофа дар бораи зимистон чизе намедонанд?



1. Бачаҳои азиз, ба Филу Заррофа дар бораи чӣ тарз гузарондани зимистон маслиҳат бидиҳед.
2. Боз кадом нишонаҳои зимистонро ба ҷавоби Бузи кӯҳӣ илова карда метавонед, бигӯед.



Дар нақши ҳайвонҳо бозӣ кунед.



Кадом гурӯҳ зудтар?

- Сол аз чанд фасл иборат аст?
- Ҳар фасл аз чанд моҳ иборат аст?
- Моҳ аз чанд ҳафта ва рӯз иборат аст?
- Ҳафта аз чанд рӯз иборат аст?
- Сол аз чанд моҳ ва рӯз иборат аст?
- Кадом моҳҳо рӯзҳои зиёд доранд, кадоми онҳо камтар ва рӯзҳои кадом моҳ аз дигар моҳҳо кам аст?
- Моҳҳоро номбар карда метавонед?



*Имлои "Худамро месанҷам".*

Гиёҳҳо, Заррофа, нигоҳ, мехӯрд, Маймун

1. Кадом ҳайвонҳои хонагӣ ва ваҳширо медонед? Хусусиятҳои онҳоро бо ҳам муқоиса кунед.

| Хусусиятҳои фарқкунандаи ҳайвонҳои хонагӣ | Монандии ҳайвонҳои хонагӣ ва ваҳшӣ | Хусусиятҳои фарқкунандаи ҳайвонҳои ваҳшӣ |
|---|---|---|

2. Ҷуфти феълҳоро аз ҷиҳати маъно муқоиса кунед.

чаҳид – хез зад
медавад – метозад
дод – супорид
ичро мекунад – ичро менамояд

3. Бо калимаҳои машқи боло ҷумла тартиб бидиҳед ва бинависед.

***Намуна:***

*Асп аз болои ҷӯй ҷаҳид.*
*Асп аз болои ҷӯй хез зад.*

4. Ҷумлаҳои болоро хонед ва аз ҷиҳати маъно муқоиса кунед. Дар ин ҷумлаҳо феълҳо дигар шуданд, аммо маъно-чӣ? Пас калимаҳои **чаҳид, хез зад** аз ҷиҳати маъно якхелаанд. Баъзе феълҳо ҳаммаъно мешаванд.

**1. Дар кадом қатор калимаҳо дуруст навишта шудаанд?** (*Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред*).

А. гиёҳо, заррофа, нигоҳ, мехӯрд
Б. гиёҳҳо, зарофа, нигоҳ, мехӯрд
В. гиёҳҳо, заррофа, ниго, мехӯрд
Г. гиёҳҳо, заррофа, нигоҳ, мехӯрд

2. **Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд?** (*Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред*).

А. Фил, Буз, Хирс, Заррофа

Б. Заррофа, Хирс, Маймун
В. Фил, Маймун, Буз
Г. Заррофа, Буз, Хирс

**3. Воқеа кай баргузор шуд?** (*Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред*).
А. дар зимистон
Б. дар баҳор
В. дар тирамоҳ
Г. дар тобистон

**4. Воқеа дар куҷо рух дод?** (*Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред*).
А. дар боғи ҳайвонот
Б. дар бешазор
В. дар сирк
Г. дар дашту саҳро

**5. Чаро Маймун, Фил ва Заррофа дар бораи зимистон чизеро намедонанд?** (*Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред*).
А. Онҳо дар кишварҳои гарм зиндагӣ мекунанд.
Б. Буз ба онҳо фаҳмонда натавонист.
В. Онҳо фаҳмидан нахостанд.
Г. Онҳо дар боғи ҳайвонот зиндагӣ мекарданд

**6. Калимаҳои сутуни дуюмро ба сутуни якум мувофиқ гузошта, ибора созед.** *(Бо пайкон ишора кунед)*.

| | |
|---|---|
| Заррофа | кӯҳӣ |
| Хирс | гардандароз |
| Буз | паҳлавон |

# 49. ОМОДАГИИ САНҶОБАК БА ЗИМИСТОН

Санҷоб аз сармо наметарсад. Онро ҳатто дар рӯзҳои хеле сарди зимистон дар ҷангал ва боғҳо дидан мумкин аст. Санҷоб ба монанди хирс ба хоби зимистона намеравад. Санҷобҳо танҳо дар рӯзҳои қаҳратуни зимистон дар лонаҳои худ паноҳ мешаванд. Барои ба хунукиҳои зимистон тоб овардану зинда мондан, санҷобҳо бояд ғизои бисёр гиранд. Аммо дар зимистон онҳо аз куҷо ин қадар ғизо меёбанд? Зеро ҳама ҷоро барф пӯшондааст ва на чормағз ҳасту на ҷалғӯза. Санҷобҳо ғами зимистонро дар тирамоҳ мехӯранд. Онҳо ҷалғӯза, чормағз ва занбӯруғ ҷамъ карда, дар сӯрохиҳои дарахтон ё зери алаф пинҳон мекунанд. Инчунин санҷобҳо занбӯруғ ҷамъ оварда, онҳоро дар шохаҳои дарахтон ё дар болои кундаи онҳо хушк мекунанд. Дар рӯзҳои сарди зимистон санҷобҳо хӯроквории пинҳонкардаашонро ёфта мехӯранд ва ба лонаҳояшон баргашта, бароҳат хоб мераванд. Санҷобҳо на танҳо барои зимистон хӯрокворӣ ҷамъ мекунанд, балки пӯстини тобистонаашонро бо пӯстини зимистона иваз мекунанд.

1. Санҷоб чӣ хел шакл дорад?
2. Рангаш чӣ гуна аст?
3. Санҷоб рӯзҳои хунуки зимистонро дар куҷо мегузаронад?
4. Санҷоб дар куҷо хона месозад?
5. Хӯрокиро аз куҷо меёбад?
6. Санҷоб чӣ мехӯрад?
7. Санҷоб худашро аз хунукӣ ва душманон чӣ тарз муҳофизат мекунад?

1. Матнро бори дигар хонед ва ҷадвали зерро пур кунед.

| | |
|---|---|
| Номи ҳайвон | |
| Дар куҷо зиндагӣ мекунад? | |

| | |
|---|---|
| Чӣ тарз ба зимистонгузаронӣ тайёрӣ мебинад? | |
| Дар зимистон чӣ кор мекунад? | |

2. Расми санҷобро тасвир карда, дар бораи он фикри худро бо 3-4 ҷумла бинависед.

***Намуна:***

| | |
|---|---|
|  | *Санҷоб ҷонвари хурд аст, фукаш ба муш монанд буда, думаш барҷаста мебошад. …….* |

## 50. ЗАРАРИ ТАМОКУ

Дар таркиби дуди тамоку моддаҳои заҳрнок мавҷуданд. Онҳо ҳам ҳаворо ифлос мекунанд, ҳам ба узвҳои нафаскашии инсон зарар мерасонанд. Дуди тамоку пеши роҳи узвҳои нафаскаширо гирифта, ба рагҳои шуш, гулу ва сурхной зарар мерасонад, хунро заҳролуд мегардонад.

Заҳри тамоку ба асаб таъсир мерасонад, одамро фаромӯшхотир мекунад. Пас аз кашидани тамоку одам худашро бад ҳис мекунад. Аз таъсири заҳри тамоку дилу гурда ба беморӣ гирифтор мешаванд. Бачаҳои азиз! Ба ин гуна одатҳои бад ҳеҷ гоҳ майл накунед.



1. Тамоку ба саломатии одам чӣ гуна таъсир мерасонад?

2. Ба одамоне, ки ба ин одати бад гирифторанд, чӣ маслиҳат медиҳед?

3. Оё дуди сигор ба атрофиён ҳам зарар мерасонад?

1. Дар бораи зарари тамоку маълумот бидиҳед.

2. Аз матн феълҳои ҳаммаънои **ифлос мекунанд, зарар мерасонанд, мебанданд**ро, ки ба мазмуни ҷумла халал намерасонанд, бинависед.

***Намуна:*** *Дуди тамоку пеши роҳи узвҳои нафаскашӣ, аз ҷумла рагҳои шуш, гулу ва сурхнойро мегирад.*

## ПУШАЙМОНИИ БЕМОР

Боре профессори амрикоӣ Даниел Эймен акси мағзи сари бемореро, ки аз хастагии доимӣ ва фаромӯшхотирӣ шикоят мекард, ташхис* намуд. Профессор дид, ки чанд ҷойи мағзи сари ӯ сиёҳ шудааст.

Бемор ба профессор гуфт, ки рӯзе се пиёла қаҳваи талх менӯшад ва ду қуттӣ сигор мекашад. Бемор акси мағзи сари худро дид ва ба гиря даромад. Ӯ қасам хӯрд, ки дигар қаҳва, нӯшокиҳои масткунада наменӯшад ва сигор намекашад.

## 51. ГАЗНА

Газна (анҷура) гиёҳи худрӯй аст. Газна пояи росту сершох, баргҳои дандонадор, гули хӯшашакл, меваи хурди мудаввар* дорад. Агар ба он даст расонед, дастатон ба сӯзиш медарояд. Газна аз моҳи июн то октябр гул мекунад. Абӯалӣ ибни Сино газнаро барои табобати дарди рон, варамҳои сахт ва ҷароҳати пӯст кор фармудааст.

Газна рӯдаи борикро тоза мекунад, ба халадард ва дарди миён шифо мебахшад. Газна хосияти арақронӣ ва ҳазмкунандагӣ дорад.

Газнаро ҳамчунин барои муолиҷаи* санги гурда, табларза,

газаки шуш ва меъдаю рӯда, бемории қанд ва зардпарвин истифода мебаранд.

Меваащ ба дарди дандон ҳам муфид* аст. Тухмаш барои муолиҷаи диққи нафас ва сулфа фоидаовар аст.

Шираи газнаро барои табобати санги гурдаю талхадон истифода мебаранд

**ташхис** – муайянкунӣ
**мудаввар** – доирашакл
**муолиҷа –** табобат
**муфид** – фоидаовар

1. Газна дар куҷо мерӯяд? Оё газнаро дар замини назди ҳавлӣ парвариш кардан мумкин аст?

2. Газна аз алафи газанда чӣ фарқ дорад?

3. Газна ва қисмҳои он ба кадом узви инсон даво мебахшанд?

1. Хосиятҳои давоии газнаро ба узвҳои инсон дар расм ба воситаи пайкон нишон бидиҳед. Ин амалро дар албом ё дафтар иҷро кунед. Аз рӯйи нақша ҷумла тартиб бидиҳед.



***Намуна:*** *Шерааш барои санги гурда, талхадон, …..*

2. Ба ҷойи феълҳои дар намуна овардашуда феълҳои ҳаммаъноеро бинависед, ки мазмуни ҷумла дигар нашавад. Барои ҳалли мушкил ба шумо хондани матн ёрӣ мерасонад.

| | |
|---|---|
| ***Намуна:*** | |
| тоза мекунад – | тоза менамояд |
| шифо мебахшад – | дармон мебахшад |
| фоида дорад – | муфид аст |

## 52. ЗИМИСТОН

Ҳавои сард омад, ҷӯй ях баст,
Фарози* кӯҳҳоро абр пӯшид.
Шамоли тунд аз машриқ* хурӯшид*,
Ба рӯйи бому дарҳо барф биншаст.
Ба ҷойи рӯзҳои гарму тафсон
Зимистон шуд,
Зимистон шуд,
Зимистон!

Ба рӯйи теппа шодон мебароем,
Ки рӯйи барфи нав ҳар сӯ битозем,
Ки ҷо-ҷо ҳайкале аз барф созем.
Зи нав васфи зимистонро сароем:
Ба ҷойи рӯзҳои гарму тафсон
Зимистон шуд,
Зимистон шуд,
Зимистон!

Кучо дорем мо парвои сармо,
Биборад барф акнун ҳар қадар ҳам,
Ба зери барф монад бому дар ҳам,

Набошад интиҳо* шодии моро:
Ба ҷойи рӯзҳои гарму тафсон
Зимистон шуд,
Зимистон шуд,
Зимистон!

*Убайд Раҷаб*

**фароз** – боло, баландӣ
**машриқ** – шарқ, тарафи офтоббаро
**хурӯшид** – вазид
**интиҳо** – охир

1. Бигӯед, ки кадом аломатҳои зимистон дар шеър баён шудааст.
2. Аз рӯйи расми Манзараи зимистон ҳикояча (4-5 ҷумла) бинависед.

*Ҳавои сард омад, ҷӯй ях баст,*
*Фарози кӯҳҳоро абр пӯшид.*

3. Ба ҷойи саволҳо феълҳои мувофиқ ёфта бинависед.

***Намуна:***
Зимистон (*чӣ кор кард?*) – омад.
Оби ҷӯй (*чӣ кор кард?*) – .......
Барф (*чӣ кор кард?*) – .......
Мо ба теппа (*чӣ кор мекунем?*) – ............

4. Ҷуфти феълҳоро аз ҷиҳати маъно муқоиса кунед ва савол гузоред.

хонд – нахонд
мешиносад – намешиносад
бедор шуд – бедор нашуд
хандид – гирист
омад – рафт
нишаст – хест

5. Калимаҳоро мувофиқи сутунҳои ҷадвал гурӯҳбандӣ кунед.

Салим, барф, сурх, китоб, меборад, баланд, сафед, хона, харид, гуфт, дафтар, хӯрд, хурд, хоб рафт...

*Намуна:*

| *Ном* | *Аломат* | *Амал* |
|---|---|---|
| барф | сафед | меборад |

## 53. ГУЛАКИ БЕНОМ

Дар як гӯшаи замин Гулаке мерӯйид. Миёни сангу гил (хок) барои Гулак ғизое набуд. Ба Гулак об намерасид.

Дар айни тобистон Гулак тоҷгули зебое баровард. Тоҷгули вай баргҳои равшану рахшон дошт ва ба ситора монанд буд. Чун шамол ба ин харобазор меомад, бӯйи муаттари онро ба дуриҳо мебурд.

Боре, пагоҳӣ Райҳон аз паҳлуи ҳамон харобазор мегузашт, ки ногоҳ бӯйи хуши гуле ба димоғаш расид. Вай ба атроф назар андохт. Атроф ҳама хушку холӣ буд. Аммо шамол аз харобазор бӯйи хуше меовард.

Райҳон ба харобазор даромад ва дар паҳлуи санг Гулаки рахшонро дид. Ӯ ин хел гулро дар саҳрову ҷангал, дар китобу маҷаллаҳо надида буд. Райҳон дар назди Гулак нишаст ва аз ӯ пурсид:

– Ту ин ҷо аз куҷо пайдо шудӣ?

– Намедонам, – ҷавоб дод Гулак.

– Барои чӣ ту ба дигар гулҳо монанд нестӣ?

Гулак боз намедонист, чӣ ҷавоб диҳад.

– Номи ту чист?

– Ба ман ҳеҷ кас ном нагузоштааст, – ҷавоб дод Гулак.

– Ман танҳоям.

– Ту ин ҷо чӣ хел танҳо зиндагӣ мекунӣ?

Гулак боз ҷавоб надод.

Райҳон хам шуд ва Гулакро бӯсид.

Рӯзи дигар Райҳон ҳамроҳи дугонаҳояш ба назди Гулак омад. Онҳо ба харобазор пору кашонданд, то ки замин ҳосилхез шаваду Гулаки беном нашъунамо ёбад ва аз донаҳои он гулҳои зебо зиёд шаванд.

Райҳон зимистони дароз Гулаки рахшону беномро ба ёд меовард. Тобистон ӯ ба дидорбинии Гулак рафт. Райҳон дид, ки дигар он ҷо харобазор нест. Сабзаву гулҳо рӯйидаанд. Дар болои онҳо парвонаву парандаҳо парвоз мекунанд. Аз гулҳо бӯе меомад, ки монанди бӯйи Гулаки беном буд.



1. Барои чӣ ҳикоя «Гулаки беном» номида шудааст?
2. Харобазор чӣ гуна ободу зебо гашт?



1. Гуфтугӯйи байни Райҳон ва Гулакро бори дигар хонда, дар нақши онҳо бозӣ кунед.

*2. Имлои дунафарӣ*. Банди аввали матни болоро хонед ва бинависед.



бӯйи муаттар, нашъунамо
Гулак тоҷгул баровард.

## 54. КОРҲОИ БЕҲТАРИН



Мо имрӯз дар дарси санъат ва меҳнат аз гил шакли ҳайвонҳоро сохтем ва расм кашидем. Доро шакли хирсак сохт. Комил расми шутурро кашид. Ҷамила бо сӯзану риштаи рангоранг дар рӯйи матоъ расми гавазн медӯзад. Корҳои беҳтарин ба намоиш гузошта шуданд.

1. Саволу ҷавобҳоро хонда, танҳо ҷавобҳоро бинависед.

| *Савол* | *Ҷавоб* |
|---|---|
| Мо чӣ кор кардем? | Мо имрӯз дар дарси санъат ва меҳнат аз гил шакли ҳайвонҳоро сохтем ва расм кашидем. |
| Доро чӣ кор кард? | Доро шакли хирсак сохт. |
| Комил чӣ кор кард? | Комил расми шутурро кашид. |
| Ҷамила чӣ кор мекунад? | Ҷамила бо сӯзану риштаи рангоранг дар рӯйи матоъ расми гавазн медӯзад. |
| Корҳои беҳтарин чӣ кор карда шуд? | Корҳои беҳтарин ба намоиш гузошта шуданд. |

2. Дар бораи “дӯст” ва “душман” чӣ медонед? Андешаҳои худро дар ду қатор бинависед.

***Намуна:***

| **Дӯст** | **Душман** |
|---|---|
| Дӯст некӣ мекунад... | Душман бадӣ мекунад... |

## ДӮСТ ВА ДУШМАН

Дӯст дар қатори калимаҳои азиз, меҳрубон, рафиқ, бародар меистад. Чун калимаи “дӯст”-ро ба забон меорем, табассум дар лабҳо мешукуфад, пойҳо сӯяш мешитобанд, бозуҳо ба оғӯш мегиранд, гӯшҳо мехоҳанд, ки ин калимаро такрор батакрор шунаванд. Дӯст бо пойи рост ба хона медарояд, бо пойи чап мебарояд. Дӯст хушхабар аст. Аз қадами дӯст хона ҳам ҳусни дигар мегирад, шодӣ меафзояд. Дил метапад, ақл мунаввар мешавад. Забон ба гуфтор меояд: «Хуш омадӣ, эй дӯсти ҷонӣ, қадамат – тоҷи сар, болои дида».

Чун калимаи «душман»- ро ба забон мегирем, даҳшат зер мекунад. Чашмҳо мегирянд, ашкҳо мерезанд. Дар чеҳра ғусса

медамад, пойҳо якбора сусту заиф мешаванд, дастҳо меларзанд, гӯшҳо кар мешаванд. Душман шумхабар аст. Аз қадами душман ҳусни хона мекоҳад. Дил боз ҳам метапад, аммо на чун пештара. Ақл тира мегардад. Забон ба гуфтор меояд: «Чаро омадӣ, эй сиёҳдили хонасӯз!»

*Муҳаммад Лутфуллозода*



Дунафарӣ матни “Дӯст ва душман”-ро бодиққат хонед. Андешаҳои муаллифи матнро дар бораи дӯст ва душман аз рӯйи намунаи зер бинависед.

| **Дӯст** | **Душман** |
|---|---|
| Чун калимаи “дӯст”-ро ба забон меорем, табассум дар лабҳо мешукуфад. | Чун калимаи “душман”-ро ба забон мегирем, даҳшат зер мекунад. |



1. Шумо дӯст доред?
2. Калимаи дӯстро бо кадом калимаҳо иваз кардан мумкин аст?
3. Чӣ гуна одамро душман меҳисобед?
4. Шумо душман доред?
5. Оё ҷанҷоли ҳамсинфон душманист?



1. Аз матн ҷумлаи ба худ маъқулро дар бораи дӯст интихоб карда бинависед.
2. Монанди намунаи зерин сифатҳои дӯсту душманро номбар карда бинависед.

Дӯст одами (*чӣ гуна?*) нек, хушмуомила, ......, ...., ..... аст.
Душман одами (*чӣ гуна?*) бад, бадмуомила, ......, ...., ..... аст.

3. Дар бораи хислатҳои беҳтарини дӯсти худ ҳикоя бинависед. Ҳикояро ин тавр оғоз кунед:

Дӯсти ман ... ном дорад. Вай ........

# VI. ДАЛЕРӢ ВА ҚАҲРАМОНӢ. ШАХСОНИ МУЪТАБАР. СИФАТ

## 55. САВОЛҲОИ СИФАТ



Аз рӯйи мазмуни расм фикратонро баён кунед.



Дунафарӣ дар ҷойи худ ранги либос ва дигар аломатҳои зоҳирии якдигарро муқоиса кунед.

- Аброр, ранги куртаат чӣ хел? – ……
- Назира, ранги куртаи ту чӣ хел? – ….
- Аброр, мӯйҳоят чӣ гуна? – ……
- Назира, мӯйҳои ту чӣ гуна? – ……

Исмҳои дар расм бударо номбар кунед. Аз рӯйи рангу бӯй, маза, зебоӣ, шакл ба аломатҳои ҳар як ашё ва писарак савол гузоред.




Калимаҳое, ки ранг, бӯй, маза ва дигар хусусияту аломатҳои шахсу ашёро мефаҳмонанд, **сифат** номида мешаванд.

## ДАЛЕРИЮ ҚАҲРАМОНӢ

Одамони далер шахсони чусту чолок, нотарс, ҷасур ва бақувватанд, чунки онҳо ҳамеша ба варзиш машғуланд. Баданашонро обутоб медиҳанд.

Далерон аз корҳои душвор наметарсанд. Онҳо барои муҳофизати Ватани худ ва ҳаёти осоиштаи ҳамдиёронашон мубориза мебаранд. Онҳо намегузоранд, ки душман пойи нопокашро ба замини поки Ватани азизамон гузорад. Онҳо Ватани худро аз одамони бегона чун гавҳараки чашм ҳифз мекунанд.

Дар кишварамон шахсони муътабар ҳам умр ба сар бурдаанд. Онҳо дар соҳаи илму адаб ва касбу ҳунар хизмати арзанда кардаанд. Ба монанди Борбад, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Имоми Аъзам, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Беҳзод, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода ва дигарон. Саъдӣ дар васфи одамони бузург гуфтааст:

Зиндаю ҷовид монд, ҳар кӣ накуном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр* зинда кунад номро.

**зикри хайр** – ба некӣ ёд кардан

1. Одамони далер бояд чӣ гуна бошанд?

2. Кадом гурӯҳи одамонро шахсони муътабар меноманд?

3. Шахсони номдори маҳалли зисти худро номбар кунед. Бигӯед, ки онҳо бо кадом корнамоиҳояшон номи нек гузоштаанд.

4. Кӯча, маҳалла ва мактабатон ба номи кӣ гузошта шудааст, барои кадом кори некаш?

Панди Саъдиро навишта, аз ёд кунед.

*Имлои дунафарӣ.*

- Банди якумро бонавбат ба ҳамдигар бихонед ва бинависед.
- Дафтарҳои худро иваз кунед. Дурустии навиштаҳои ҳамдигарро бисанҷед.
- Агар ғалатҳо бошанд, фаҳмонда ислоҳ кунед.

муътабар, Имоми Аъзам,
Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.

Бихонед ва бинависед. Калимаҳои ифодакунандаи аломати ашёро муайян кунед ва савол гузоред.

Офтоби дурахшон аз паси кӯҳҳои баланд баромад. Бинои мактаби мо дарвозаи оҳанӣ дорад.

| Савол | Ҷавоб |
|---|---|
| 1. *Офтоби чӣ хел?* | Офтоби **дурахшон.** |
| 2. *Кадом кӯҳҳо?* | Кӯҳҳои **баланд.** |
| 3. *Дарвозаи чӣ гуна?* | Дарвозаи **оҳанӣ.** |

Калимаҳои **дурахшон, баланд, оҳанӣ** сифатанд. Ба сифатҳо саволҳои *чӣ хел? кадом? чӣ гуна?* гузошта мешавад.

# 56. СОЛИМ ВАҒОНИМ

Ду рафиқ буданд: яке Солим, дигаре Ғоним. Онҳо ҳамроҳ сафар мекарданд. Рӯзе гузорашон ба доманаи кӯҳе афтод, ки қуллаи он ба бурҷи фалак мерасид.* Дар пойи он кӯҳ чашмаи мусаффое буд.

Он ду рафиқ чун ба он манзили пок расиданд, барои осоиш қарор гирифтанд*. Баъд аз осудагӣ* ногоҳ дар канори ҳавз санги сафеде диданд, ки бо хатти сабз бар вай навиштаанд: «Эй мусофир, ба ин манзил расидӣ, бидон, мо барои меҳмон беҳтарин нуқл* тайёр кардаем. Вале шарт он аст, ки аз баҳри сар гузашта, пой бар ин чашма бинеҳ ва аз хатари гирдоб андеша накарда, худро ба канор бияндоз. Шереро, ки аз санг тарошида, дар пойи кӯҳ ниҳодаанд, ба пушт бардошта, беист ба як давидан худро болои кӯҳ бирасон. Чун ин роҳ тамом шуд, ба мақсад мерасӣ».

Баъд аз хондани ин хат Ғоним ба Солим гуфт:

– Эй бародар, биё, ба ин майдони мубориза дароем ва ин тилисмро* бикушоем. Солим ҷавоб дод:

– Эй ёри азиз, баробари хондани ин хат, ки нависандааш маълум нест, ба чунин хатари азим* пой ниҳодан манфиате* надорад. Ҳеҷ оқил дониста заҳр намехӯрад.

Ғоним гуфт:

– Эй рафиқи мушфиқ*, марди ҳақиқӣ то пояи баланд ба даст наорад, аз роҳи талаб барнагардад.

Солим гуфт:

– Дар роҳе, ки поён надорад, қадам задан ва дар баҳре, ки соҳилаш падид нест*, шино кардан аз тариқи хирадмандӣ дур менамояд. Ман дар ин кор бо ту шарик намешавам ва туро низ аз ин кор манъ мекунам.

Ғоним гуфт:

– Аз баҳри ин сухан даргузар, ки ман ба қавли касе аз азимати худ* барнамегардам. Солим донист, ки Ғоним дар кори худ якрав аст, борашро бардошт ва бо рафиқаш видоъ кард. Ғоним

дил аз ҷон шуста*, ба азми устувор* қадам дар чашма ниҳод. Ҳарчанд он чашма гирдоби бало* буд, аммо Ғоним дил қавӣ дошта* ба он соҳил расид. Каме нафас рост кард, шери сангиро бар пушт кашид. Шери сангӣ вазнин буд. Ғоним бо ҳазор гуна заҳмату азоб ба як давидан худро ба сари кӯҳ расонд.

Дар он тарафи кӯҳ шаҳри бузурге дид, ки ҳавои хуш ва фазои дилкаш дошт. Ғоним ба ҷониби шаҳр назар мекард. Ногоҳ аз он шери сангӣ овози сахте баромад, ки ларза дар кӯҳу саҳро афтод. Он садо ба шаҳр расид. Мардум ба ҳар тараф бурун омаданд ва сӯйи кӯҳ давиданд.

Ҷамъе аъёну ашроф* расида, Ғонимро салом доданду ба илтимоси тамом ӯро ба асп савор карда, ба ҷониби шаҳр бурданд. Сару танашро бо собуну гулоб шуста, ҷомаҳои шоҳона пӯшонданд ва ба ифтихору икроми зиёд* подшоҳии он кишварро ба ихтиёраш супурданд.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

**қуллаи кӯҳ ба бурҷи фалак мерасад** – қуллаи кӯҳ хеле баланд аст.
**барои осоиш қарор гирифтанд** – барои истироҳат кардан истоданд
**баъд аз осудагӣ** – пас аз дамгирӣ
**нуқл** – газак, яъне чизи аз ширинӣ, сернамак тайёр кардашуда
**тилисмро кушодан** – тилисмро бартараф кардан
**хатари азим** – хавфи бузург
**манфиате надорад** – фоидае надорад
**рафиқи мушфиқ** – рафиқи меҳрубон
**соҳилаш падид нест** – соҳилаш наменамояд
**аз азимати худ** – аз майлу хоҳиши худ
**видоъ кардан** – хайрухуш кардан
**дил аз ҷон шустан** – аз баҳри ҷон гузаштан
**азми устувор** – азми қавӣ, азму иродаи мустаҳкам
**гирдоби бало** – ҷойи хатарнок
**дил қавӣ доштан** – дилро бақувват гирифтан
**аъёну ашроф** – бузургон, сардорон
**ба ифтихору икроми зиёд** – бо иззату эҳтироми зиёд

1. Дар матн дар бораи кӣ сухан меравад?
2. Воқеаи асосии матн дар куҷо рӯй дод?
3. Ин воқеа кай рӯй дод?
4. Солиму Ғоним дар сафар чиро мушоҳида карданд?
5. Дар рӯйи санги сафед чӣ навиштаҷот буд?
6. Аз мазмуни кадом ҷумла хатарнокии шартро пай бурдан мумкин аст?
7. Далерии Ғоним дар куҷо нишон дода шудааст?
8. Эҳтиёткории Солим-чӣ?
9. Кадоме аз ин дӯстон ба шумо бештар маъқул шуд?
10. Агар шумо дар ин вазъият мебудед, чӣ кор мекардед?

1. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо бидиҳед.
2. Маънои калимаҳои **азимат, аъёну ашроф, икром, нуқл**ро ба ҳамсинфон шарҳ бидиҳед.
3. Ибораҳои **азми устувор, гирдоби бало, дил аз ҷон шустан, дил қавӣ доштан**ро шарҳ бидиҳед.
4. Шарҳи луғатро дар дафтар бинависед ва аз ёд кунед.
5. Номи симоҳои матнро бинависед.
   Симои якум: …………..
   Симои дуюм: ………….
6. Хислатҳои симоҳои матнро бинависед.
   Солим – эҳтиёткор, …….
   Ғоним – далер, ……
7. Хислати Солим ва Ғонимро муқоиса кунед.

## 57. САЪВА ВА ФИЛ

Дар як шаҳр дарахти бузурге месабзид. Дар он дарахт Саъвае байза монда буд.

Рӯзе Фил омада, тани худро ба танаи он дарахт молидан гирифт. Аз ларзиши он байза аз дарахт афтод. Саъваи бечора худро ба ину он шох мезад ва мегирист. Саъва худ ба худ гуфт, ки душмани пурзӯрро ба воситаи ҳила нест бояд кард. Саъва дӯсте дошт. Ӯро Мурғи дарознӯл меномиданд. Саъва назди Мурғ рафту дарду алами худро гуфт:

– Филе бар ман ситамгарӣ кардааст. Ҳилае ба кор бару тадбире* бисоз. Дар ин рӯзи мусибат* ба ман ёрӣ бирасон ва аз Фил интиқоми* маро бигир.

Мурғ гуфт:

– Аз Фил интиқом гирифтан душвор аст. Зӯри ман намерасад. Ман Занбӯр ном дӯсте дорам, доност. Бо ӯ маслиҳат мекунам.

Пас, онҳо ба пеши Занбӯр рафтанд ва аҳволро баён карданд.

Занбӯр чун ин қисса шунид, тарсиду гуфт:

– Маро дӯстест, сардори лашкари ғукон.* Қиссаро ба ӯ бигӯем.

Баъд Саъва, Занбӯр ва Мурғи дарознӯл – ҳар сеяшон ба пеши Ғук рафтанд, аҳволро баён карданд ва аз ӯ мадад хостанд.

Ғук аз шикастани байзаҳои Саъва афсӯс хӯрду гуфт, ки хотирҷамъ бошед.

– Ба ҳила кӯҳро паст кардан мумкин аст. Барои нест кардани Фил ҳилае ба кор мебарам. Он ҳила ин аст, ки Занбӯр наздики гӯши Фил биравад ва ӯро бо овози худ маст кунад. Ҳамин ки Фил маст шавад, Мурғи дарознӯл бо нӯли худ ҳар ду чашми ӯро биканад, то кӯр шавад. Баъди чанд рӯз, ки Фил ташна мемонад, ман ба пеши ӯ меояму овоз мебарорам. Фил овози маро мешунавад. Вай ба худ мегӯяд, ки Ғук дар ҷое зиндагӣ мекунад, ки дар он ҷо об ҳаст. Ӯ аз қафои ман меояд. Ман ӯро ба назди ҳавзи пуроб мебарам ва ғарқ мешавад. Дигар касе овозашро намешунавад ва ба касе зарар намерасонад.

Пас, онҳо ҳамчунон карданд.

**тадбир** – илоҷи корро ёфтан
**мусибат** – бадбахтӣ, фалокат
**интиқом** – қасд
**ғук** – қурбоққаи саҳрой



1. Барои чӣ Саъва аз ҷабри Фил наҷот ёфт?
2. Барои чӣ Фил дар ҳавзи пуроб ғарқ шуд?
3. Барои чӣ об нӯшидан мехост?

4. Чаро чашмонаш ҳеҷ чизро намедид?
5. Барои чӣ Мурғи дарознӯл чашми Филро кӯр кард?
6. Барои чӣ Мурғи дарознӯл ба Саъва ёрӣ дод?
7. Чаро Фил Саъваро азоб медод?



1. Дар нақши Саъва, Фил, Мурғ, Занбӯр, Ғук бозӣ кунед.
2. *Имлои дунафарӣ*. Банди дуюми матнро бихонед ва бинависед.



1. Калимаҳои **тадбир, интиқом, мусибат**ро шарҳ диҳед.
2. Шарҳи луғатро дар дафтар бинависед ва аз ёд кунед.



Аз рӯйи нақшаи зерин нақли хаттӣ бинависед:

А. Байзаи Саъваро шикастани Фил
Б. Аз Мурғ мадад пурсидани Саъва
В. Назди Занбӯр рафтани Саъва ва Мурғ
Г. Маслиҳати Ғук
Ғ. Ғарқ шудани Фил
Д. Хулоса

## 58. АРЧА



Дарахти арча ҳамешасабзи дарозумр аст. Аз ҳамин сабаб одамон дар ҷашни Соли нави мелодӣ арчаро ҳамчун рамзи умри ҷовидонӣ бо бозичаҳо оро медиҳанд, кулчаю қанд меовезанд. Бачаҳо дар гирди он мерақсанду мебозанд.

Мардуми мо арчаро дар ҳар ноҳия ба тарзи гуногун: арча, бурс, маҳинбурс, паттаарча, сарварча, хорбурс ва мурӯдбурс меноманд.

Чӯби сурхчатоб, сахту ҷилодор, хушбӯю хушнамуди арча намепӯсад. Онро на фақат дар сохтмон, инчунин дар кулолӣ ва оҳангарӣ чун сӯзишворӣ истифода мебаранд.

Арча сарвати табиати мост. Аз тухмаш дору тайёр мекунанд. Барги арча гӯштро аз зуд вайрон шудан нигоҳ медорад. Дар он ҷое ки арчазор аст, борону сел заминро намешӯяд, зеро решаҳои арча васеъ паҳн мешаванд.

Арча бисёр суст месабзад. Вай дар сад сол то шаш метр дароз мешавад. Ҳоло лозим шудааст, ки ин дарахти ҳамешасабзро муҳофизат бикунем ва зиёд гардонем.

Бачаҳои азиз! Шумо ҳам дар муҳофизати дарахтони арча ва сабзиши онҳо саҳмгузор бошед. Дар заминҳои назди мактаб ва ҳавлиҳо ниҳоли арча парвариш кунед, зеро арчазор ҳаворо тоза нигоҳ дошта, муҳити зисти диёрамонро зебу зинат медиҳад.

1. Чаро дар ҷашни Соли нави мелодӣ одамон барои ороиш дарахти арчаро интихоб мекунанд?
2. Чӯби арчаро барои чӣ истифода мебаранд?
3. Тухм ва барги арча барои чӣ лозиманд?
4. Магар шумо розӣ ҳастед, ки барои дилхушии чандрӯза арчаи дар чандин сол сабзидаро бибуред?
5. Агар шумо барои ниҳолшинонӣ арча наёбед, ба ҷойи он кадом дарахтро интихоб мекунед? Чаро?

*Арча ҳамешасабз мебошад.*
*Арча бисёр суст месабзад.*

## 59. САРГУЗАШТИ БАРФИБОБО

Барфибобо шабона
Баромада аз хона,
Пӯстинашро биафшонд,
Дуои некашро хонд.

Барфи лак-лакӣ борид,
Ҳама ҷо шуд сап-сафед.

Гуфто ӯ: «Шуд зимистон,
Шодӣ кунед, бачагон!»…

Хат навишт ба бачагон
Дар ин шаби зимистон:
«Имшаб Соли нав ояд,
Ба ҳар хона дарояд.

Дар соати бисту чор
Маро шавед интизор.
Пеши шумо меоям,
Бо туҳфаҳо меоям»…

Чун Соли нав биёмад,
Ногоҳ зи дар даромад,
Бобо ба бачаҳо шод
Туҳфаҳояшро бидод.



*Мавҷуда Ҳакимова*

Бачагон Барфибоборо соати чанд интизор мешаванд?

Барфак рақами 24-ро аз соат наёфт. Шумо ба Барфак ёрӣ бирасонед.

Аз рӯйи нақшаи зерин мувофиқи мазмуни шеър нақли хаттӣ бинависед.

- Аз хона баромадани Барфибобо
- Мактуб навиштани ӯ ба бачаҳо

Тасаввур кунед, ки дар ҷашни Соли нав шумо омӯзгорон ва аҳли оилаатонро табрик мекунед. Ҳар гурӯҳ табрикнома тариб дода хонад.

*Ҷавоби чистонро ёбед.*

Сандуқчаи зулбиё*,
Худбандаку худкушо.

**зулбиё** – соф, шаффоф

# НИМСОЛАИ ДУЮМ

## 60. ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Исмоили Сомонӣ соли 897 сардори хонадони Сомониён шуд. Ӯ пойтахти аморатро* аз Самарқанд ба Бухоро кӯчонд. Вай аз соли 900 бо фармони халифа* амири Хуросони* бузург таъйин шуд. Исмоил марди донишманд, зирак ва мардумдӯст буд. Дар корҳо нек андеша мекард, ба доди бенавоён мерасид ва дар миёни мардум маҳбубияти зиёд дошт. Ӯ ба сохти давлатдории гузаштагон пайравӣ карда, дар Бухоро даҳ девон (вазорат) таъсис дод, ки мулкро бо ёрии онҳо идора мекард. Бо сарварии вазири кишвар низоми давлатдорӣ ба роҳ монда шуда, иқтисодиёту тиҷорат, кишоварзию ҳунармандӣ, шаҳрсозию ободонӣ ва илму фарҳанг хеле пеш рафт.



Исмоил ба забони модарии худ – забони тоҷикӣ меҳри зиёд дошт. Аз ин рӯ, коргузории давлатиро ба забони модарӣ ҷорӣ кард.

То замони Исмоили Сомонӣ мардум дар атрофи шаҳри Бухоро девор мекашиданд, то аз тохтутози кӯчманчиёни турк эмин бошанд. Боре мардум аз Исмоил рухсат хостанд, ки девори гирди шаҳрро таъмир кунанд. Исмоил мардумро аз ин кори душвору пурхарҷ озод карда гуфт: “То зиндаам, девори Бухоро ман бошам”. Исмоил дар муддати кӯтоҳ роҳҳоро ободу бехатар намуда, дар роҳҳои корвонгарди миёни шаҳрҳо корвонсаройҳо* сохт. Робитаҳои* тиҷоратиро то Чину Ҳиндустон ва Арабу Рум* вусъат бахшид.

*(Аз “Донишнома”)*

**аморат** – ҳукумати подшоҳӣ
**халифа** – лақаби подшоҳони араб
**Хуросон** – кишваре дар ҳудуди имрӯзаи Эрону Афғонистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон
**корвонсарой** – саройи бузурге, ки меҳмонхона дорад
**робита** – алоқа
**Рум** – Туркия

1. Исмоили Сомонӣ кӣ буд?
2. Исмоили Сомонӣ чӣ гуна хислатҳо дошт?
3. Ӯ мардуми Бухороро аз кадом кори душвор озод кард?
4. Дар замони ҳукмронии Исмоили Сомонӣ кадом соҳаҳо тараққӣ карданд?
5. Давлати Сомониён бо кадом кишварҳо тиҷорат мекард?
6. Барои чӣ Исмоили Сомониро асосгузори давлати тоҷикон мегӯянд?
7. Дар бораи Исмоили Сомонӣ ягон маълумоти дигар доред? Онро баён карда метавонед?

**Шарҳ бидиҳед:**
Дар корҳо нек андеша мекард.
Ба доди бенавоён мерасид.
Дар миёни мардум маҳбубияти зиёд дошт.

1. Имлои эҷодӣ: Аз калимаҳои пароканда ҷумлаҳо тартиб бидиҳед.
Исмоил, Сомонӣ, буд, донишманд, зирак, марди, ва.
Вай, забони тоҷикӣ, ба, меҳр, дошт.
Ӯ, сохт, корвонсаройҳо, шаҳрҳо, миёни.

2. Аз рӯйи мазмуни расм аввал ба таври шифоҳӣ нақл кунед, баъд хаттӣ ҳикоя бинависед.

1. **Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ ёфта бинависед.**

а) Исмоил марди донишманд, зирак ва... буд.

б) Дар корҳо нек андеша мекард, ба доди бенавоён мерасид ва дар миёни мардум... зиёд дошт.

2. **Исмоили Сомонӣ пойтахти давлати Сомониёнро ба кадом шаҳр кӯчонд?** (*Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред*).

А. Хуросон

Б. Самарқанд

В. Бухоро

Г. Сомониён

3. **Исмоили Сомонӣ мардумро аз кадом кори душвор озод кард?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).*

А. аз андозсупорӣ.

Б. аз сохтани девор

В. аз шаҳрсозӣ

Г. аз тиҷорат

4. **Ҷумлаи «Дар корҳо нек андеша мекард» чӣ маъно дорад?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).*

А. дилтанг

Б. Андеша мекард, ки кадом кори некро анҷом диҳам.

В. Андеша мекард, ки кори некро кунам ё не.

Г. Корҳои некро ба анҷом мерасонд.

**5. Шарҳи калимаҳои сутуни якумро аз сутуни дуюм биёбед.** *(Бо пайкон ишора кунед).*

| | |
|---|---|
| **халифа** | ҳукумати подшоҳӣ |
| **аморат** | саройи бузурге, ки меҳмонхона дорад |
| **робита** | лақаби подшоҳони араб |
| **корвонсарой** | алоқа |

# 61. ОДАМ ДАР ЗЕРИ БАРФ

Содиқҷон барои ҳезум харсавор ба ҷангал рафт. Шамоли сахт сар шуд, роҳро барф пӯшонд. Вай роҳашро гум кард ва ба тарафи дигар равон шуд.

Содиқҷон хунук хӯрда, аз хар ба рӯйи барфи баланд афтод. Ӯ дар зери барф монд. Хар бесоҳиб монда, рост ба ҳавлӣ омад. Содиқҷон набуд. Падару модар ин ҳолатро дида, одамонро ба ёрӣ даъват карданд. Чанд кас ба кофтукови Содиқҷон баромаданд, вале ӯро наёфта, баргаштанд.

Рӯзи дигар як шикорчӣ бо сагаш ба ҷангал рафт. Саги ҳушёру зирак ногаҳон як ҷойро бӯй карду бо пойҳои бақувваташ ба кофтани барф сар кард. Шикорчӣ дид, ки саг бо пойҳояш барфро мекобад ва аз он ҷо буғ мебарояд. Ӯ дид, ки дар чуқурӣ як бачаи хушрӯяк афтида, беҳуш хобидааст.

Шикорчӣ аз асп фуромада, бачаи беҳушро аз чуқурӣ баровард. Ӯ бадани Содиқҷонро бо барф молиш дод, бача ба ҳуш омад.

Саг дар атрофи соҳибаш ва бача давр зада, дум меҷунбонд, Содиқҷонро мебӯйид ва бо пойҳои сафедаш бозӣ мекард. Вай аз кори кардааш хурсанд буд.

Шикорчӣ Содиқҷонро ба ҳавлиашон овард.

Падару модари Содиқҷон ба шикорчӣ миннатдорӣ баён карданд.

1. Ба Содиқҷон чӣ воқеа рӯй дод?
2. Ӯ чӣ тавр ёфт шуд?
3. Оё бо одамони маҳаллаи шумо чунин воқеа рӯй додааст?
4. Барои ба ин гуна ҳолатҳо дучор нашудан чӣ чора андешидан мумкин аст?

Бо калимаи ҳаммаънои **миннатдорӣ** ҷумла тартиб бидиҳед ва бинависед.

Содиқҷон дар зери барф монд.
Шикорчӣ ӯро ба хуши овард.

Имлои эҷодӣ. *Бо ибораҳои зерин ҷумла бисозед:* ба оғӯш, аз шодӣ, бо шумо, дар саҳро, бе дафтар, дар оби хунук

***Намуна:*** *Модар Содиқҷонро ба оғӯш кашид ва бӯсид.*

Аз рӯйи тасаввурот оид ба манзараи зимистон ҳикояи хурд бинависед.

**Намуна:**

### ҒУРУБИ ОФТОБ

Рӯз бегоҳ шуд. Офтоб оҳиста-оҳиста дар паси кӯҳҳо нишаст. Ҳангоми ғуруби Офтоб осмон ранги дигар гирифт. Абрҳои пароканда дар осмон монанди ранги сурх, зард ва гулобӣ менамуданд. Оби дарё дар зери партави ғуруби Офтоб ранги сурх гирифт. Чӣ қадар зебост табиати диёри мо.



## 62. ТАҶРИБАИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

Абӯалӣ ибни Сино ду барраро дар ду оғил ҷой дода, барояшон шароити якхела муҳайё кард. Фарқ дар он буд, ки дар пеши оғили якум расмеро бо тасвири сабзаю майсазор, Офтоби дурахшон ва барра гузошт. Дар пеши оғили

дуюм тасвири гургеро гузошт, ки дар паси панҷара туъмааш (барра)-ро пора карда мехӯрад.

**Натиҷаи кор:** Барраи оғили якум бақувват, фарбеҳ ва хушҳол калон мешавад, вале барраи оғили дуюм рӯз то рӯз заифу лоғар.

Дар гурӯҳҳо ақидаҳои худро дар бораи тарзи зиндагии ду барра баён кунед.

а) Гурӯҳи якум. *Сабаби бақувватии барраи панҷараи якумро бигӯед.*

б) Гурӯҳи дуюм. *Сабаби заифу лоғар шудани барраи панҷараи дуюмро фаҳмонед.*

1. Матнро бори дигар хонед ва ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ гузоред.

Абӯалӣ ибни Сино ду барраро дар ду … ҷой дод.
Дар пеши панҷараи якум расмеро бо … овезон кард.
Дар пеши панҷараи дуюм расмеро бо … овезон кард.
Баррачаи якум … калон мешавад.
Баррачаи дуюм рӯз то рӯз …мешавад.

2. Саволҳои дар қавсбударо партофта, ҷумлаҳои зеринро бинависед.

- Падарам барои ман либоси *(чӣ хел?)* зимистона овард.
- Бомҳо, шохаҳои дарахтони *(чӣ хел?)* баланд бо барфи *(чӣ хел?)* сап-сафед пӯшида шуданд.
- Модари *(чӣ гуна?)* меҳрубони ман нони *(чӣ гуна?)* гарм пухт.
- Гӯсфанди фарбеҳи *(кадом?)* почасафед бо баррачаи *(чӣ гуна?)* ҷингиламӯяш аз саҳро омад.

*Барра бақувват калон шуд.*

Имлои эҷодӣ: *Аз калима ва ибораҳои додашуда ҷумлаҳо созед:* калон. бузург. азим. аъзам
чеҳраи хуррам. боди форам. номи нек.
пули оҳанӣ. хонаи сангӣ. киштукори баҳорӣ, асбобҳои халқӣ.

***Намуна:** Падарам аз бозор тарбузи калон овард. Боди форам мевазад.*

Ба кадом калимаҳо мувофиқат кардани калимаҳои ҳаммаъноро нишон бидиҳед.

| | |
|---|---|
| А) қашшоқ, нодор, бечора | 1. баҳодур |
| Б) паҳлавон, пурзӯр, таҳамтан | 2. содиқ |
| В) бемор, нотоб, касалманд | 3. камбағал |
| Г) вафодор, босадоқат, босубот | 4. бемор |

## 63. ГУРГИ НОДОН

Будааст, набудааст, як Гург будааст. Вай бисёр гурусна мондаасту дара ба дараю саҳро ба саҳро гашта, дар ҳеҷ ҷо хӯрок наёфтааст. Гурги гурусна харобу беҳол шудааст. Рӯзе вай ғамгину маъюс дар роҳ бо Бузаке вохӯрдааст.

– Оҳ, Бузаки меҳрубон!– гуфтааст Гург. – Туро ёд кардам.

– Аз гапҳоят маълум, ки маро хӯрдан мехоҳӣ, – гуфтааст Бузак. – Аммо ҳаминро гуфтаниям, ки ҳоло гӯшти ман бемаза аст. Агар розӣ бошӣ, ман ба паси кӯҳ рафта, зираю пиёз хӯрда меоям. Гӯштам бомаза мешавад. Кайф карда мехӯрӣ!

Гург ба суханони Бузак бовар карда, розӣ шудааст. Бузак рафтаасту дигар барнагаштааст.

Гурги гурусна боз машғули ҷустуҷӯйи хӯрок шудааст. Ногаҳон аз пеши ӯ Аспе баромадааст.

– Ба пойи худат омадӣ, – гуфтааст Гург пеши роҳи Аспро гирифта.

– Маро хӯрдан мехоҳӣ? – пурсидааст Асп. – Ин тавр бошад, як хоҳиш дорам. Ман ба як ҷо хат бурданиям. Агар каме дар ҳамин ҷо биистӣ, зуд бармегардам, баъд маро маза карда мехӯрӣ.

– Ку, он хатро нишон бидеҳ! – талаб мекунад Гург.

– Хат дар таги пойи ақибам, бовар накунӣ, худат омада бин! – гуфтааст Асп.

Гург ба таги пойи рости Асп нигоҳ карданӣ шудааст. Асп ба рӯйи Гург чунон лагади сахт задааст, ки ҳамаи дандонҳои вай шикаста, беҳуш шуда афтидааст. Асп хандида, чорхеззанон рафтааст.

Гург баъд аз чанд вақт ба ҳуш омада, дидааст, ки ҳам Асп аз даст рафтаасту ҳам бедандон мондааст. Вай ҳарчанд зӯр задааст, лекин аз ҷояш хеста натавонистааст.

1. Дар матн сухан дар бораи чӣ меравад?
2. Гург дар куҷо мегашт?
3. Бузак чӣ тавр Гургро фиреб дод? Асп-чӣ?
4. Барои чӣ Гург аз ҳуш рафт?
5. Воқеа дар куҷо рӯй додааст?
6. Чаро Гурги гурусна Бузакро нахӯрд?
7. Дар ҷумлаи «Гурги ғамгину маъюс дар роҳ бо Бузаке вохӯрдааст» калимаи **“маъюс”** чӣ маъно дорад?
8. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн чӣ баҳо медиҳед? Барои чӣ?
9. Дар симои Гург чӣ хел одамон тасвир шудаанд? Дар симои Бузак ва Асп-чӣ?
10. Дар замони мо чунин одамон ҳастанд? Ба онҳо чӣ маслиҳат медиҳед?
11. Мазмуни асосии матн аз чӣ иборат аст?
12. Барои чӣ ба афсона сарлавҳаи “Гурги нодон” гузошта шудааст?

*Имлои дунафарӣ*

• Ду ҷумлаи аввали матнро бонавбат ба ҳамдигар бихонед ва бинависед.

• Дафтарҳои худро иваз кунед. Дурустии навиштаҳои ҳамдигарро санҷед.

• Агар ғалатҳо бошанд, фаҳмонда ислоҳ кунед.

*– Маро хӯрдан мехоҳӣ?*
*Ку, он хатро нишон бидеҳ!*

Аз рӯйи нақша мазмуни афсонаро бинависед:

- Вохӯрии Гург бо Бузак;
- Вохӯрии Гургу Асп;
- Оқибати ҳоли Гурги нодон;
- Хулоса.

**1. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ ёфта бинависед.**

а) Гурги ғамгину ....... дар роҳ бо Бузаке вохӯрд.

б) Гурги гурусна боз машғули ...... хӯрок шудааст.

**2. Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд?** (*Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред*).

А. Бузак, Гург ва Асп
Б. Рӯбоҳ, Гург ва Асп
В. Бузак ва Гург
Г. Асп ва Гург

**3. Воқеаи асосӣ дар куҷо рӯй дода буд?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред).*

А. дар саҳро
Б. дар хонаи Бузак
В. дар хонаи Гург
Г. дар хонаи Асп

**4. Чаро Гурги гурусна Бузакро нахӯрд?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред).*

А. Вай бемадор буд.
Б. Бузак вайро фиреб дод.
В. Асп дандонҳои Гургро шикаст.
Г. Гург бисёр сер буд.

**5. Дар ҷумлаи «Гурги ғамгину маъюс дар роҳ бо Бузаке вохӯрдааст.» калимаи "маъюс" чӣ маъно дорад?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред).*

А. дилтанг, зиқ
Б. шоду хурсанд
В. ноумед, рӯҳафтода
Г. ночор

**6. Пайдарҳамии дурусти мазмуни матнро муайян кунед.** *(Дар сутуни якум рақамҳои мувофиқ гузоред).*

| | |
|---|---|
| | Гург бо Асп вомехӯрад. |
| | Гург дигар аз ҷояш хеста наметавонад. |
| | Вай дар роҳ бо Бузак вомехӯрад. |
| | Асп ҳам Гургро фиреб медиҳад. |
| | Будааст, набудааст, як Гург будааст. |
| | Бузак Гургро фиреб медиҳад. |

**7. Калимаҳои сутуни дуюмро ба сутуни якум мувофиқ гузошта, ибора созед.** (*Бо пайкон ишора кунед).*

| | |
|---|---|
| гӯшти | гурусна |
| гурги | ақиб |
| пойи | бемаза |

**8. Мазмуни асосии матн аз чӣ иборат аст?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред).*

А. Ҳоли нодон дар азоб.
Б. Ҳамеша ҳушёр бош.
В. Ба ҳар кас бовар макун.
Г. Асло фиреб макун.

## 64. БУЗУРГОНИ МИЛЛАТ

Дар асри **X** шаҳрҳои калонтарини Осиёи Миёна – Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд марказҳои бузурги илму фарҳанг буданд.

Дар байни ин шаҳрҳо Бухоро ҳамчун маркази муҳимми маданияти Шарқ мақоми бузургтар дошт. Дар ин ҷо бисёр олимони маъруф, шоирон ва арбобони маданият зиндагӣ ва эҷод мекарданд. Осори муътабари назму насри тоҷикӣ, бузургтарин ёдгориҳои санъати меъморӣ ва амалӣ дар Бухоро офарида шудаанд.

Дар замони Сомониён шахсони муътабар – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ ва монанди инҳо бо асарҳои безаволи худ машҳури дунё шудаанд.

1. Шаҳрҳои калонтарини Осиёи Миёна кадомҳоянд?
2. Бухоро аз кадом ҷиҳат шаҳри пешрафта маҳсуб меёфт?
3. Чаро Бухороро маркази илму фарҳанг мегӯянд?

*Имлои “Худамро месанҷам”*

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, санъати меъморӣ, Абӯрайҳони Берунӣ.

1. Ба саволҳои зерин ҷавоб гардонед ва бинависед:

- Оҳан сахт аст, пахта-чӣ?...

- Асал ширин аст, шираи камол-чӣ? ....
- Зимистон хунук мешавад, тобистон-чӣ? .....
- Кӯҳ баланд аст, теппа-чӣ? ....

2. Ҷуфти калимаҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?

сахт – мулоим, равшан – торик, сафед – сиёҳ, фарбеҳ – хароб

Аз иҷрои машқ хулоса бароред.

3. Ба калимаҳои **калон, бузург, нек, хурсанд** калимаҳои муқобилмаъно бинависед.

## 65. МУБОҲИСА



Фирдавсӣ ба шаҳри Ғазнӣ, назди Султон Маҳмуд омад. Аз тамоми шаҳрҳои дуру наздик шоирон ба Ғазнӣ ҷамъ меомаданд. Бозори шеър авҷ мегирифт. Шоирон дар бораи пешравии илм ва маданият мубоҳиса* мекарданд. Боре Мутавваъӣ, ки худ араб буд, бо Фирдавсӣ дар бораи бартарии забонҳои арабию форсӣ баҳс намуд.

Мутавваъӣ аз Фирдавсӣ пурсид:

– Шумо арабиро хуб медонед, чаро шеърҳои арабӣ намегӯед?

Фирдавсӣ ҷавоб дод:

– Мехоҳам шеърҳои маро ҳамватанони ман, ки забони арабиро намедонанд, бихонанд ва бифаҳманд... Ба шумо забони арабии худатон хуш аст, ба ман забони модарии худам. Забони форсии дарӣ аз арабӣ ҳеҷ камӣ надорад. Инро Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Абӯшакури Балхӣ ва дигар шоирони бузурги форсизабон исбот кардаанд. Ниҳоят, “Шоҳнома”-и банда* ҳам далели ин даъвост.

Мутавваъии араб савол дод:

– Пас, чаро шоирони бузурги форсизабон ба арабӣ шеър мегӯянд? Аз ҷумлаи онҳо ду нафар дар ин маҷлис ҳозиранд, – гуфт ӯ ва ба Абӯмузаффари Балхӣ ва Абдумалики Бӯстӣ ишора

кард. – Магар ин далели он нест, ки онҳо бартарии забони арабиро ёфтаанд?

Фирдавсӣ ҷавоб дод:

– Бо арабӣ шеър гуфтани онҳо маълум аст. Охир, дар ин замона ҳар ки бо забони арабӣ нависаду сухан гӯяд, шахси донишманд ҳисоб меёбад. Лекин аз чӣ сабаб онҳо забони арабиро аз забони форсии модариашон беҳтар медонанд, ба ман маълум нест.

Ин гуфтаҳои Фирдавсӣ ба он ду нафар тоҷикзабон нафорид.

Абӯмузаффари Балхӣ гуфт:

– Дуруст, забони форсӣ ширин аст, вале бо ин забон фақат тӯтинома навиштану хондан мумкин. Аммо забони панду ҳикмат арабист.

Фирдавсӣ дар ғазаб шуд ва ба ӯ гуфт:

– Шумо, ҷаноб, забони модарии худро бад дида, забони бегонаро аз вай беҳтар шуморидаед. Ин монанди он аст, ки кас аз модари худ рӯй гардонаду моиндарро* дӯст бидорад. Чунин кас бадсиришт* ва бадгавҳар* аст.

*Сотим Улуғзода*

**мубоҳиса** – баҳси чанд кас доир ба ягон масъала
**банда** – ишора ба худ
**моиндар** – модари ӯгай, модарандар
**бадсиришт** – бадфеъл, бадкор
**бадгавҳар** – бадасл, бадзот

1. Дар симои Фирдавсӣ чӣ гуна одамон тасвир ёфтаанд?
2. Дар симои Абӯмузаффару Абдумалик-чӣ?
3. Сабаби ба забони тоҷикӣ шеъргӯйии Фирдавсӣ чист?
4. Мутавваъӣ ба Фирдавсӣ чӣ савол дод?
5. Фирдавсӣ чӣ ҷавоб дод?

6. Фирдавсӣ бартарии забони форсиро дар чӣ мебинад?

7. Забони форсӣ чӣ гуна забон аст?

8. Оё таҳқир кардани забонҳои дигар хуб аст? Чаро?

9. Шумо кадом забонҳоро медонед?



*Имлои дунафарӣ*

• Калимаҳои зерро бонавбат ба ҳамдигар хонед ва бинависед.

| | |
|---|---|
| ёрӣ | дунё |
| ҳушёр | сиёҳ |
| бисёр | наёфт |
| Ёдгор | Ёсуман |
| Сомониён | ёвар |

• Дафтарҳои худро иваз кунед. Дурустии навиштаҳои ҳамдигарро бисанҷед.

• Агар ғалатҳо бошанд, фаҳмонда ислоҳ кунед.

1. Ба калимаҳои зерин сифатҳои муқобилмаъно бинависед.

| | |
|---|---|
| наздик --- | -- ширин |
| бузург --- | -- фарбеҳ |
| донишманд -- | -- пурхӯр |
| далер --- | -- ҳимматбаланд |
| бадсиришт -- | -- сангдил |

2. Калимаҳои **бадгавҳар, мубоҳиса**ро шарҳ бидиҳед.

3. Шарҳи луғатро дар дафтар бинависед ва аз ёд кунед.

**1. Калимаву таркибҳои сутунҳои чапу ростро тарзе мувофиқ гузоред, ки зарбулмасал ҳосил шаванд.**

| | |
|---|---|
| А) Меҳнат кунӣ | 1) шараф аст. |
| Б) Меҳнат | 2) роҳат муяссар намешавад. |

В) Бе меҳнат                3) роҳат  мебинӣ.

**2. Пайдарҳамии дурусти калимаҳоро дар ҷумла муайян кунед.** ***(Дар дохили хоначаҳо рақам гузоред):***

| ба | пирамарде | баромад | дарави | гандум |
|---|---|---|---|---|
| 2 | 1 | 5 | 3 | 4 |

**3. Калимаҳои ишорашударо бо калимаҳои ҳаммаъно иваз карда бинависед.**

– Иқбол омӯзгорро **фиреб дод**.
– Комила дар ҳалли мисол ба додараш **мадад расонд.**
– Омӯзгор Симинро барои ба дарс даромадан **рухсат дод**.
– Беҳтарин чойи дамгирӣ канори **дарёст.**
– Салима духтари **шармгин** мебошад.

## 66. АЗ ДОСТОНҲОИ “ШОҲНОМА”: ЗАҲҲОК

Шоҳ Мардос марди саховатманду накукор, аммо писари ӯ Заҳҳок ҷавони сабук, бодӣ ва сангдил* буд. Аҳримани фитнаангез* як пагоҳ ба назди Заҳҳок омад ва ба забони нарму овози форам ба ӯ гуфт:

– Ман ба ту сирре* мегӯям. Вале савганд* бихӯр, ки ба касе намегӯйӣ.

Заҳҳок савганд хӯрд.

Аҳриман гуфт:

– Падари пире, ки ту барин писаре дорад, ҷаро бояд дар тахти подшоҳӣ шинад. Подшоҳӣ ба ту мезебад. Ҷаро ту сустӣ мекунӣ? Агар хоҳӣ, метавонӣ падаратро аз миён бардорӣ ва ба ҷояш худат биншинӣ.

Бо шунидани ин сухан дар дили Заҳҳоки мансабталаб хоҳиши шоҳ шудан падид омад*, лекин андеша карда гуфт:

– Ин кор шоиста* нест.

Аҳриман ӯро тарсонда гуфт:

– Ту савганд хӯрдӣ. Агар гуфтаи маро накунӣ, савгандзада* мешавӣ.

Заҳҳок пурсид:

– Подшоҳро чӣ тавр аз миён мебардорам?

Аҳриман гуфт:

– Чораи ин дар дасти ман аст.

Мардос боғи дилкушое дошт. Ӯ ҳар бомдод ба он боғ танҳо даромада, таҳорат мекард ва намоз мехонд. Деви бадсиришт * шабона дар боғ дар сари роҳи подшоҳ чоҳе канда, даҳони онро хаспӯш кард.

Саҳар Мардос чун ба боғ даромад, ногаҳон ба он чоҳ ғалтида ҳалок шуд.

Заҳҳок ба тахти подшоҳӣ нишаст.

**сангдил** – бераҳм<br>
**фитнаангез** – фиребгар, дурӯғгӯй<br>
**сирр** – кор ё амале, ки ба як ё якчанд кас маълум мебошад, роз<br>
**савганд** – қасам<br>
**падид омад** – пайдо шуд<br>
**шоиста** – арзанда<br>
**савгандзада** – қасамзада

1. Сифатҳои Мардос ва Заҳҳокро аз рӯйи ҷадвал бинависед ва муқоиса кунед.

| Сифатҳои Мардос (падар) | Сифатҳои Заҳҳоқ (писар) |
|---|---|
| саховатманд<br>накукор<br>раҳмдил | сабук<br>бодӣ<br>сангдил |

2. Аз рӯйи сифатҳои падар ва писар ҷумла бинависед.
***Намуна:*** *Мардос шоҳи накукор буд. Шоҳ Мардос шахси саховатпеша буд. Заҳҳок ҷавони хеле сангдил буд.*

3. Дуруст ё нодуруст: дуруст ё нодуруст будани ақидаро пас аз хондани матни «Заҳҳок» муайян кунед.

| Ақида | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| Аҳримани фитнаангез як пагоҳӣ ба назди Заҳҳок омад. | + | |
| Дар дили Заҳҳоки мансабпараст хоҳиши шоҳ шудан падид омад. | | |
| Аҳриман ӯро тарсонд. | | |
| Аҳриман шоҳ Мардосро кушт. | | |



1. Ҷумлаҳоро пурра кунед.

1) **Аҳримани фитнаангез --------------------- ба назди Заҳҳок омад.**

А. як бегоҳ
Б. як шаб
В. як пагоҳ
Г. як рӯз

2) **Ман ба ту як --------------- мегӯям.**

А. хабар
Б. сирре
В. гап
Г. кор

**3) Деви бадсиришт -------------- дар боғ чоҳе канд.**

А. рӯзона

Б. нисфирӯзӣ.

В. бегоҳӣ

Г. шабона

**4) Ба кадом ҷумлаҳо мувофиқ будани калимаҳоро нишон бидиҳед.**

| | |
|---|---|
| А) Телефони Дилафрӯз ........ | 1.Юнон |
| В) Қадимтарин мамлакати ҷаҳон ........ аст. | 2. чаққон |
| С) Моҳрӯ духтари .............. мебошад. | 3. занг зад. |
| Д) Беҳтарин чойи дамгирӣ канори ....... аст. | 4. баҳр |

## 67. ФИРЕБИ АҲРИМАН



Аҳриман худро ба сифати ҷавони донои сухангӯе сохта, назди Заҳҳок омада гуфт:

– Ман пазандаи моҳирам, хӯрокҳои шоҳона мепазам.

Заҳҳок вайро ошпази хоси худ таъйин кард.

Аҳриман рӯзи дигар хӯроке аз кабку тазарв тайёр карда, назди шоҳ овард. Заҳҳоки шикампарвар хушнуд шуд. Рӯзи сеюм дастархони шоҳро бо чӯҷакабобу барракабоб оро дод. Рӯзи чорум Аҳриман аз гӯшти гӯсола бо ҳамроҳ кардани заъфарону* гулобу мушки ноб* хӯроки дилкаше тайёр карда овард. Заҳҳок хурсанд шуда, ба пазанда гуфт:

– Аз ман ҳар чӣ хоҳӣ, бихоҳ!

Аҳриман, ки мунтазири ҳамин сухан буд, гуфт:

– Эй подшоҳ, ягона орзуи ман ин аст, ки иҷозатам бидиҳӣ, то аз ду китфи ту бибӯсам.

Заҳҳок иҷозат дод. Аҳриман ҳар ду китфи ӯро бӯсид ва ҳамон лаҳза нопадид шуд.

Аз ду китфи шоҳ ду мор рӯйид. Заҳҳок тарсид. Фармон дод, ки морҳоро аз бех бурида партоянд. Морҳоро буриданд, лекин ҳамон дам боз ду мори дигар монанди ду шох баромаданд. Табибони донишманд кӯшиш карданд, ки моронро нест кунанд, лекин натавонистанд.

Аҳриман худро ба сурати табиби доное даровардa, назди Заҳҳок омад ва гуфт:

– Буридани морон фоида надорад. Онҳоро бо хӯрокдиҳӣ ором кардан мумкин аст. Хӯроки ин морон мағзи сари одам аст. Барои он ки морон ором шаванду ба ту зараре нарасонанд, бифармой, ҳар рӯз аз мағзи сари ду кас хӯрок пухта, ба онҳо хӯронанд. Шояд морон оқибат аз ин тарзи нигоҳубин бимиранд.

> **заъфарон** – гиёҳе, ки гулҳои зарди хушбӯй дорад ва онро ба хӯрок меандозанд
> **мушки ноб** – мушки холис, тоза, хушбӯй

1. Аҳриман барои ба мақсад расидан кадом тадбирро ба кор бурд?
2. Ба Заҳҳок чӣ ҳодиса рӯй дод?
3. Аҳриман баъди ин воқеа ба Заҳҳок чӣ маслиҳат дод?
4. Аҳриман чӣ мехост?

## 68. ХОБ ДИДАНИ ЗАҲҲОК

Як шаб Заҳҳоки ситамгар* хоб дид, ки се паҳлавони ҷанговар пайдо шуданд. Ду нафари онҳо калонсол буданд ва як нафарашон ҷавон. Хурдишон паҳлавоне буд зебо, қоматаш чун сарв, ба дасташ гурзи* вазнини говсар* дошт. Вай гурзро ба сари Заҳҳок зад, ӯро ғалтонда, дастҳояшро баст ва ба гарданаш банд андохт. Ҳар се паҳлавон ӯро кашолакунон ба сӯйи кӯҳи Дамованд бурданд.

Донишмандон таъбири хоби Заҳҳокро маълум карданд, вале аз гуфтани он тарсиданд. Агар росташро гӯянд, подшоҳи золим онҳоро мекушад.

Зирак ном донишманди ростгӯй ва нотарс ба Заҳҳок рӯйирост гуфт:

– Таъбири хобат ин аст, ки подшоҳият дер давом намекунад. Фаридун ном паҳлавони ҷавоне аз насли шоҳони Эрон ба дунё меояд, калон мешавад, туро бо гурзи вазнини говсар зада, ҳалок мегардонад ва соҳиби тахту тоҷ мешавад.

Заҳҳок аз шунидани гуфтори Зирак беҳуш шуд ва аз тахт афтид. Чун ба ҳуш омад, фармон дод, ки Зиракро дошта, ҷазо бидиҳанд. Вале Зираки доно кайҳо рафта буд. Ӯро ҳарчанд ҷустанд, наёфтанд. Вай аз шаҳр берун баромада, пинҳон шуда буд. Аз ҳамон рӯз Заҳҳок ба воҳима афтод.

> **ситамгар** – золим
> **гурз** – як навъ асбоби ҷангии дастадори вазнин
> **гурзи говсар** – гурзи ба сурати гов сохташуда

1. Зирак таъбири хоби Заҳҳокро чӣ гуна шарҳ дод?
2. Аз чӣ сабаб Заҳҳок ба воҳима афтод?
3. Ба фикри шумо, Заҳҳок баъди шунидани ин хабар чӣ кор мекунад?

Ба сифатҳои **калонсол, ҷавон, зебо, вазнин, золим, ростгӯй, нотарс, доно**, ки дар матн мавҷуданд, сифатҳои муқобилмаъно бинависед.

***Намуна:*** *калонсол – хурдсол, ....*

*таъбир, рӯйирост, ростгӯй,*
*Заҳҳок беҳуш шуда афтид.*

# 69. НАБАРДИ ФАРИДУН БО ЗАҲҲОК



Аз Фаронак ном зани покдил писаре ба дунё омад. Номи ӯро Фаридун гузоштанд.

Аммо шодии модару падари Фаридун дер накашид. Навкарони Заҳҳок ба кофтукови Фаридун баромада буданд. Отибину Фаронак барои халосии ҷони фарзандашон Фаридунро бардошта, ба кӯҳу биёбон гурехтанд. Ҷӯпоне Фаридунро бо шири модагови зебову хушранг се сол парвариш кард. Заҳҳок аз ин дарак ёфт. Модари бечора бо бачааш ба кӯҳи Албурз гурехт. Ӯ Фаридунро дар Албурзкӯҳ ба як марди порсо* барои тарбия супурд.

Фаридун дар Албурзкӯҳ ҷавони қоматбаланд, зӯрманд* ва диловар* шуд. Модар аз кадом наслу насаб будани писарашро ба ӯ ошкор кард. Аз дасти Заҳҳоки золим кушта шудани падарашро фаҳмонд. Нафрати* Фаридун зиёд шуд ва ба модараш гуфт:

– Шамшер мекашам, аз Заҳҳок интиқоми* падарамро мегирам!



Аз байн чанд вақт гузашт. Вақти интиқомгирӣ омад. Фаридун ба аспи кӯҳпайкаре* нишаста, гурзи говсарро ба даст гирифт, роҳ ба сӯйи тахти Заҳҳок ниҳод.

Чун ба наздики шаҳр расид, Фаридун донист, ки ҷойи шоҳи аждаҳобардӯш* он ҷост. Баҳодури ҷавон ба қаср даромад. Ҳар ки пеш меомад, аз зарби гурз ба ҳалокат мерасид. Фаридун ҳама ҷойи қасрро кофт, лекин Заҳҳокро наёфт. Шоҳ гурехта буд...

Мардуми шаҳр дар майдонҳо гулхан* афрӯхта, ҷашни зафар* барпо карданд. Ин хабар ба Заҳҳок расид.

Заҳҳок бо лашкари зиёде ба муқобили Фаридун ба ҷанг омад...

Фаридун бо гурзи вазнин Заҳҳокро зада, ба замин афтонд. Морони Заҳҳок аз тарс ба китфонаш фурӯ рафтанд. Фаридун ҳар ду даст ва миёни Заҳҳокро ба сутун баст. Ҷанг ба фоидаи Фаридун анҷом ёфт. Заҳҳоки даступобастаро ба шутур бор карда, сӯйи кӯҳсори Шерхон ронданд. Дар танаи кӯҳ меххои оҳанин зада, аз ду дасташ ба меххо овехтанд.

**набард –** ҷанг
**порсо** – некрафтор, некукирдор
**зӯрманд** – боқувват, тавоно
**диловар** – шуҷоъ, далер, ҷасур
**нафрат** – бадбинӣ
**интиқом** – қасд
**кӯҳпайкар** – тануманд, бузургҷусса
**аждаҳобардӯш** – аждаҳо бар китф
**гулхан** – оташ
**зафар** – ғалаба

1. Чаро модар Фаридунро ба кӯҳи Албурз гурезонд?
2. Дар синни навҷавонӣ ба Фаридун кадом сирр ошкор шуд?
3. Фаридун дар назди худ чӣ мақсад гузошт?
4. Оқибати бадкорӣ ба чӣ анҷом меёбад?

*пойи қалъа, ҳунарнамоӣ,*
*Фаридун ғалаба кард.*

1. Бихонед ва бинависед: *чӯпон, кӯҳ, ӯ, тӯда*. Боз кадом калимаҳо ҳарфи “ ӯ” доранд? Бинависед.

2. Бихонед ва бинависед: *хоҳӣ, метавонӣ, хӯрдӣ*. Боз кадом калимаҳо ҳарфи “ӣ” доранд? Бинависед.

3. Бихонед ва бинависед: *қалъа, маълум, ваъда*. Боз кадом калимаҳо ҳарфи “ъ” доранд? Бинависед.

4. Ба сифатҳои зерин сифатҳои муқобилмаъно бинависед.

| | |
|---|---|
| рост – | ғафс – |
| оҳиста – | сершира – |
| хушк – | бомаза – |
| хунук – | равшан – |
| ваҳшӣ – | боқувват – |

5. Аз сутуни дуюм сифатҳои мувофиқро интихоб намуда, ба исмҳои сутуни аввал бо бандаки изофӣ алоқаманд карда бинависед. Бигӯед, ки сифатҳо бо кадом аломат ҷудо карда шудаанд.

| **Исм:** | **Сифат:** |
|---|---|
| нок | баланд, мевадор |
| булбул | нӯктез, борик |
| дарахт | соф, гарм |
| қалам | сероб, калон |
| ҳаво | хушхон, хушовоз |

## 70. ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ТОҶИКИСТОН. ПЕШОЯНДҲО

23-юми феврал рӯзи ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон аст. Дар ин рӯз афсарон либоси идона пӯшида, дар кӯчаҳо қадам мезананд. Собиқадорон ба вохӯрию мулоқотҳо мераванд. Онҳо ба наврасон дар бораи корнамоиҳои падару бобоён ҳикоят мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дӯстони зиёд бадхоҳон

низ дорад. Бинобар ин барои муҳофизати Ватан ташкили Артиши миллӣ зарур аст.

Қудрату иқтидори Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон рӯз то рӯз мустаҳкам мешавад.

Имрӯзҳо бародарони мо дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ софдилона хизмат карда, кишварамонро аз душманони дохилию берунӣ муҳофизат мекунанд. Муҳофизони мо ҳамеша ба ҳимояи ҳаёти осоиштаи тоҷикистониён омодаанд.

Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини ташкилёбӣ танҳо як мақсад доранд: муҳофизати сарзамини Тоҷикистон. Мо бо тамоми халқҳо дӯстона зиндагӣ кардан мехоҳем. Мо ҷангро маҳкум месозем.

1. Мардуми мо рӯзи ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳро чӣ тавр ҷашн мегиранд?
2. Зарурати ташкили Артиши миллӣ дар чист?
3. Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон чӣ мақсад доранд?

1. Мисли дарсҳои қаблӣ аз рӯйи нақша мактубнависиро машқ кунед.

| | |
|---|---|
| Мурочиат *(ба кӣ?)* | Ассалом, бародари азиз, Комилҷон! |
| Мақсад. | Инак, рӯзи ҷашни Артиши миллӣ наздик омада истодааст. Дар мактаб мо бо афсарон ва собиқадорони ҷанг вохӯрӣ гузаронидем. Онҳо аз ҳаёти гузаштаи худ ба мо нақлҳои хеле ҷолиб карданд. Ман ҳам дар пеши худ мақсад гузоштам, ки вақте калон мешавам, мисли шумо барои муҳофизати Ватан–Модар дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон хизмат мекунам.<br>Акаҷон, шуморо бо ин ҷашн табрик гуфта, бароятон саломатӣ ва шуҷоатмандиро таманно дорам. |
| Ҷамъбаст ва муаррифӣ | Бо эҳтиром, бародари шумо, Камолҷон. |

2. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои заруриро гузошта матнро бинависед.

## ИФТИХОРИ МУАЛЛИМ

Бобои Мирсаид ... нафақа баромаданаш муаллим буд. Имрӯз ӯ ... шогирдонаш фахр мекунад. Устод ... аҳволи шогирдони худ, ки ... мактаб муаллиманд, зуд-зуд хабар мегирад.

Бобои Мирсаид имрӯз ... мактаб омад. Шогирдон ... омадани устоди худ шод шуданд.



Калимаҳои **ба, аз, дар, то** пешояндӣанд. Пешояндҳо калимаҳоро дар ҷумла алоқаманд мекунанд. Пешояндҳо аз калимаҳо ҷудо навишта мешаванд.

3. Ба ҷойи нуқтаҳо пешояндҳои мувофиқ гузошта, зарбулмасалҳоро бинависед.

а)...... *танбал кор фармо, панд шунав.*

б)...... *гунҷишк тарсӣ, арзан накор!*

в) *Чоҳканро чоҳ ..... пеш аст.*

г) *Давидани гӯсола ..... каҳдон.*

4. Панди зеринро аз ёд кунед.

Баду нек монад зи мо ёдгор,
Ту тухми бадӣ, то тавонӣ макор!

*Абулқосим Фирдавсӣ*



Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ гузошта бинависед.

1) **Рӯзи Артиши миллиро ... ҷашн мегиранд.**

А) 23 январ Б) 23 феврал В) 23 март

2) **Давидани гӯсола то .........**

А) хона Б) ҳавлӣ В) каҳдон

3) **Аз гунчишк ............ арзан макор!**

А) гурезӣ Б) тарсӣ В) шитобӣ

4) **Ба............ кор фармо, панд шунав.**

А) танбал Б) қобил В) доно

# 71. ДУ ДОНА

Ҳаво хунук буд.

Ду дона дар канори роҳ зери хок мунтазири баҳор буданд.

– Ҳамин ки ҳаво гарму замин нарм шуд, ҳар ду неш зада мебароем! – орзу мекарданд онҳо.

Аммо ҳаво рӯз то рӯз сардтар мешуд. Шабҳо шамоли сахт вазида, уллоси гургона мекашид. Рӯзона аз атроф ҳар гуна садоҳо шунида мешуд. Гоҳо бачаҳо ҷамъ омада, шодию хурсандӣ мекарданд. Аз афташ, Бобои Барфӣ месохтанд ё яхмолакбозӣ мекарданд. Баъзан аз роҳ ароба мегузашт, дар зери чархҳои вазнини он яхи кӯлмакҳо шикаста, қасар-қусур садо мебаровард. Дар боғот селаи зоғони гурусна аз субҳ то шом мағал мекарданд.



Як пагоҳӣ замин гарм шуд.

– Ана, ҳаво гарм шуд! – хурсандона хитоб кард як дона. – Биё, неш бизанем!

– Не! – ҷавоб дод донаи дигар. – Ҳаво ҳанӯз сард аст, зимистон акнун сар шуд!

– Чӣ хел, зимистон акнун сар шуд?! Магар бадани ту гармиро ҳис накард?

– Гармиро ҳис кард, вале ин гармии баҳор нест! Имшаб беист барф борид. Барои ҳамин гарм шудем! Барф кӯрпаи замин аст.

– Ин тавр бошад, омадани баҳорро чӣ тавр мефаҳмем?

Донаи дигар гуфт:

– Аз суруди бачаҳо, ки барои чидани гули сияҳгӯш меоянд, аз чириққоси гунҷишкакон, “ку-ку” гуфта хондани мусичаҳо, садои шилдирроси ҷӯйборон, ҷастухез карда, дукур-дукуркунон давида гузаштани бузғолаву баррачаҳо, ки ба чаро мераванд!...

1. Симоҳои матн чиҳоянд?
2. Онҳо дар куҷо хоб буданд?
3. Ба фикри шумо, воқеа кай рух додааст?
4. Онҳо дар бораи чӣ баҳс карданд?
5. Кадоме аз онҳо ҳақ буд?
6. Омадани баҳорро аз куҷо донистан мумкин аст?



1. Мазмуни матнро муфассал ва мухтасар нақл кунед.
2. Дар нақши донаҳо бозӣ кунед.

Ҷадвалро аз назар гузаронед. Ба саволҳои сутуни якум ва ҷавобҳои сутуни дуюм диққат бидиҳед.

| | |
|---|---|
| *Чӣ?* | • барф |
| *Чӣ хел?* | • сафед, хунук |
| *Чӣ кор мекунад?* | • меборад, медурахшад, мелағжонад |
| Дар бораи он чӣ фикр доред? | • Барфҳо об мешаванд |
| Калимаи ҳаммаъно | • рӯшноӣ |

*Аз рӯйи нақша нақли хаттӣ бинависед.*

**Нақша:**

- Донаҳо дар куҷо мехобиданд?
- Онҳо дар бораи чӣ баҳс карданд?
- Омадани баҳорро аз куҷо фаҳмидан мумкин аст?

# 72. БАҲОР

(*Афсонаи халқӣ*)

Буд, набуд, як духтари нағзакак буд. Духтарак Баҳор ном дошт. Он вақтҳо аз фаслҳои сол фақат фасли Зимистон буду халос. Дигар фаслҳо набуданд. Зимистон хунук буд.

Рӯзе Баҳори хурдакак ба кӯча баромад. Ӯ зери барфҳо базӯр роҳ мерафт. Ногоҳ Баҳор нолаеро шунид:

– Ёрӣ диҳед! Хунук хӯрдам, – зорӣ мекард Дарахте. Ба Дарахт раҳми Баҳор омада, пӯстинашро ба вай пӯшонд.

Баҳор роҳашро давом дод. Ногоҳ аз пешаш Гунҷишкаке баромад, ки зор-зор мегирист:

– Чиқ-чириқ, – поям дард карда истодааст, хунук задааст. Кай ин сармо тамом мешавад? Вой-вой-вой!

Баҳор мӯзачаҳои худро ба Гунҷишкак дода гуфт:

– Мах, инро бипӯш, сиҳат мешавӣ. Гунҷишкак мӯзаро пӯшида, парвоз карду рафт.

Ҳамин вақт як пиразане асо ба даст назди Баҳор омад.

– Ҳой, Баҳор! Ҳамин кулоҳатро ба ман деҳ, сарам аз хунукӣ дард карда истодааст.

Баҳор кулоҳи пахтагии гулдорашро ба пиразан доду гуфт:

– Бигиред, оча, бипӯшед, дарди саратон мемонад.

Кампир аз рафтори Баҳор шод шуд ва гуфт:

– Ту ба ман некӣ кардӣ, ман ҳам некӣ мекунам. Дар дил чӣ орзу дошта бошӣ бигӯ, иҷро мекунам.

Баҳор ҷавоб дод:

– Ман мехоҳам, ки офтоб бошад, барфҳо об шаванд, гармӣ биояд. Гулҳо шукуфта, бо бӯйи дилкаши худ табиатро муаттар созанд. Булбулу гунҷишкон сурудхонӣ кунанд.

Ҳамон замон пиразан аз назар ғоиб шуду замину замон ба ларза омад:

Оламро абрҳои ғафс ва овозҳои дилхарошу даҳшатовар фаро гирифт.

Баҳор чашмонашро калон кушод. Ба ҳар сӯ нигоҳ мекард.

Абрҳои тира парешон шуданд. Ҳар чи ки Баҳор хоҳиш карда буд, ба амал омад.

Ҷӯйҳои пуроб шилдир-шилдиркунон мерафтанд:

– Мо аз они Баҳор! Мо аз они Баҳор!

Парандагони хушхон ба суруди онҳо ҷӯр мешуданд:

– Мо аз они Баҳор! Мо аз они Баҳор!

Гулу лолаву дарахтон аз вазиши насим рақсида, тасдиқ мекарданд:

– Мо аз они Баҳори некдилем.

Пиру ҷавон аз хонаҳои навакак аз зери барф озодшудаи худ баромада, “Баҳор!” мегуфтанд.

Ҳамин тавр, номи ин фасли нозанин Баҳор шуд.



Аз рӯйи нақша ва намунаи зер ҳикоя бинависед.

***Нақша:***

- Табиат дар фасли баҳор.
- Кор дар заминҳои зироаткорӣ.
- Боғ дар баҳор

***Намуна:***

Моҳи март дар Тоҷикистон баҳор оғоз меёбад. Ҷӯйҳо аз оби равон пур мешаванд. Офтоб ба ҳама ҷо нур мепошад. Дар ҳама ҷо киштукори баҳорӣ сар мешавад.

Кишоварзон аз гармхонаҳо кӯчати помидор, карам, каду, боимҷон, бодиринг ва дигар сабзавотро гирифта, ба ҷӯякҳои пешакӣ тайёр кардашуда мешинонанд.

Дар боғҳо дарахтон гул карда, манзараи баҳорро зеботар мекунанд. Насими форами баҳорӣ ба кас ҳаловат мебахшад.

Ба ҷойи нуқтаҳо таркибҳои мувофиқро бинависед.

1. Рӯзе Баҳори хурдакак ...................... баромад.

А) ба ҳавлӣ Б) ба айвон В) ба кӯча

2. Кампир аз рафтори Баҳор ………….. шуд.

А) ғамгин Б) шод В) ҳайрон

3. Абрҳои …………….. парешон шуданд.

А) тира Б) сиёҳ В) сафед

4. Баҳор …………………..ро калон кушод.

А) даҳонаш Б) дастонаш В) чашмонаш

5 Ба ҷумлаҳои зерин калимаҳои мувофиқ интихоб кунед ва нависед.

А. Шаби ороми деҳаро гиряи ……. халалдор кард.

Б. Модар суруди зиндагиро ……… мекард.

В. Бачаҳо ба боғи ………… рафтанд.

Г. Ҳайвонҳо дар ………… қафас зиндагӣ мекарданд.

**Калимаҳо барои истифода:** қафасҳо, ҳайвонот, замзама, кӯдаке.

Ба саволҳо ҷавоб бинависед.
Духтарак чӣ ном дошт?
Духтарак ба куҷо баромад?
Ӯ ба кӣ ёрӣ дод?
Баҳор ба орзуҳояш мерасад?

## 73. ДАСТИ МОДАР

Бо ҳамон дасте, ки шабҳои дароз
Чашми шаҳло карда во аз хоби ноз.

Аллагӯён тифлро хобондаӣ,
То саҳар гоҳворааш ҷунбондаӣ.

Бо ҳамон дасте, ки ширам додаӣ,
Сӯям оғӯшат калон бикшодаӣ.

Бо ҳамон дасте, ки шодам борҳо
Пок кардӣ ашки чашмони маро.



*Мирзо Турсунзода*

1. Шоир дар васфи заҳматҳои модар чиҳо гуфтааст?
2. Модар барои хушбахтии фарзандонаш чиро мехоҳад?

Чор мисраи охири шеърро хонед ва бинависед.

## МОДАР ВА ФАРЗАНД

Модар сарчашмаи хушкнашавандаи ҳаёти инсонист. Калимаи «Модар» иборат аз панҷ ҳарф аст ва ҳар кадом рамзи як маънost. Ҳарфи **м** – меҳр, **о** – одоб, **д** – дил, **а** – ақл, **р** – раҳм аст. Баробари ба забон гирифтани ин калима пеши назарамон шахси меҳрубон, баодобу дилсӯз, боақлу раҳмдил намудор мешавад. Ин калимаест, ки аввалин маротиба одам ба забон меорад ва он дар тамоми забонҳо як хел оҳанги навозиш дорад. Модар баҳри фарзанд шахси ғамхору меҳрубон аст.

Асои дасти модар бош, фарзанд,
Ки модар баҳри ту болу паре аст.
Давои дарди модар бош, фарзанд,
Бароят доимо тоҷи саре аст.

1. Мазмуни мисраи аввали шеърро бифаҳмонед.
2. Мазмуни шеъри “Дасти модар”– ро бо матни “Модар ва фарзанд” муқоиса кунед.

## 74. МОДАР

Гӯянд, маро чу зод модар,
Пистон ба даҳон гирифтан омӯхт,
Шабҳо бари гоҳвораи ман
Бедор нишасту хуфтан* омӯхт.

Лабханд ниҳод бар лаби ман,
Бар ғунчаи гул шукуфтан омӯхт.
Дастам бигирифту по ба по бурд,
То шеваи* роҳ рафтан омӯхт.

Як ҳарфу ду ҳарф бар забонам
Алфоз* ниҳоду гуфтан омӯхт.
Пас, ҳастии ман зи ҳастии ӯст,
То ҳастаму ҳаст дорамаш дӯст!

*Эраҷ Мирзо*

**хуфтан** – хобидан
**шева** – тариқ, тарз
**алфоз** – лафз

1. Шеърро ифоданок хонда, аз ёд кунед.
2. Аз мушоҳидаатон дар бораи заҳмати модаратон дар тарбияи фарзанд нақл кунед.
3. Бахшида ба Рӯзи модар ҳамдигарро аввал ба таври шифоҳӣ, баъд хаттӣ табрик кунед. Тартиб ва мазмуни табрикномаро бо ҳам муҳокима кунед.
4. Намунаи тартиб ва мазмуни матни табрикнома:

*Муроҷиат* (Модарҷони азиз!)

*Мақсад* (Шуморо бо фарорасии Рӯзи модар табрик мегӯям. Ҳамеша сиҳату саломат бошед!)

5. Ҷамъбаст ва муаррифӣ (Бо орзуҳои нек, Беҳрӯз)
6. Оид ба баргузории Рӯзи модар аввал ба таври шифоҳӣ, баъд хаттӣ эълон бинависед.



- *Аввал тартиб ва мазмуни эълонро бо ҳамдигар муҳокима кунед.*
- *Намунаи тартиб ва мазмуни матни эълон:*

*Муроҷиат* (Эълон! Диққат!)

*Замон ва макони баргузории чорабинӣ* (Имрӯз, 07. 03.2017, соати 13:00 дар саҳни мактаб)

*Мақсад* (Бахшида ба Рӯзи модар намоиши калон баргузор мешавад)

- *Ҷамъбаст ва муаррифӣ* (Марҳамат, ба тамошо!)

Дар мавзӯи “Модари ман” иншои хурд бинависед.

Модар бо як даст гаҳвора ва бо дасти дигар тамоми дунёро меҷунбонад. Модар чашмаи ҷовидонаи ҳаёт аст.

# 75. АЛЛА

Алла гӯяд модарам,
Гар барои хоҳарам,
Мешавад беихтиёр
Чашмони ҳама хумор.
Аз аллааш хоб ояд,
Як хобаки боб ояд.
Алла гӯяд модарам,
Ҳамаро менигарам.
Асал борад аллааш,
Шакар дорад аллааш.
Чун сар монӣ ба болин,
Меояд хоби ширин.
Аллаи модарамро
Ҳама медонад ин ҷо.

Ҳам момоям медонад,
Ҳам бобоям медонад,
Ҳам додому ҳам Гулнор,
Ҳам худам шабе сад бор.
Мекунам беихтиёр,
Аллаи ӯро такрор.
Ҳама мехонад ин ҷо:
Ҷӯяки дари хона,
Мурғаки сари лона,
Шамолаки шабона,
Бо модарам баробар
Алла гӯянд то саҳар.

*Гулрухсори Сафӣ*



Сароидани таронаи “Алла”-ро машқ кунед.



*Имлои дунафарӣ.*

Шаш мисраи аввали шеъри “Алла”-ро бонавбат ба ҳамдигар бихонед ва бинависед.

Дафтарҳоятонро иваз кунед. Дурустии навиштаҳои ҳамдигарро бисанҷед. Агар ғалатҳо бошанд, фаҳмонда ислоҳ кунед.

Дарси имрӯзаро бо модаратон муҳокима кунед. Аз баён (дикта)-и модар чор мисраъ суруди “Алла”-ро бинависед.

## 76. БАҲОР ОМАД!

### ГАРМӢ АЗ КУҶО МЕОЯД?

Шараф:
– Гармӣ аз куҷо меояд?
Лола:
– Аз Офтоб!
Шараф:
– Пас, ҳар қадар боло барой, ҳаво гармтар мешавад?
Лола:
– Не! Ҳар қадар боло барой, ҳаво хунуктар мешавад!

*Таҷриба:* Нури Офтоб аз шиша гузашта, ба фарши хона афтодааст. Даст ба шиша баред. Шиша хунук аст. Акнун кафи худро ба фарш гузоред. Фарш гарм аст! Чаро шиша мисли фарш гарм нест? Охир нури Офтоб аввал ба шиша расид. Ин ҷо чӣ сирр аст?

Лола:
– Таҷриба кардӣ? Фаҳмидӣ?
Шараф:
– Фаҳмидам.

Лола:

– Шарҳ бидеҳ!

Шараф:

– Нури Офтоб аввал аз шиша мегузарад, лекин аввал фарш гарм мешавад, чунки шиша нури Офтобро “хӯрда” наметавонад. Аммо фарш нурро баҳузур “хӯрда”, сер мешавад. Офтоб аввал он ҷоеро гарм мекунад, ки нураш ба он расида истад. Дар ҳаво низ мисли шиша нури офтоб намеистад. Барои ҳамин аввал замин метафсад.

Лола:

– Бале! Агар ҳаво метафсид, мо аз ҳавои сӯзон нафас мекашидем. Он гоҳ биниямон месӯхту поямон хунук мехӯрд!

Шараф:

– Боз як мисол биёр, Лола!

*Мисол:* Вақте ки ҳаво дар водӣ хеле гарм аст, дар домани кӯҳ шамоли форам мевазад, яъне, салқин аст!



Барои чӣ ҳар қадар боло барой, хунук мехӯрӣ?

## ЧАРО БОРОН МЕБОРАД?



Шараф:

– Борон гарм аст ё сард?

Лола:

– Борон гарм аст, бахусус борони баҳор форам мешавад!

Шараф:

– Пас, чаро поён меояд? Охир гарм аст!

Лола:

– Бодиққат гӯш деҳ, вагарна намефаҳмӣ.

Шараф:

– Гӯшам ба ту!

Лола:

– Об буғ мешавад. Буғ миллиард-миллиард заррачаи об аст.

Буғ боло меравад. Боло хунук аст, заррачаҳо абр мешаванд. Баъд онҳо ба якдигар часпида, саққоча мешаванд. Саққочаҳо, албатта, вазнинанд. Онҳо дар боло истода наметавонанду поён меафтанд. Ҳар қадар поён фуроянд, ҳамон қадар ба гармӣ дучор меоянд. Дар ними роҳ об мешаванд. Ҳамин об борон аст!



1. Дар нақши Шарафу Лола бозӣ кунед.
2. Сирри боридани боронро бифаҳмонед.

## ГАРМӢ КУҶО МЕРАВАД?



Шараф:
– Гармӣ куҷо меравад?
Лола:
– Боло меравад!
Шараф:
– Барои чӣ?
Лола:
– Барои он ки гармӣ сабук асту сардӣ вазнин!

*Мисол:* Дуд гарм аст. Аз ин сабаб боло меравад. Буғ низ гарм аст, боло меравад. Ба болои бухорӣ (печка)-и тафсон дастатро нигоҳ дорӣ, месӯзад, ба тагаш даст дарорӣ, каме тоқат мекунӣ, зеро гармӣ боло меравад. Барф хунук аст, поён меояд. Жола ях аст, яхи лӯнда. Он низ ба поён ҳаракат мекунад.

## ЖОЛА ЧИСТ?



Шараф:
– Воқеан, жола чист?
Лола:
– Ҳамон саққочаҳои яхӣ баъзан то ба замин расидан пурра

об намешаванд, яъне фурсати пурра об шудан намеёбанд ва ҳамчун яхи лӯнда ба замин меафтанд. Ин аст жола!.....

*М. Шарифзода, А. Азиз*





1. Қисми аввали матнро хонед. Ба саволи “Гармӣ аз куҷо меояд?” ҷавоб гардонед.

Монанди намунаи матн муколамаи хурд тартиб дода, аз рӯйи нақшҳо хонед.

2. Қисми дуюми матнро хонед. Ба саволи “Чаро борон меборад?” ҷавоб гардонед.

Монанди намунаи матн муколамаи хурд тартиб дода, аз рӯйи нақшҳо хонед.

3. Қисми сеюми матнро хонед. Ба саволи “Гармӣ ба куҷо меравад?” ҷавоб гардонед. Монанди намунаи матн муколамаи хурд тартиб дода, аз рӯйи нақшҳо хонед.

4. Матнро хонед. Монанди он дар бораи ягон ҳодисаи табиӣ маълумот бидиҳед.



Имлои шунавоӣ.

*Аз матн якчанд ҷумла интихоб кунед ва бинависед. Пас аз навиштан дафтарҳои худро иваз карда, кори ҳамдигарро бисанҷед ва ғалатҳоро муайян кунед.*

## 77. МАРҲАБО, НАВРӮЗИ АҶАМ!



Наврӯз таърихи бештар аз шашҳазорсола дорад. Расму суннатҳои наврӯзӣ ҳанӯз пеш аз дини ислом, аз давраи зардуштиён барои ояндаҳо ёдгор мондаанд.

Наврӯз пеш ба таври махсус ҷашн гирифта мешуд. Дар соли нав хӯрокҳои идона мепухтанд. Хӯрокҳои наврӯзӣ аз шир, биринҷ, гандум, гӯшти мурғ ва моҳӣ тайёр карда мешуданд. Одамон рӯйи дастархонро бо **ҳафтшин** оро медоданд, ки он дар шеъри зерин ин тарз ифода ёфтааст:

*Ҷашни Наврӯз аз замони Каён**
*Мениҳоданд мардуми Эрон:*
*Шаҳду шиpу шаробу шакари ноб*
*Шамъу шамшоду шоя андар хон.**

Ҳар як моводди дар шеър ифодаёфта рамзеро ифода мекунад:

| |
|---|
| **Шаҳд** – ширинии зиндагӣ; |
| **Шир** – покӣ; |
| **Шароб** – кайфияти рӯҳи хуш; |
| **Шакари ноб** – сарбаландӣ; |
| **Шамъ** – гармии рӯзгор; |
| **Шамшод** – зиндагии бардавом; |
| **Шоя (мева)** – фаровонии ризқу рӯзӣ. |

Баъди ҷорӣ шудани дини Ислом, гузаштагони мо боз **ҳафтсин**ро илова карданд. Онҳо рӯйи дастархонро бо чизҳое, ки номашон бо ҳарфи “С” оғоз меёбад, оро медоданд, ки инҳоянд: себ, сабзӣ, санҷид, суманак, сир, сирко, сипанд (испанд). Бо ин дар соли нав барои аҳли хонаводаашон баракат, тани сиҳат, сулҳу осоишро таманно мекарданд.

Пайдоиши Наврӯз ба подшоҳ Ҷамшед нисбат дода мешавад. Ҷамшед сайри ҷаҳон мекард. Чун ӯ ба Озарбойҷон расид, фармон дод, тахте тайёр карданд. Онро дар ҷойи баландтарин баробари нури Офтоб гузоштанд. Шоҳ дар сар тоҷи шоҳӣ бар тахт нишаст. Тобиши Офтоб якҷоя бо нури гавҳарҳои тоҷ равшании Офтобро ду маротиба зиёд кард. Мардум шод шуданд ва он рӯзро Рӯзи нав эълон карданд.

Шоҳ Ҷамшед фармуд, ки одамон бадани худро бишӯянд, либоси идона ба бар кунанд.

Ҳоло дар замони мо бо фарорасии Наврӯз мардум хонаҳоро аз чангу ғубор тоза мекунанд. Баъди анҷоми рӯбучин бӯрё,

палосу қолин, кӯрпаву болиштро афшонда, ба хона медароранд. Пас аз он соҳибхона ба хона даромаданро иҷозат медиҳад.

Дароянда бо дастовез ба хона даромада мегӯяд:

– Баҳор муборак!

Хонанишинон ҷавоб медиҳанд:

– Ба рӯйи шумо муборак!

Баъди ҷамъ шудани одамон дастархони идона ороста мешавад.

Одамон бо либосҳои тоза ба сайругашт мебароянд. Дар ҷашнгоҳ кабкбозӣ, гӯштигирӣ ва дигар навъҳои варзиш барпо мегардад, садои мусиқӣ ба гӯш мерасад.

Аз Наврӯзи ҳазораи нав мардуми тоҷик умеду орзуҳои зиёд дорад. Бигузор, ин ҷашни қадимаву ҳамешаҷавон барои мардуми мо бахту саодат, ҳамдигарфаҳмӣ, рӯзгори нек ва сулҳу салоҳ биорад.

*Рӯзӣ Аҳмад*

**Каён** – подшоҳони қадимаи эронӣ
**андар хон** – дар рӯйи дастархон

*1. Доир ба анъанаи густурдани дастархони наврӯзӣ маълумот бидиҳед.*

*2. Тасаввур кунед, ки як меҳмони хориҷӣ барои тамошои ҷашни Наврӯз омадааст. Ӯ ба назди дастархони наврӯзӣ меояд. Шумо ба ӯ анъанаи дастархони наврӯзиро фаҳмонед.*

*3. Номи як хӯрокро интихоб кунед. Тарзи тайёр кардани онро шарҳ бидиҳед.*

*4. Дарси имрӯзаро бо аҳли хонавода муҳокима кунед. Ҳамроҳ дар бораи тарзи оростани дастархони наврӯзӣ ҳикояи хурд бинависед.*

# 78. БОЗИҲОИ ВАРЗИШИИ НАВРӮЗӢ



Як бахши ҷашни Наврӯзро бозиҳои варзишии суннатӣ ташкил медиҳанд. Дар айёми Наврӯз мусобиқаҳои паҳлавонон дар гӯштӣ, аспдавонӣ, пойга (давидан), бандкашӣ, чавгонбозӣ баргузор мегарданд, аммо аз ҳама мусобиқаи маъмултарини наврӯзӣ гӯштӣ аст, ки хеле паҳн шудааст. Дар ҳамаи деҳаю шаҳрак ва шаҳрҳои калон мусобиқаҳои наврӯзии гӯштигирӣ барпо мешавад. Қабл аз ҳама, ду муйсафед ба майдон меоянд ва бо рақсу чархзанӣ дар гирди майдон мусобиқаро оғоз мекунанд. Ба ғолибони мусобиқа туҳфаҳое ба мисли ҷома, қолину палос, телевизору видеомагнитофон, мошини сабукрав, гӯсфанд, барзагову асп тақдим карда мешаванд.

Дар гузашта дар ноҳияҳои Рашту Дарвоз ва шаҳри Норак дар маъракаи гӯштигирӣ паҳлавони довталаб ба майдон баромада, менишаст ва дар табақе назди ӯ хӯрок мегузоштанд, ки онро «табақи паҳлавонӣ» меномиданд. Ҳар нафаре, ки бо ин паҳлавон зӯрозмойӣ кардан мехост, меомаду дар паҳлуи ӯ нишаста, аз табақи паҳлавонӣ ҳамроҳи ӯ хӯрок мехӯрд. Сипас ҳар дуяшонро ба майдон даъват мекарданд.

Дар Кӯлоб 15-20 рӯз пеш аз Наврӯз, ба ибораи мардум, “Сайри соли нав” баргузор мешуд. Паҳлавонон аз деҳаҳои дуру наздик ва ноҳияҳои атроф омада, дар хонаҳои дӯстонашон истиқомат карда, ба машқ мепардохтанд.

Ба ғайр аз гӯштӣ дар деҳаҳо мусобиқаву бозиҳои тухмҷанг, хурӯсҷанг, кабкҷанг, чиликандозӣ, дастхобонӣ ва монанди инҳо барпо мешаванд. Ҳар касе, ки ҷонвараш ё тухми мурғаш пирӯз шуд, моли ҳарифи мағлубро мегирад.

Бузкашӣ як навъи маъмули варзиш буда, дар айёми Наврӯз барпо мешавад. Ин мусобиқаи халқӣ дар байни халқҳои гуногуни Осиёи Марказӣ васеъ паҳн шудааст.

Бозиҳои варзишии арғамчинкашӣ, тирандозӣ, лаклакбозӣ (як хел бозии бачагон, ки аз коғаз чизе месозанд ва мисли бодбарак ҳангоми шамол ба ресмон баста мепаронанд), бандпарӣ (ҷаҳидан аз болои арғамчин) ва чанде дигар дар айёми фароғасии Наврӯз иҷро мешуданд.

**1. Ба калимаҳои сутуни якум аз сутуни дуюм калимаи мувофиқро ҳамроҳ карда, калимаи нав созед.**

***Намуна:*** *аспдавонӣ.*

| | |
|---|---|
| **асп**, банд, чавгон, гӯштӣ, тухм, хурӯс, кабк, чилик, даст, арғамчин, тир, лаклак, банд | **давонӣ**, кашӣ, бозӣ, гирӣ, ҷанг, андозӣ, хобонӣ, парӣ |

**2. Калимаҳои сутуни якумро монанди намунаҳо шарҳ бидиҳед ва дар сутуни дуюм нависед.**

| | |
|---|---|
| **Гӯштӣ (гӯштигирӣ)** | навъи варзишест, ки дар он ду ҳариф зӯрозмоӣ мекунанд. Ғолиб шахсе дониста мешавад, ки ҳарифи худро ба пушт хобонад. |
| **Чавгонбозӣ** | навъи варзишест, ки дар он ду гурӯҳ (одатан шашнафарӣ) бо чавгончӯ ва гӯй тӯби хурд бозӣ мекунанд. Ғолиб дастаест, ки ба дарвозаи ҳариф бештар гол мезанад. Бозии ҳоккей аз чавгонбозӣ сарчашма мегирад. |
| **Дастхобонӣ** | |
| **Арғамчинкашӣ** | |
| **Лаклакбозӣ** | |
| **Бандпарӣ** | |

Дар бораи яке аз бозиҳои варзишӣ ба таври шифоҳӣ ҳикоя тартиб бидиҳед.

Дар бораи яке аз бозиҳои варзиши дӯстдоштаи худ ҳикояи хурд бинависед.

# VII. ЭҲТИРОМИ ПАДАРУ МОДАР ВА ОМӮЗГОР. ҶУМЛА





*Кори гурӯҳӣ.* Ба панҷ гурӯҳ ҷудо шавед. Яке аз расмҳоро интихоб карда, ба таври шифоҳӣ ҳикоя тартиб бидиҳед.

## 79. ДИЛСӮЗӢ



Ҷавонмарде тобистон зери Офтоби сӯзон заминеро каланд мекард. Нисфи рӯз падари пир ҳамроҳи набераааш ба ӯ хӯроки гарм овард. Падар дид, ки писараш зери обу арақ кор мекунад. Ӯ писарашро ба хӯрокхӯрӣ даъват кард:

– Хӯрок овардам, биё! Дар ҳавои сӯзон кор накун. Вале ҷавон сар аз кор намебардошт. Пирамард, ба ҷойи он ки зери сояи дарахт биравад ва то омадани писараш мунтазир шавад, қасдан ба миёнҷойи замин рафта, рӯйи кулӯхҳо нишаст ва набераашро низ дар паҳлуи худ шинонд.

Ҷавонмард, дид, ки нури Офтоб ба сари писараш мезанад, фарёд кард:

– Падар, писарамро ба соя баред! Офтоб назанад!

– Ба писарат дилат месӯзад? – пурсид пирамард. – Дили ман ҳам ба ту месӯзад...

*Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ*

1. Чаро мӯйсафед набераашро дар Офтоби сӯзон шинонд?
2. Ҷавонмард аз падар чӣ хост?



1. Дар нақши падару писар бозӣ кунед.
2. Ба рафтори ҷавонмард баҳо бидиҳед.

Ҷавоби чистон-масъаларо ёбед ва бинависед.

*Ду падару ду писар, ҳамагӣ чанд нафаранд?*
*Онҳо киҳоянд?*

Барои дарёфти ҷавоби чистон, ба шумо нақшаи зер ёрӣ мерасонад: ○←——○——→○

Дар вақти хондан мувофиқи аломатҳои китобатӣ ба талаффузи овоз аҳамият бидиҳед.

– Дирӯз баъди борон тирукамон баромад.

– Манижа, пагоҳ падарат аз Самарқанд меояд?

– Баҳром, ба дарё нигар!

*Аз иҷрои машқ хулоса бароред.*

**Ҷумлаҳо хабарӣ, саволӣ ва амрӣ мешаванд.**

Дар вақти хондани ҷумлаҳои зерин мувофиқи аломатҳои китобатӣ ба оҳанги талаффуз аҳамият бидиҳед.

Ҳидоят зебо навиштааст.
Ҳидоят зебо навиштааст?
Ҳидоят зебо навиштааст!

# 80. ПАНДИ ПАДАР

Тифлам, калон шавӣ кош,
Беғам расӣ ба пирӣ,
Қадри касон шиносӣ,
Дасти касон бигирӣ.

Дастат шавад бақувват,
Эй тифли поку зебо,
Дар ҳар қадам бигирӣ
Дасти фитодаеро*.

Поят шавад бақувват,
Аз бахти бад гурезӣ,
Хушбахт бошӣ, эй кош,
Бо бахти бад ситезӣ*.

Гӯшат шавад бақувват,
Эй ҷону эй дили ман,
Имдодҷӯ* садоро
То бишнавӣ ту рӯшан.

Рӯҳат шавад бақувват,
Доим ба пой бошӣ,
Худ бахти неки худро
Умре худой бошӣ*!

*Низом Қосим*



**фитода** – нотавон
**ситезидан** – ҷангу ҳарҳаша кардан, муқобил баромадан
**имдодҷӯ** – мададҷӯ, ёрихоҳ
**худой** – соҳиб

*Дар ҳар қадам бигирӣ*
*Дасти фитодаеро.*

Падар ба писараш чӣ орзу мекунад?

Кадоме аз орзуҳои зеринро падар баён накардааст, бинависед.

- ба пирӣ расидан;
- оиладорӣ;
- дасти бақувват;
- пойи бақувват;
- хушбахт шудан;
- бой шудан;
- кайҳоннаворд шудан;
- рӯҳи бақувват;
- гӯши бақувват.

**Кӣ зудтар?**




Ҷумла созед ва бинависед.

Калимаҳои зеринро ба ду гурӯҳ ҷудо карда, дар сутуни якум рафтори нек ва дар сутуни дуюм рафтори бадро бинависед.

Қадршиносӣ, эҳтироми падару модар, дуздӣ, мардумозорӣ, хабаркашӣ, хушмуомилагӣ, дурӯғгӯйӣ, ростгӯйӣ, фиребгарӣ, хушсуханӣ.

# 81. ҲУРМАТИ ПАДАРУ МОДАР



Дунафарӣ чанд қоидаи эҳтироми падару модарро ба хотир оварда бинависед.
*Намуна: Ба падару модар суханҳои дурӯғ нагӯед…*

## АДАБ БО ПАДАРУ МОДАР



Агар пурсанд, ки адаб бо падару модар кадом аст, бигӯй:
- ҳурмати ононро ҳамеша нигоҳ дорад;
- барои моли дунё ва чизу чора нисбати онҳо сахтӣ накунад;
- барои ҳурмат ва хидмате, ки бо падару модар мекунад, миннат накунад;
- ба рӯйи онҳо сахт нанигарад;
- чун бихонандаш, зуд ҳозир шавад;
- дар вақти суҳбати онҳо рӯй турш накунад;
- ҳар чӣ фармоянд, агар дар он гуноҳе набошад, ба ҷой орад;
- дар сухан гуфтан бо онҳо ва ё бо дигаре дар назди онҳо овоз баланд накунад;
- бе маслиҳати падару модар ба сафар наравад;
- барои хурсандии онҳо бикӯшад.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*



1. Дар матн дар бораи эҳтироми падару модар чӣ гуфта шудааст? Бо суханҳои худ бинависед.
Намуна: Ҳурмати падару модарро ҳамеша ба ҷо биёред.
2. Қоидаҳои тартибдодаи худро бо қоидаҳои дар матн оварда муқоиса кунед ва умумияту фарқи онҳоро бигӯед.

*Имлои дунафарӣ*. Панди зеринро бинависед.

Бо модари хеш меҳрубон бош,
Омодаи хизматаш ба ҷон бош.
Бо чашми адаб нигар падарро,
Аз гуфтаи ӯ мапеч сарро.

*Эраҷ Мирзо*

## 82. ҶУМЛАИ САВОЛӢ

– Абдураҳим, ту дар синфи чандум мехонӣ?
– Шаҳло, чаро дугонаатро пешвоз нагирифтӣ?
– Ту кай аз мактаб омадӣ?

1. Дар ҷумлаҳои боло чӣ пурсида мешавад?
2. Дар охири ҷумлаҳо кадом аломат гузошта шудааст?

Ҷумлаи саволӣ пурсишро ифода мекунад. Дар охири ҷумлаи саволӣ аломати савол (?) гузошта мешавад.

### Куҷо рафтӣ, Анварҷон?

– Куҷо рафтӣ, Анварҷон?
– Саҳро рафтам, модарҷон.
– Чаро рафтӣ, Анварҷон?
– Каҳ овардам, модарҷон.
– Каҳ чӣ лозим, Анварҷон?
– Ба гов диҳам, модарҷон.
Гови ало шавад сер,
Намонад аз саҳро дер.
Хурма шавад пури шир,
Маска кунему панир.
– Кӣ мехӯрад, Анварҷон?
– Ману шумо, модарҷон.

*Убайд Раҷаб*

1. Симоҳои матн киҳоянд?
2. Модар аз Анварҷон чӣ мепурсад?
3. Анварҷон чӣ ҷавоб медиҳад?
4. Модар боз чӣ мепурсад?
5. Дар матн суханони кӣ бисёртар аст? Чаро?
6. Оё Анварҷон ба корҳои хона ёрӣ мерасонад? Чӣ тарз?

*— Кӣ мехӯрад, Анварҷон?*

*— Ману шумо, модарҷон.*



1. Дунафарӣ аз рӯйи намуна дар мавзӯъҳои “Дар дарс”, “Дар бозор”, “Дар китобхона”, “Дар театр”... муколама тартиб бидиҳед. Муколамаи тартибдодаатонро аз рӯйи нақшҳо бихонед.

***Намуна:*** *«Дар китобхона»*

– Ассалому алайкум.
– Ваалайкум ассалом.
– Ман метавонам, ки узви китобхонаи шумо шавам?
– Ному насабатон чист?
– Фаррухзода Анис.
– Шумо дар синфи чандум мехонед?
– Ман дар синфи сеюм мехонам.
– Шумо кадом китобро гирифтан мехоҳед?
– Шумо китоби ҳикояҳо доред?.....

*Аз калимаҳои пароканда ҷумлаи саволӣ бисозед ва бинависед.*

- Саъдӣ, Беҳрӯз, гуфт, чӣ, ба, ту
- ба, наомад, дарс, Шаҳло, барои чӣ
- гирифт, кӣ, “панҷ”, баҳои

# 83. АГАР МАЙЛИ ПАРВОЗ ДОРӢ

Инсон дар сайёраи Замин зиндагӣ мекунад ва онро ободу зебо мегардонад. Аз қаъри* он нафту газ, тиллою нуқра ва дигар сарватҳои фоиданокро мегирад. Боз мехоҳад ба кайҳон парвоз карда, сирри онро низ биомӯзад, аз асрораш* бохабар шавад.

Осмони пурситора чӣ хел зебост. Он низ як қисми кайҳон аст. Нахустин одаме, ки Замини моро аз кайҳон бидид, Юрий Гагарин буд. Ин воқеа 12-уми апрели соли 1961 ба вуқӯъ омад. Ин рӯзро чун рӯзи кайҳоннавардон ҷашн мегиранд.

Юрий Гагарин ҳамагӣ якуним соат парвоз кард. Ҳоло кайҳоннавардон моҳҳои дароз парвоз карда, дар қароргоҳҳои кайҳонӣ кор мекунанд.

Ҳама кайҳоннавардон мисли Юрий Гагарин, пеш аз ҳама, устоди касби худ, аълочиёни парвозанд. Пеш аз тайёрӣ барои парвоз кайҳоннавардон аз назари духтурони дақиқкор* мегузаранд. Роҳи кайҳон танҳо барои одамони солим кушода мешавад. Аз ин рӯ, варзиш беҳтарин мададгори ҳамаи кайҳоннавардони оянда аст.



Роҳи кайҳон бехавф нест. Бинобар ин кайҳоннавард ҳама чизро бояд донад, аз ҳама илмҳо бохабар бошад.

Дидӣ, кайҳоннавард шудан чӣ гуна душвор аст?

Душвор аст, аммо мумкин, зеро заҳмату муҳаббат одамро ба ҳама мартабаҳо* мерасонад. Агар ягон вақт ба сӯйи ситорагон парвоз карданӣ бошӣ, инро дар ёд бидор!

**қаър** – таг, тахт; чуқурӣ
**асрор** – сирруо
**дақиқкор** – он ки дар иҷрои кор ба майда чуйда диққат медиҳад
**мартаба** – дараҷа, мақом; мансаб



1. Замин аз дигар сайёраҳо бо чӣ хусусияташ фарқ мекунад?
2. Кайҳон чист ва кайҳоннаворд кист?
3. Барои кайҳоннаворд шудан чӣ кор кардан лозим?
4. Кадоме аз шумо майли кайҳоннаворд шудан доред?



*Имлои дунафарӣ*. Банди дуюми матни ҳикояро хонед ва бинависед.



*1. Калимаҳои ҳаммаънои* ***кайҳон, зебо, пурситора, кайҳоннаворд, нахустин, солим, устод, хавф, қайд мекунанд****ро бинависед.*

*2. Ҷавоби ҳар як саволи зеринро аз матни боло ёфта, саволу ҷавобҳоро бинависед:*

- Инсон дар куҷо зиндагӣ мекунад?
- Кайҳон чӣ маъно дорад?
- Нахустин кайҳоннаворд кӣ буд?
- Роҳи кайҳон барои киҳо кушода аст?

## ПАРВОЗ БА МОҲ



Инсоният орзу дошт, ки ба сайёраҳои дигар парвоз кунад. Танҳо 21-уми июли соли ҳазору нуҳсаду шасту нуҳ киштии кайҳонии “Аполлон” ба Моҳ фуруд омад. Аввалин бор кайҳоннавардони амрикоӣ Н. Армстронг ва Э. Олдрин ба Моҳ қадам ниҳоданд. Онҳо дар Моҳ таҷҳизот ва парчами кишварашонро гузошта, хокашро барои таҳқиқ бо худ ба сайёраи Замин оварданд.

Кайҳоннавардон дар Моҳ чунин суханонро сабт карданд: “Мо намояндаи инсоният, бо мақсади **сулҳ** омадем”.

1. Баъди чанд соли парвози Ю. Гагарин кайҳоннавардони амрикоӣ ба рӯйи Моҳ қадам ниҳоданд? Дар куҷо хондед?

2. Кайҳоннавардон бо кадом мақсад ба Моҳ баромаданд?

1. Банди охири матнро бинависед.

## 84. ФАРЗАНД БОШАД, ЧӢ СОН БОШАД?

Фарзанд бошад, чӣ сон* бошад?
Қобил бошад, пурдон бошад,
Дар меҳнат қаҳрамон бошад,
Ифтихори ёрон бошад,
Ба таҳсинҳо шоён* бошад,
Васфаш дар ҳар забон бошад.

Модар аз ӯ шодон бошад,
Падар аз вай хандон бошад.

Фарзанд бошад, чӣ сон бошад?
Зирак бошад, кордон бошад,
Баҳри нафъи* халқу Ватан
Кӯшишҳояш аз ҷон бошад.
Ҳамсаф гашта бо хушбахтон
Дар иҷрои паймон бошад.

Модар аз ӯ шодон бошад,
Падар аз вай хандон бошад.

*Суҳайлӣ Ҷавҳаризода*

**чӣ сон** – чӣ хел
**шоён** – шоиста, лоиқ, арзанда, сазовор
**нафъ** – фоида, манфиат
**паймон** – аҳд, қавлу қарор

1. Шоир дар бораи фарзанди хуб ва хурсандии падару модар чӣ гуфтааст?

2. Кадоме аз ин хислатҳо ба шумо бештар маъқул аст? Чаро?

3. Кадом рафтори шумо боиси норозигии падару модар ва кадом рафтори шумо боиси хушнудии онҳо мешавад?

Аз матн хислатҳои фарзанди хубро ёфта, номбар кунед.



*Имлои дунафарӣ*

- Як банди шеърро бонавбат ба ҳамдигар бихонед ва бинависед.
- Дафтарҳои худро иваз кунед. Дурустии навиштаҳои ҳамдигарро бисанҷед.
- Агар ғалатҳо бошанд, фаҳмонда ислоҳ кунед.

## 85. ПУЛИ ҲАЛОЛ

1. *Калима ва таркибҳоро бо шарҳашон хонед. Бо онҳо ба таври шифоҳӣ ҷумла тартиб бидиҳед ва дар дафтари луғат бинависед.*

**доройӣ** – молу мулк
**васият** – орзую хоҳиш ё насиҳате, ки шахс қабл аз мурдан изҳор мекунад
**қавл** – сухан, ваъда
**хаставу афгор шудан** – монда шудан, бемадор шудан
**чораву тадбир** – илоҷ
**дилтанг**– ғамгин

Марде писари танбале дошт. Вай кор кардан намехост. Падараш ӯро мехӯронд, мепӯшонд. Оҳиста-оҳиста мард ба синни пирӣ расид, дар бистари бемори хобид. Занашро даъват карду гуфт:

– Ҳамаи дороиямро ба ягон шахси бегона васият мекунам, ба писарам чизе намедиҳам, вай танбалу бекорхӯҷа аст, як пули сиёҳ даромад карда наметавонад.

Модар аз ин гуфтаи шавҳараш ранҷид, ӯ писарашро тарафгирӣ карду гуфт:

– Чӣ хел вай ягон пул даромад карда наметавонад?!

Шавҳараш ҳамоно норизоӣ мекард:

– Хуб, агар битавонад, бигузор рафта ақаллан як сомонӣ даромад бикунад, тамоми дороиямро ба ӯ мебахшам.

– Бисёр хуб, – гуфт зан.

Вай ба назди писараш рафта, ба ӯ як сомонӣ доду гуфт:

– Ин пулро бигиру то бегоҳ ба ягон ҷо бирав. Бегоҳ пулро ба падарат бидеҳ ва бигӯй, ки онро кор карда ба даст овардаӣ.

Писар аз рӯйи маслиҳати модараш кор кард. Бегоҳ ба хона баргашту ба падараш гуфт:

– Хаставу афгор шудам, базӯр ҳамин як сомониро ба музди корам гирифтам.

Падараш як сомониро гирифта бӯй кард ва ба оташдон партофт.

– Ин музди кори ту нест, – гуфт падар.

Писар хандида аз хона берун шуд. Модар ранҷидахотиру дилтанг шуд. Боз ба писараш як сомонӣ дод...

Писар ин дафъа ҳам аз рӯйи маслиҳати модараш амал кард.

Модар дид, ки чораву тадбирҳояш ба кор намераванд, ба писараш гуфт:

– Писарам, бирав, ягон коре пайдо бикун. Ҳар рӯз панҷ-даҳ дирам даромад дошта бошӣ, дар як ҳафта як сомонӣ мешавад.

Пулҳои дар як ҳафта даромад кардаро ба падарат оварда, бидеҳ, вай бовар мекунад.

Писар мувофиқи фармоиши модар рафтор кард. Як ҳафта дар хонаи шахсе кор кард, бори касеро кашонд ва то охири ҳафта ба миқдори як сомонӣ пул ҷамъ карда ба падараш овард.

Мӯйсафед ин пулҳоро ҳам бӯй кашиду ба оташдон партофт.

– Не, писарҷон, ин пулҳо ҳам музди кори ту нестанд.

Писар тоқат накарда, ба назди оташдон омад ва дасташро ба оташдон андохта, пулҳояшро ҷамъ карда гирифт.

– Падарҷон, шумо ноҳақед. Ман як ҳафтаи дароз кор карда, заҳмат кашида ин пулҳоро пайдо кардам. Шумо онҳоро ба оташ меандозед.

Падар ин ҳолатро мушоҳида карда гуфт:

– Акнун ман бовар кардам, ки ин пулҳо маҳсули кори туянд. Дилат ба онҳо сӯхт, ки онҳоро аз оташдон берун кардӣ. Бубин, писарам, шахс барои музде ба даст овардан чӣ қадар заҳмат мекашад. Меҳнат кунӣ, шикамат сер аст, вале коргурез бошӣ, аз гуруснагӣ мемурӣ.

Баъд аз ин падар тамоми молу дороияшро ба писараш васият кард.

1. Барои чӣ падар тамоми дороияшро ба писараш васият кард?
2. Ӯ чӣ хел пул ёфт?
3. Магар вай то имрӯз кор намекард?
4. Падар дар вақти танбали писараш ба ӯ чӣ гуфт?
5. Модар чӣ ҳиларо пеш гирифт?
6. Писар чӣ кор кард?
7. Падар бо як сомонӣ чӣ кор кард? Писар-чӣ?
8. Бори дуюм чӣ воқеа рух дод?
9. Падар маротибаи дуюм чӣ кор кард? Писар-чӣ?
10. Чаро маротибаи сеюм модар ба писар пул надод?

11. Маротибаи сеюм падар пулро чӣ кор кард?

12. Писар ба ин рафтори падар чӣ ҷавоб дод?

13. Барои чӣ ду маротибаи аввал ин корро накард?

14. Оё модар дуруст кард, ки писарашро тарафгирӣ кард? Барои чӣ?

15. Оё шуморо ҳам касе тарафгирӣ мекунад? Шумо аз он хурсанд мешавед?

16. Баъди хондани ин афсона дар бораи тарафгирӣ, андешаи шумо дигар шуд? Чӣ тавр?

17. Дар бораи пули ҳалолу ҳаром-чӣ? Чӣ тавр?

18. Агар шумо ба ҷойи писар мебудед, чӣ кор мекардед?

19. Оё падар хуб кард, ки пулҳоро ба оташдон партофт? Ягон роҳи дигари ба писар фаҳмондан буд? Кадом роҳ?

20. Агар ба ҷойи падар мебудед, чӣ кор мекардед? Ба ҷойи модар-чӣ?

21. Оё чунин одамон дар замони мо ҳастанд?

22. Ба онҳо чӣ маслиҳат медиҳед?

23. Фикри асосии матн аз чӣ иборат аст?

*Фарзанд бошад, чӣ сон бошад?*
*Қобил бошад, пурдон бошад.*

1. Мазмуни афсонаро муфассал ва мухтасар нақл кунед.

2. Лаҳзаи маротибаи сеюм пул овардани писарро нақл кунед.

3. Аз рӯйи мазмуни матн саҳнача омода намоед.

4. Ҷумлаҳоро хонед ва бинависед. Мазмуни онҳоро шарҳ бидиҳед.

А. *Ҳамаи дороиямро ба ягон шахси бегона васият мекунам, ба писарам чизе намедиҳам, вай танбалу бекорхӯҷа аст, як пули сиёҳ даромад карда наметавонад.*

Б. *Баъд аз ин падар тамоми молу дороияшро ба писараш васият кард.*

5. "*Хаставу афгор шудам*" – мегӯяд писар. Кай ин тавр мегӯянд? Бинависед.

***Намуна:*** *Аз ноомади кор хаставу афгор шудам.*

6. "*Модар ранҷидахотиру дилтанг шуд*". Модарон аз чӣ ранҷидахотиру дилтанг мешаванд? Бинависед.

***Намуна:*** *Модарон аз дурӯггӯйии фарзандон ранҷидахотиру дилтанг мешаванд.*

7. Дарси имрӯзаро бо аҳли хонаводa муҳокима кунед. Ҳамроҳи онҳо рӯйхати пулҳои ҳалолу ҳаромро тартиб бидиҳед.

***Намуна:***

*Пули ҳалол: – пули бо араќи ҷабин ёфта, ....., ......, ......*

*Пули ҳаром: – пули дуздӣ, ....., ....., ........*

**1. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ ёфта бинависед.**
*Модарон аз ... ва ... ранҷидахотиру дилтанг мешаванд.*

**2. Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред).*

А. падару писар
Б. падар, писар ва модар
В. падар, писар ва сомонӣ
Г. модару писар

**3. Чаро модар писарашро тарафгирӣ кард?** (*Ҳарфи ҷавоби ҷавоби дурустро дар доира гиред*).

А. Модар писарашро бисёр дӯст медошт.
Б. Модар намехост, ки падар писарашро ҷанг кунад.
В. Писар бачаи танбал ва бекорхӯҷа буд.

Г. Намехост, ки молу мулки падарро дигаре соҳиб шавад.

**4. Чаро писар дафъаи якуму дуюм ба падар ҳеҷ чиз нагуфт?** (*Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред*).

А. Пулҳоро модар дода буд.
Б. Меҳнат накарда буд.
В. Писари эрка буд.
Г. Аз падар тарсид.

**5. Фикри асосии мазмуни матнро муайян кунед.** (*Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред*).

А. Аз сухани падар набароед.
Б. Бо меҳнати ҳалол пул ёбед.
В. Пулро сарфа кунед.
Г. Асло танбалӣ накунед.

**6. Калимаҳои сутуни якумро бо шарҳи сутуни дуюм мувофиқ гузоред.** (*Бо пайкон ишора кунед*).

| | |
|---|---|
| **қавл** | молу мулк |
| **дилтанг** | монда, бемадор, беҳол шудан |
| **хаставу афгор** | ғамгин |
| **дороӣ** | сухан, ваъда |

## 86. САФАРИ ПАХТА АЗ САҲРО ТО МАҒОЗА

Рустам рӯзе бо куртаи дарида ба хона баргашт. Модараш сабаби даридани куртаашро пурсид. Ӯ дар ҷавоб хомӯш буд. Модараш хост, ки ӯро танбеҳ диҳад, аммо модаркалони Рустам ин вазъиятро дида дахолат кард:

– Монед, духтарам, ман ба Рустамҷон мефаҳмонам. Рустамҷон, оё ту медонӣ, ки барои омода кардани куртаи ту чӣ қадар заҳмат сарф шудааст?

– Ҳа, падарам кор карданду модарам аз мағоза хариданд.

– Бале, писарам, ин заҳмати падару модарат аст. Аммо роҳи то ба мағоза расидани куртаатро медонӣ?

– Не.

– Мехоҳӣ, бароят бигӯям?

– Бале, – гуфт Рустам.

– Биё, дар болои кат мешинем. Чой менӯшем ва ман бароят ҳикоя мекунам.

Модаркалон ҳикояро оғоз кард.

– Дар фасли тирамоҳ деҳқонон заминро шудгор мекунанд, то дар фасли зимистон замин дам гирад ва ҳашароти зараррасон нобуд шавад. Дар аввали баҳор замин дубора кишт ва ҳамвор карда мешавад. Сипас, чигити пахтаро кишт мекунанд. Вақте ки пахта мерӯяд, ниҳоли ҷӯякҳоро ягона мекунанд, яъне ниҳолҳои зиёдатиро мечинанд. Сипас, то қад кашидани ниҳоли пахта онро чанд маротиба каланд мекунанд, яъне бехи ниҳоли пахтаро нарм менамоянд. Об мемонанд ва ҳангоми баланд шудани қади ниҳол сари ниҳолҳоро мечинанд, то онҳо шоха зада, ғӯзаҳои зиёд ҳосил кунанд. Барои нест кардани ҳашароти зараррасон дору мепошанд ва барои ғизо додани ниҳоли пахта ба бехи онҳо пору меандозанд. Вақте ки пахта мешукуфад, онро мечинанд ва ба корхонаи пахтатозакунӣ мебаранд. Дар он ҷо пахтаро аз чигит ҷудо карда, ба корхонаи ресандагӣ мебаранд. Дар корхонаи ресандагӣ аз наххои пахта ресмон мересанд ва ресмонро ба корхонаҳои бофандагӣ мефиристанд. Дар корхонаҳои бофандагӣ аз ресмон матоъ мебофанд. Сипас, матоъ ба корхонаи дӯзандагӣ фиристода мешавад. Дар он ҷо тарҳи куртаҳоро мекашанд ва онҳоро медӯзанд. Танҳо баъд

аз дӯхтани либос онҳоро ба мағоза мефиристанд, то мо онро харида, бипӯшем ва танамон роҳат кунад.

– Ана, дидӣ, писарам, – суханашро хулоса кард бибӣ. – Роҳи куртаи ту то мағоза хеле тӯлонӣ будааст. Барои ҳамин нигоҳубини либос хеле муҳим аст. Бинобар ин мо бояд ба қадри заҳмати ҳам падару модар ва ҳам шахсоне, ки онро омода кардаанд, бирасем.

– Ташаккур, бибиҷон! Ман дар ҳақиқат роҳи либосро то мағоза намедонистам. Акнун ман инро ба рафиқонам мегӯям. Минбаъд либосамро тозаю озода нигоҳ медорам.

– Бале, писарам. Ана, ин гапи дигар!

Барои чӣ модаркалон дар бораи сафари пахта аз саҳро то мағоза нақл кард?

*1.* Ҷумлаҳои зеринро бихонед ва пайдарпайии онҳоро муайян кунед. Дар сутуни якум рақам бигузоред.

| | |
|---|---|
| | Тарҳи куртаҳоро мекашанд ва онҳоро медӯзанд. |
| | Дар корхонаҳои бофандагӣ аз ришта матоъ мебофанд. |
| | Танҳо баъд аз дӯхтани либос онҳоро ба мағоза мефиристанд, то мо онро харида бипӯшем ва танамон роҳат кунад. |
| | Матоъ ба корхонаи дӯзандагӣ равон мешавад. |
| | Дар фасли тирамоҳ деҳқонон заминро кишт мекунанд, то дар фасли зимистон замин дам гирад ва ҳашароти зараррасон нобуд шавад. |
| | Чигитҳои пахтаро кишт мекунанд. |

| | |
|---|---|
| | Вақте ки пахта мешукуфад, онро мечинанд ва ба корхонаи пахтатозакунӣ мефиристанд. |
| | Об мемонанд ва ҳангоми баланд шудани қади ниҳолҳо, сари онҳоро мечинанд, то онҳо шоха зада, ғӯзаҳои зиёд ҳосил кунанд. |
| | То қад кашидани ниҳоли пахта онро чанд маротиба каланд мекунанд, яъне бехи ниҳоли пахтаро нарм мекунанд. |
| | Дар аввали баҳор замин ҳамвор ва барои кишт омода карда мешавад. |
| | Вақте ки пахта мерӯяд, ниҳоли чӯякҳои онро ягона мекунанд, яъне ниҳолҳои зиёдатиро мечинанд. |
| | Дар он ҷо пахтаро аз чигит ҷудо карда, ба корхонаи ресандагӣ мебаранд. |
| | Дар корхонаи ресандагӣ аз нахҳои пахта ришта мебофанд ва риштаро ба корхонаҳои бофандагӣ мефиристанд. |
| | Барои нест кардани ҳашароти зараррасон дору мепошанд. Барои ғизо додани ниҳолҳои пахта ба бехи онҳо пору меандозанд. |

2. *Дастури зеринро хонед ва тартиби иҷрои амалҳоро номбар кунед.*

- Албом ва қаламҳои рангаро омода намоед.
- Қисми даврамонанди чойникро тасвир кунед.
- Дастаи чойникро тасвир кунед.
- Ҷумаки чойникро кашед.
- Дар болои қисми даврамонанди чойник шакли гулро тасвир кунед.
- Гулҳои тасвиркардаро рангубор бидиҳед.

3. *Дастурҳои зеринро хонед ва бо тартиби муайян ҷобаҷо карда бинависед.*

- Гули тасвиркардаатонро бо қайчӣ бибуред.
- Пушти гулро ширеш молида, ба албом часпонед.
- Барги гулро бибуред.
- Дар коғази рангаш сурх гули лоларо тасвир кунед.
- Пушти баргро ширеш молида ба пояаш часпонед.
- Албом, ширеш, коғазҳо ва қаламҳои рангаро омода кунед.
- Гулро бибуред.
- Пояи гулро бибуред.
- Дар коғази рангаш сабз поя ва барги гули лоларо тавсир кунед.
- Пушти пояро ширеш молида, ба гул часпонед.

4. Дарсҳои санъат ва меҳнатро ба ёд биёред. Доир ба тасвир кардан ё сохтани ягон ашё дастур бинависед.

## 87. НАРХИ НАМАК ЧАНД ДИРАМ?

**Масъаларо ҳал кунед.**

Духтараке ба 18 дирам 3 халтача намак харид. Биёбед: Як халтачаи он чанд дирам аст?

Падару модари Париноз тамоми рӯз дар коранд, аммо бибиаш мудом дар хона аст. Ӯ ҳар субҳ Паринозро «булбули хушхони бибӣ, лолаи хандони бибӣ» – гуфта, бо навозиш аз хоб бедор мекунад. Барои Париноз самбӯсаву кулчақанд мепазад, кокулчаҳояшро бофта, ба мактаб мегуселонад. Аз ҳама муҳимаш, дар иҷрои вазифаи хонагӣ ба Париноз ёрӣ мерасонад.

Як рӯзаки баҳорон, як рӯзаки беборон Париноз аз мактаб

омада, дари хонаашонро ғайриодӣ баста дид.

– Бибиҷон, ҳой, бибиҷон! – фарёд кард Париноз ва ногоҳ чашмаш ба коғазаки роғи* дар афтод. Коғазакро гирифта, ин сатрҳоро хонд: «Булбули бибӣ, ман ба хонаи аммаат рафтам. Пагоҳ саҳарӣ меоям. Калидро аз ҳамсоя бигир. Хайр!»

Бе бибиҷон хона файзе надошт. Париноз аз зиқӣ намедонист чӣ кор кунад. Ногоҳ ба ёдаш омад, ки вазифаи хонагиро бояд иҷро кунад, зеро имшаб бибиҷонаш нест.

Париноз аз ҷузвдонаш китоби математикаро гирифта, ин масъаларо хонд: «Духтараке ба 18 дирам 3 халтача намак харид. Биёбед: Як халтачаи он чанд дирам аст?»

– Чанд дирам бошад? – худ ба худ ғурунгос зад Париноз ва ҳамин дам бибии меҳрубонаш ба ёдаш омад: «Агар бибиҷонам мебуданд, дар як дам масъаларо ҳал мекардем», – аз дил гузаронд ӯ.

Ногоҳ фикре ба сари Париноз омаду аз шодӣ чашмонаш барқ заданд. Вай зуд сӯйи ошхона давид, болои курсича баромаду аз рафи ҷевон як халтача намак гирифт ва навиштаҳои рӯйи онро хонд: «Намаки навъи якум. Нархаш 10 дирам».

Париноз халтачаро ба ҷояш гузошта, зуд ҷониби миз давид ва ба дафтараш саросема чунин навишт:

«Як халтача намак – 10 дирам».

| |
|---|
| **роғ** – сӯрохӣ |



1. Париноз масъаларо чӣ тарз ҳал кард?
2. Оё Париноз масъаларо дуруст ҳал кард? Чаро?
3. Ғалати Париноз дар чӣ буд?
4. Барои чӣ Париноз масъаларо дуруст ҳал карда натавонист?
5. Он рӯз бибиаш дар куҷо буд?

6. Вай аз куҷо донист, ки бибиаш ба хонаи аммааш рафтааст?

7. Дар он чӣ навишта шуда буд?

8. Падару модараш дар куҷо буданд?

9. Агар шумо ҳамроҳи Париноз мебудед, роҳи ҳалли масъаларо чӣ тарз мефаҳмондед?

10. Ба шумо дар иҷрои вазифаи хонагӣ кӣ ёрӣ мерасонад? Чӣ тавр?

1. Мазмуни матнро нақл кунед.

2. Масъаларо ҳал кунед.

3. Ҷавоби ёфтаи Париноз аз ҷавоби ёфтаи шумо чанд дирам фарқ дорад? Ҳисоб кунед.

4. Дар бораи бибӣ ё бобои худ ба таври шифоҳӣ ҳикоя кунед.



*Имлои дунафарӣ.* Панҷ ҷумлаи аввали матнро бонавбат ба ҳамдигар бихонед ва бинависед. Дафтарҳои худро иваз кунед. Ғалатҳоро муайян карда, ислоҳ кунед.

1. Мактубчаи бибиро аз матн ёфта бинависед.

2. Шумо саҳарӣ ба мактаб меравед, аммо падару модаратон дар хона нестанд. Ба онҳо чӣ менависед? Мактубчаро ин тавр оғоз кунед: Модарҷону падарҷони азиз!....

3. Падар, модар ё ягон аъзои хонавода ба шаҳри дур ё ба бозор мераванд. Аз шумо мепурсанд, ки чӣ биёрам. Чӣ менависед? Рӯйхат кунед.

4. Ҷадвали зеринро хонед. Дар дафтар танҳо фикрҳои дурустро бинависед.

| Ахбор | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| Париноз масъаларо дуруст ҳал кард. | | |
| Бибӣ ба Париноз кулчақанду санбӯса мепазад. | | |
| Бибӣ Паринозро «кабкаки масти ман» мегӯяд. | | |
| Бибӣ дар иҷрои вазифаи хонагӣ ба Париноз ёрӣ мерасонад. | | |

## 88. ДУ ГУНОҲ

Баҳром дар синфи сеюм мехонад. Боинтизому аълохон аст. Вай одати ба мактаб нарафтан ё аз дарсҳо дер мондан надошт. Ҳар саҳар баробари падару модар аз хоб мехест, баъди варзиш дасту рӯяшро нағзакак мешусту ноништо мекард, либосҳояшро пӯшида, роҳи мактабро пеш мегирифт.

Падару модараш аз хонишу рафтори Баҳром хушнуд буданд. Вале ин саҳар Баҳром аз мактабравӣ сар кашид. Модар бисёр хоҳиш кард, баъд коҳишаш дод. Лекин Баҳром аввал надоштани дафтар, сипас дарди сарашро баҳона овард.

Модараш аз ин рафтори Баҳром асабиву малул шуда, ба кор рафт. Ханда аз лабони додару хоҳараконаш гурехт. Онҳо ба якдигар ботааҷҷуб* менигаристанд: ба Баҳром чӣ шуда бошад?

Ҳамин вақт падари Баҳром аз кори шабона баргашт. Вай хаста буд, истироҳат кардан мехост. Аммо Баҳромро дар хона, назди телевизор дида, ба ташвиш афтод.

– Чаро ба мактаб нарафтаӣ, писарам? – пурсид ӯ.

– Сарам дард мекунад, базӯр ҷавоб дод Баҳром ва хост, ки ба хонаи хоб гузарад.

Падараш Баҳромро боздошта, ба пешониаш даст расонд.

Баъд гуфт:

– Ҳарорат надорӣ-ку?...

– Намедонам, паси сарам дард мекунад, – барои он ки дурӯғаш фош нашавад, рӯй тофта, нолишкунон гуфт Баҳром.

Падараш ӯро насиҳат кард:

– Ин корат нағз не, писарам, либосҳоятро пӯшу тез мактаб бирав.

– Дер шудааст, муаллима ҷанг мекунад, ба синф роҳ намедиҳад, бачаҳо механданд, – баҳона овард Баҳром.

Падар аз дасти ӯ дошта, ҳар ду ба мактаб рафтанд.

– Салом, муаллима, – оҳиста гуфт падар ва ранҷишомез илова кард: – Муаллима, узр, ки имрӯз Баҳром ба дарс дер омадааст. Ман ӯро фиристондам, лекин шумо ба синф роҳ надодаед.

– Наход? Кӣ гуфт? Ман имрӯз Баҳромро акнун мебинам! – гуфт муаллима ва бо табассум илова кард: – Баҳромҷон, ту ин хел одат надоштӣ-ку. Нағз не, ҳам ба мактаб наомадаӣ, ҳам дурӯғ гуфтаӣ, падаратро саргардон кардаӣ. Ҳай-ҳай-ҳай! Канӣ, ба синф даро!

Баҳром аз хиҷолату шарм сар бардошта наметавонист. Ӯ гуноҳашро акнун фаҳмида буд, вале бефоида. Охир, падараш аз дурӯғгӯйии вай дар назди муаллима шармсор гашта, сурху сафед шуд. Баҳром гунаҳкорона ба синф даромад. Падараш бори дигар аз муаллима узр пурсида, ба хона баргашт. Вай аз рафтори нодурусти писараш сахт ранҷид ...

Фиребгарию дурӯғгӯйӣ одамро ана ҳамин хел шармандаву шармсор мекунад.

*Абдулҳамид Самадов*

| **ботааҷҷуб** – боҳайрат |
|---|



1. Ду гуноҳи Баҳром кадомҳоянд?
2. Гуноҳҳои ӯ дар куҷо ошкор шуданд?
3. Гуноҳи якуми ӯ кадом аст?
4. Дуюмаш-чӣ?
5. Барои чӣ падар ӯро ба мактаб овард?
6. Падар ба муаллима чӣ гуфт?
7. Муаллима чӣ ҷавоб дод?
8. Падари Баҳром дар кадом ҳолат монд?
9. Барои чӣ падар аз писараш ранҷид?
10. Чаро Баҳром дурӯғ гуфт?
11. Агар Баҳром ба падар сухани рост мегуфт, давоми воқеа чӣ мешуд?
12. Падар дуруст кард, ки Баҳромро ба мактаб овард?
13. Агар падар Баҳромро намеовард, минбаъд чӣ мешуд?
14. Хатои Баҳром дар чӣ буд?
15. Агар ба ҷойи Баҳром мебудед, чӣ кор мекардед?
16. Агар ба ҷойи падар мебудед-чӣ?
17. Ба фикри шумо, падар дар хона ба Баҳром чӣ мегӯяд?
18. Баҳром чӣ мегӯяд?
19. Агар Баҳром ҳамсинфи шумо мебуд, ба ӯ чӣ маслиҳат медодед?
20. Барои чӣ падару модарон ба мактаб омадани моро назорат мекунанд? Ин хуб аст ё бад? Барои чӣ?



*Имлои дунафарӣ*. Панҷ ҷумлаи аввали матнро бонавбат ба ҳамдигар бихонед ва бинависед. Дафтарҳои худро иваз кунед. Ғалатҳоро ислоҳ намоед.

1. Таркибҳоро бинависед ва шарҳ бидиҳед.

Аз хоб хестан, ҷойгаҳро ҷамъ кардан, дасту рӯй шустан, дандонҳоро шустан, хӯроки наҳорӣ хӯрдан, либоси мактабӣ пӯшидан, ба мактаб рафтан, дарс хондан, ба хона баргаштан, хӯроки нисфирӯзӣ хӯрдан, истироҳат кардан, бо рафиқон бозӣ кардан, дарс тайёр кардан, китоб хондан, телевизор тамошо кардан, хӯроки шом хӯрдан, хоб рафтан.

**2.** Монанди намуна реҷаи рӯзро тартиб бидиҳед.

| **Вақт** | **Амал** |
|---|---|
| *07:00* | *аз хоб хестан* |
| | *ҷойгаҳро ҷамъ кардан* |
| | *дасту рӯй шустан* |
| | *дандонҳоро шустан* |
| | *субҳона хӯрдан* |
| | *либоси мактабӣ пӯшидан* |
| | *ба мактаб рафтан* |
| | *дарс хондан* |
| | *ба хона баргаштан* |
| | *хӯроки нисфирӯзӣ хӯрдан* |
| | *истироҳат кардан* |
| | *бо рафиқон бозӣ кардан* |
| | *дарс тайёр кардан* |
| | *китоб хондан* |
| | *телевизор тамошо кардан* |
| | *хӯроки шом хӯрдан* |
| *21:00* | *хоб рафтан* |

# 89. ОДОБИ МУОШИРАТ

*Матнро хонед ва маъноҳои калимаи «бихон»-ро шарҳ бидиҳед.*

Марде дарро тақ-тақ зад. Дарро кушодам, ки шахси хушандоме истодааст. Ӯ пас аз салому алейк гуфт:

– Падаратро назди ман бихон. Дар ҳайрат мондам, ки чӣ хел бихонам, магар падарро ҳам мехонанд? Бо вуҷуди он назди падар рафтам ва гуфтам, ки шахсе «падаратро назди ман бихон» мегӯяд.

Баъдтар аз падарам пурсидам:

– Магар он шахс тоҷикиро намедонад, ки падаратро бихон мегӯяд.

Падарам гуфтанд:

– Аввалаш, пурсидан айб нест, дигар ин ки ҳар кас бояд ҷустуҷӯ кунад ва маънои калимаро ёбад. Одам ҳар қадар бештар калима донад, ҳамон қадар хубтару беҳтар сухан мекунад. Китоби «Фарҳанги забони тоҷикӣ»-ро гирифта бин, ки «хондан» чӣ маъноҳо дорад.

Дар ҳақиқат, дар луғат (фарҳанг) дидам, ки хондан фақат китобхонӣ набуда, даъват кардан, чеғ задан, номидан, сурудан ва ҳатто ҳисоб кардан барин маъноҳо доштааст.

*Х. Ҳусейнов*

*1.* Дар бораи аҳамияти донистани маънои калимаҳо фикри худро баён кунед. Ин тавр оғоз кунед:

Одам ҳар қадар бисёр луғат (калима) донад, ҳамон қадар фаҳмою дуруст сухан карда, китобу асарҳо ва сухани дигаронро хуб мефаҳмад. Барои шахси бомаърифат шудан луғатдон будан лозим аст.

2. Шарҳи калимаи «Дурбин»-ро хонед ва бигӯед. Бо ҳар як маънои он ҷумла тартиб бидиҳед.

***Намуна:*** *Фирдавс шахси дурбин аст.*

**Дурбин:**

а. Асбобе, ки масофаи дурро наздик нишон медиҳад.

б. Соҳиби қобилияти аз масофаи дур дидани чизҳо, тезбин, тезчашм.

в. Дурандеш, мулоҳизакор

3. *Бинависед.* Чаро дар аввали калимаҳои **садбарг** ва **лола** ҳам ҳарфи калон, ҳам ҳарфи хурд навишта шудааст?

Садбарг дар мактаб таҳсил мекунад. Гули садбарг шукуфт.

Лола модари худро дӯст медорад. Хоҳарам аз саҳро гули лола овард.

4. Тезгӯякро хонед. Бигӯед, ки дар аввали калимаи **гул** барои чӣ ҳам ҳарфи калон ва ҳам ҳарфи хурд навишта шудааст?



Ду Гул ба чаман рафта,
Биёварданд гул.
Як Гул ду гул овард,
Дигар Гул-як гул.
Он Гул ба Гули дигар
Бигуфто: – Эй Гул!
Ман, Гул, ду гул овардам.
Ту, Гул – як гул.



Калимаҳоеро номбар карда бинависед, ки маъноҳои гуногун дошта бошанд.

Дафтари худро бо шарикатон иваз кунед ва навиштаҳои якдигарро бисанҷед.

Ғалатҳоро фаҳмонда ислоҳ кунед.

*Вазъиятҳоро хонед. Одоби муоширатро риоя намуда, нақшофарӣ кунед.*

- Агар ҳамроҳи падару модар ба хонаи дӯст биравед, бо аҳли хонаводаи онҳо чӣ хел муошират мекунед?
- Ба хонаи шумо дӯстони падару модар биоянд, бо онҳо чӣ хел муошират мекунед?

- Дар ҷойи бегона роҳгум занед, чӣ кор мекунед?
- Дар бозор падару модари худро гум кунед, чӣ кор мекунед?

Дарси имрӯзаро бо аҳли хонавода муҳокима кунед. Ҳамроҳи онҳо 10 қоидаи одоби муошират бо калонсолонро тартиб бидиҳед.

**Намуна:**

Ба калонсолон ҳамеша “Шумо” гуфта муроҷиат кунед.

## 90. МУОШИРАТ

– Ало, ало! Ҳидоят! Дуруд бар Шумо!

– Салом, Дилоро!

– Аҳволатон чӣ тавр? Сиҳату саломат ҳастед?

– Бале, Ҳидоят. Чӣ хуб, ки садои Шуморо мешунавам.

– Ҳоло ҳавои мулки Шумо гарм аст?

– Хеле гарм.

– Бо кадом мактаб ҳамкорӣ доред?

– Бо литсейи шаҳри Душанбе.

– Ҳоло ҳам дар гимназия хонда истодаед?

– Бале. Дар гиназияи мо муаллимони ботаҷриба дарс медиҳанд.

– Ба Шумо Нигина Ҳалимзода дарс медиҳад?

– Не, ҳоло ӯ дар литсей кор мекунад.

– Ҳидоят, ӯро метавонед табрик кунед.

– Ба кадом муносибат?

– Нигина Ҳалимзода имсол ғолиби озмуни “Муаллими сол” дониста шуд....

*Садои Шуморо мешунавам.*

*Бо литсей ҳамкорӣ мекунам.*



1. Суҳбати телефонӣ бо салом оғоз ёфта, бояд бо чӣ анҷом ёбад? Матнро ба охир расонед.

2. Аз матни боло дар сутуни якум ҷумлаҳои саволӣ, дар сутуни дуюм ҷумлаҳои амриро бинависед.

3. Ҷумлаҳои навиштаатонро хонед. Ҳангоми хониш мувофиқи аломатҳо ба оҳанги ҷумла риоя кунед. Фарқи ин ҷумлаҳоро фаҳмонед.

## БАҲС



Акрам дар коғазе 6 навишту аз Акбар пурсид:

– Ин кадом рақам аст?

Акбар гуфт:

– Нуҳ.

Акрам қоҳ-қоҳ хандид.

– Нодон! – гуфт вай. – Нуҳ не, шаш! Дурусттар зеҳн мон!

Акбар ранҷид.

– Худат нодон, – гуфт вай. – Нуҳро шаш мегӯйӣ!

– О, ин шаш аст!

– Не, нуҳ!

– Шаш!

– Нуҳ!

Аскар омад. Ба баҳси онҳо гӯш доду гуфт:

– Фикри ҳар дуятон дуруст.

*Азизи Азиз*



*Матнро бинависед.*



1. Чаро фикри ҳар ду ҷӯраҳо дуруст аст? Дунафарӣ ҷавоби ин муамморо биёбед.

2. Дар нақши Акраму Акбару Аскар бозӣ кунед. Ҳангоми нақш офаридан ба оҳанги талаффузи ҷумлаҳои саволию амрӣ эътибор бидиҳед.

*Ҷавоби чистонро ёбед.*

Мехоҳӣ бо роҳи дур
Гап занӣ ту боҳузур
Бо падар ё модарат,
Бародар ё хоҳарат?
Агар хоҳӣ, пас шунав:
Биё, бо ман ҷӯра шав.

## 91. ЧОҲКАН – ЗЕРИ ЧОҲ

Ҷадвали зеринро монанди намуна пур кунед. Ин амалро дар дафтар иҷро кунед.

| Амал ва хусусият | **Рӯбоҳ** | **Шағол** | **Шер** |
|---|---|---|---|
| Дар куҷо зиндагӣ мекунад? | дар бешазор ва дашту саҳро зиндагӣ мекунад. | | |
| Чиро шикор мекунад? | мурғ, харгӯш ва ҳайвонҳои аз худ хурдро шикор мекунад. | | |
| Чӣ хел хислат дорад? | маккор, фиребгар, ҳилагар аст. | | |

Буд, набуд, як Рӯбоҳ буд. Як замоне шикори ӯ барор нагирифту аз гуруснагӣ ин сӯ он сӯ давид, сайде пайдо накард. Вай хаставу бемадор шуда, дар пеши як чоҳ нишаст.

Рӯбоҳ ба чоҳ нигоҳ кард. Ба назараш дар таги чоҳ думбаи сап-сафеди калон намудор шуд.

Рӯбоҳ худро ба чоҳ партофт. Сари вай ба санги сафеди калон зад. Ногаҳон дар лаби чоҳ Шағоле пайдо шуд.

Рӯбоҳ худ ба худ гуфт: “Мани дар зиракӣ номдор дар зери чоҳ интизори маргаму ин Шағол дар рӯйи олам кайфу сафо карда гардад ”. Рӯбоҳ аз ҷояш хеста, фарёд кард:

– Ҳой, ту кистӣ? – Чаро намемонӣ, ки як бечора ёфту тофташро бемалол хӯрда шинад!

– Эҳ Рӯбоҳ, ту он ҷо чӣ кор мекунӣ? – пурсид Шағол ба даруни чоҳ нигоҳ карда.

– Магар намебинӣ? – ҷавоб дод Рӯбоҳ фукашро ба санг молида, – думба хӯрда истодаам.

Шағол зорӣ карда гуфт:

– Ба ман ҳам камакак думба намедиҳӣ? Дуо мекунам, ки умрат дароз шавад.

– Хайр, майлаш, – гуфт Рӯбоҳ. Ин думба ба ҳар дуямон мерасад, биё, бихӯр.

Шағоли гурусна саросемавор худро ба чоҳ андохту сараш ба санг зада беҳуш шуд.

Рӯбоҳ қаҳ-қаҳ зада, ба ҳоли Шағол хандид. Хандаи баланди ӯ ба гӯши Шер расид.

– Ин Рӯбоҳ куҷо бошад гуфта, Шер ба лаби чоҳ омад.

Рӯбоҳ Шерро дида гуфт:

– Эй подшоҳи аъзам, хайрият бо пойи худатон омадед. Ман барои шумо дар ин чоҳ як дунбаи калон пинҳон карда будам. Имрӯз хостам, ки гирифта ба пешатон барам, лекин ҳарчанд мекунам, аз ҷояш ҷунбонда наметавонам. Ба ёрӣ Шағолеро ҷеғ задам, вале зӯри ҳардуямон намерасад.



Шер ба таги чоҳ нигоҳ карда, як чизи калони думбамонандро дид.

Вай хурсанд шуд.

– Хайр, дунбаро худам гирифта мебарорам гуфту Шер худро ба чоҳ партофт.

Ин дафъа ба Рӯбоҳ шодӣ кардан муяссар нашуд.

Шер худро ба болои Рӯбоҳ андохт. Фурсате нагузашта, аз Рӯбоҳ ному нишон намонд.

1. Барои пайдо кардани ризқу рӯзӣ Рӯбоҳ ба чӣ ҳол гирифтор шуд?
2. Шағоли фиребхӯрда-чӣ?
3. Шер-чӣ?
4. Чаро ба афсона "**Чоҳкан зери чоҳ**" ном гузошта шудааст?
5. Ба фикри шумо, дар охир Шағол бояд ба чӣ ҳол гирифтор шавад?

Аз матн танҳо ҷумлаҳои саволӣ ва амриро бинависед.

Дар нақши Рӯбоҳ, Шағол ва Шер бозӣ кунед. Дар нақшбозӣ аз ниқобҳо истифода баред.

Пандро бинависед.

Камозор бошеду ҳам камзиён,
Бадиро мабандед ҳаргиз миён.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Нақли хаттӣ бинависед.

**Нақша:**

А. Сабаби худро ба чоҳ партофтани Рӯбоҳ
Б. Фиреб хӯрдани Шағол
В. Фиреб хӯрдани Шер
Г. Ҳалокати Рӯбоҳ
Ғ. Хулоса

Камозор бошеду ҳам камзиён,
Бадиро мабандед ҳаргиз миён.

# VIII. ОЛАМИ ҲАЙВОНОТИ ТОҶИКИСТОН. МАМНУЪГОҲҲО



## 92. ҲАЙВОНОТИ ХОНАГӢ ВА ВАҲШӢ

**Машқи мантиқӣ**



1. Аз рӯйи расм номи ҳайвонҳои ваҳшӣ ва парандаҳои саҳроиро бинависед. Ба онҳо номи ҳайвонҳо ва парандаҳои хонагиро илова кунед ва бинависед.

*Намуна:*
Ҳайвонҳои ваҳшӣ: хирс, ...
Ҳайвонҳои хонагӣ: саг, ...
Парандаҳои саҳроӣ: уқоб, ...
Парандаҳои хонагӣ: мурғ, ...

2. Ба саволҳои зерин ҷавоб бинависед.

- Чаро ин ҳайвонҳоро хонагӣ меномем?
- Одамон аз ҳайвонҳои хонагӣ чӣ манфиат мебинанд?

• Соҳибонашон барои ҳайвонҳо чӣ гуна ғамхорӣ мекунанд?
• Барои чӣ ҳайвонҳои ваҳшӣ мегӯем?
• Фарқи парандаҳои саҳроӣ аз хонагӣ дар чист?
• Кадом ҳайвонҳо дар об зиндагӣ мекунанд?

3. Машқи саволгузорӣ ба калимаҳо.
Падараш барои Фарзона кабки зебо овард.
(*Кӣ овард?*) – Падараш.
*Падараш чӣ кор кард?* – овард.
*Барои кӣ?* – барои Фарзона.
*Чӣ овард?* – кабк.
*Чӣ хел кабк?* – зебо.

4. Калимаҳои ҷумларо пайиҳам номбар кунед.
• Агар дар ҷумла ҷойи калимаҳоро иваз кунем, ба маънои ҷумла халал мерасад?
• Аз иҷрои машқ хулоса бароред.

**5.** Бо калимаҳои **одамон, ҳайвонҳои ваҳшӣ, хирс, фоида, рӯбоҳ, зоғ, тоза, табиат, ҳайвонҳои хонагӣ, гов, гӯсфанд, мурғ, тухм, нигоҳубин, моҳӣ, бахр** ҳикояи хурд бинависед.

## 93. АЗ ҲАЁТИ ҲАЙВОНҲО





**Санҷоб.** Барои санҷоб зимистону тобистон як аст. Вай дар ковокии дарахтони бешазор хона сохта мехобад. Зимистон гоҳ-гоҳ аз хонааш баромада, аз шохае ба шохае ҷастухез мекунад.



**Хирс.** Хирс тобистон ва тирамоҳ хуб хӯрок хӯрда, сер мешавад. Зимистон дар ғорҳо ва чуқуриҳо хона сохта мехобад.



**Харгӯш.** Харгӯш дар зимистон ҷомаашро дигар мекунад. Харгӯш дар рӯйи барф тез давида наметавонад.



**Гург.** Зимистон ҳоли гурги бехона бад мешавад. Вай шабҳои хунук ва дарози зимистон дар кӯҳу дашт хӯрок ҷуста, уллос мекашад.



1. Шумо кадоме аз ин ҳайвонҳоро дидаед? Дар куҷо?
2. Ҳайвонҳои хонагӣ зимистонро чӣ тарз мегузаронанд?
3. Ҳавонҳои ваҳшӣ-чӣ?
4. Боз дар бораи ҳаёти кадом ҳайвонҳо маълумот дода метавонед?



*Имлои дунафарӣ.*

- Ду бандро бонавбат ба ҳамдигар хонед ва бинависед.
- Дафтарҳои худро иваз кунед. Дурустии навиштаҳои ҳамдигарро санҷед.
- Агар ғалатҳо бошанд, фаҳмонда ислоҳ кунед.



Хирс хона сохта хобид.

Гурги бехона уллос мекашад.



Бо калимаҳои **сулҳ, дӯстӣ, кабӯтар, кишвар, Тоҷикистон, соҳибистиқлол** ҷумла бинависед



1. Макони ӯ дар беша,
   Фиребгар аст ҳамеша

   (...)

2. Кӣ бошад ин паҳлавон,
   Паҳлавони бешабон,
   Хоболуди зимистон,
   Марди кори тобистон?

   (...)

3. Тобистону зимистон
   Хӯрокаш – донаю мағз.
   Дар мағоки дарахтон*
   Мекунад хонаи нағз.

(...)

**мағоки дарахт** – ковокии дарахт

Чистонҳоро бинависед. Ҷавобҳоро ёфта, бо онҳо ҷумла тартиб бидиҳед.

## 94. МУФТХӮР

Падари Анварҷон якчанд оила занбӯри асал дорад. Вай ҳар сари чанд вақт қуттиҳоро кушода, аз назар мегузаронаду занбӯрҳои калон-калони фарбеҳашро чида мепартояд.

Боре Анварҷон аз падараш пурсид:

– Падар, барои чӣ занбӯрҳоро чида мепартоед?

– Чунки онҳо муфтхӯранд, писарам.

– Падар, муфтхӯраш чӣ?

– Муфтхӯраш, яъне кор накарда мехӯрад.

Занбӯрҳои майда ба ҷойҳои дуродур рафта, гарду шарбати гулҳоро бо худ оварда, хоначаҳояшонро пур мекунанд. Баъзе занбӯрҳо аз хонаашон набаромада, муфтхӯрӣ мекунанд. Дар натиҷа ба ҷойи фоида зарар меоранд.

– Ин хелаш ганда-а?

– Албатта, ганда. Ана ин коргарҳояшон бақувват. Ҳар чӣ қадар кор кунанд, саломатиашон ҳамон андоза нағз мешавад.

Анварҷон як ба дасту китфонаш нигоҳ карду аз падараш пурсид:

– Падар, ман чӣ кор кунам?

– Аз модарат пурс, ҳар чӣ кор фармояд, иҷро кун, – ҷавоб дод падар.



1. Чӣ гуна шахсро муфтхӯр меноманд?

2. Анварҷон аз серкории занбӯрони асал ба чӣ хулоса омад?



Аз матн ҷумлаҳои хабарию саволиро бинависед. Бигӯед, ки матни хурди навиштаатон нутқи мураттабро ташкил медиҳад ё не.



1. Дар нақши падару писар бозӣ кунед.

*2. Имлои дунафарӣ.*

- Ду ҷумлаи аввали матнро бонавбат ба ҳамдигар бихонед ва бинависед.
- Дафтарҳои худро иваз кунед. Дурустии навиштаҳои ҳамдигарро бисанҷед.
- Агар ғалатҳо бошанд, фаҳмонда ислоҳ кунед.

## БОЙЧЕЧАК



– Ноинсофҳо! Ҳамин саҳар гулаке рӯйид, ҳамонро ҳам кандаанд. Тадбире бояд ҷуст, – ба гӯш расид овози дардолуде.

– Ту кистӣ? – пурсид писарак бо тарс.

– Ба зери поят нигар, писар! Ман заминам!

Модари ҳама мавҷудоти оламам. Гули бойчечак (баҳман) ҳам фарзанди ман буд. Мехостам, ки вай нашъунамо карда, тухм бандад. Афсӯс, ки онро ҳам канданд.



1. Ба оҳанги ҷумлаҳои амрию саволӣ риоя карда матнро хонед.

2. Аз матн аввал ҷумлаҳои амрӣ, баъд саволиро бинависед.

# 95. СУҒУР

Суғур дар дашту саҳро, марғзори болои кӯҳ зиндагӣ мекунад. Хонааш то 5-6 метр зери замин чуқур аст.

Пойҳои суғур кӯтоҳу барои заминковӣ мувофиқанд. Бо пойҳояш решаи сершираю серғизои гиёҳҳоро канда мехӯрад. Ин ҳайвон дар айёми тобистон фарбеҳу лаванд мешавад ва базӯр роҳ мегардад. Охирҳои тирамоҳ ба хоби зимистона меравад. Хоби суғур бисёр сахт аст. Ҳангоми хоби зимистонааш мурда ё зинда будани онро муайян кардан душвор аст.



Равғани суғур ба бисёр дардҳо давост. Барои ин ҳам сайёдони суғур зиёданд. Аз ин рӯ, суғурҳо ҳангоми чаридан бисёр ҳушёру эҳтиёткоранд. Якеро посбон таъин мекунанд, то вай аз пайдо шудани душман дигаронро огоҳ кунад. Посбон «кӯҳӣ-кӯҳӣ» гуфта садо мебарорад, яъне «гурезед-гурезед» мегӯяд.

Ҳоло суғурҳо ба муҳофизати мо муҳтоҷанд, зеро шумораашон хеле кам мондааст.

1. Суғур дар куҷо зиндагӣ мекунад?
2. Тобистон вай ба чӣ кор машғул аст? Дар зимистон-чӣ?
3. Чаро сайёдони суғур бисёранд?

«Кӣ зуд меёбад?» Сканвордро тасвир кунед ва ҳарфҳои дохили онро бинависед. Дар сканворд номи 5 ҳайвону паранда ниҳон аст. Онҳоро ёфта, дар дафтар бинависед.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Х | Х | И | Р | С |
| А | Т | А | Ӯ | У |
| У | Қ | О | Б | Ғ |
| Л | Т | Д | О | У |
| Б | У | З | Ҳ | Р |

1. Матни “Суғур”-ро бори дигар хонед. Аз рӯйи мазмуни матн ва расм ҷадвалро пур кунед

| Ном | Суғур |
|---|---|
| Шакл | |
| Ранг | |
| Дар кучо зиндагӣ мекунад? | |
| Хӯрок | |
| Фоида | |

## СУҒУР

Суғур ҳайвони ваҳшӣ аст. Пойҳояш кӯтоҳ буда, гӯшҳои хурд, фуки кӯтоҳ дорад.

Дар айёми тобистон фарбеҳу лаванд шуда, базӯр роҳ меравад. Ранги суғур вобаста ба фасли сол сурхи зардчатоб мешавад.

Суғур дар дашту саҳро ва марғзори болои кӯҳ зиндагӣ мекунад. Дар тобистон алафу гиёҳҳо ва решаи сершираи серғизои гиёҳҳоро хӯрда, зимистони дароз хоб мекунад.

Равғанашро барои доруворӣ, пӯсташро барои либос ва кулоҳ истифода мебаранд.

2. Маълумоти дар ҷадвал бударо бо матни “Суғур“ муқоиса кунед.

3. Монанди ҷадвал ва матни боло дар бораи яке аз ҳайвонҳо маълумот бидиҳед.

# 96. РОМ КАРДАНИ АСП

Одамон аспро ҳанӯз дар замонхои хеле қадим ба худ ром карда буданд, то ки онро ҳамчун ҳайвони саворӣ ва боркаш кор фармоянд.

Аспҳои ёбоӣ калонҷусса ва каллакалонанд. Онҳо ёл ва думи дарози сермӯй доранд. Ранги аспҳои ёбоӣ зард ва хокистарӣ мебошанд.



Аспҳои ёбоӣ гала-гала чарида мегарданд. Онҳо душмани худро дар масофаи ду-се километр дида, зуд ғайб мезананд.

Шикорчиёни аспҳои ёбоӣ аз пушти гала рафта, аз байни онҳо тойчаҳои хаставу мондашударо бо каманд ё тӯр медоранд. Баъд тойчаҳоро ба худ ром мекунанд. Асп барои одамон дастёри беминнат аст.

Одамон ба ҳар гуна воситаҳо зотҳои гуногуни аспро пайдо карда, дар фермаҳои аспарварӣ нигоҳубин мекунанд.

Асп ба гурӯҳи ҳайвонҳои нафърасон дохил мешавад.

1. Шикорчиён бо кадом восита аспҳоро ба худ ром мекунанд?
2. Асп ба одам боз чӣ гуна манфиат мерасонад?

1. Аломат ва хусусиятҳои аспи ёбоиро бигӯед.

2. *Имлои дунафарӣ*. Банди дуюмро бинависед.

«Кӣ зуд меёбад?» Сканвордро тасвир кунед ва ҳарфҳои дохили онро бинависед. Дар сканворд номи 5 ҳайвону

паранда ниҳон аст. Онҳоро ёфта, дар дафтар бинависед.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Х | Б | Н | Ж | Ф |
| А | Т | А | Г | О |
| Р | Ӯ | Б | О | Ҳ |
| Л | Т | У | В | У |
| П | Ӣ | З | М | С |

*Одамон тойро ром мекунанд.*
*Асп дастёри беминнат аст.*

1. Матни “Ром кардани асп”-ро бори дигар бихонед.
2. Аз рӯйи мазмуни матн ва расм ҷадвалро пур кунед.

| Ном | Асп |
|---|---|
| Шакл | |
| Ранг | |
| Дар куҷо зиндагӣ мекунад? | |
| Хӯрок | |
| Фоида | |

**АСП**

Аспҳо алаф ва ҷав мехӯранд. Одамон онҳоро ҳамчун ҳайвони саворӣ ва боркаш истифода мебаранд Аспҳоро дар пойгаҳои варзиш ва човандозӣ (бузкашӣ) истифода мебаранд. Аз пӯсти асп пойафзолу либосҳои чармӣ ва аз гӯшташ ҳар гуна хӯрок мепазанд.

3. Маълумоти дар ҷадвалбударо бо матни “Асп“ муқоиса кунед

## ҒАЛАТ ДАР КӮЗА АСТ

Туркмане аз болои як шахс даъво дошт. Ӯ кӯзаеро пури гаҷ карду аз болои он каме равған рехт. Туркман кӯзаро ба қозӣ пора дод, ки тарафи ӯро бигирад. Қозӣ кӯзаро бигрифт ва тарафдори туркман шуд.

Баъди як ҳафта қозӣ дид, ки дар кӯза ба ҷойи равған гаҷ будааст. Ӯ туркманро ба наздаш даъват карда гуфт:

– Дар он мактубе, ки ба ту дода будам, ғалате ҳаст. Биёр, то ки онро ислоҳ кунам.

Туркман гуфт:

– Дар мактуби ман ҳеҷ ғалате нест. Агар ғалат бошад, дар кӯза аст.

*Убайди Зоконӣ*

# 97. РӮБОҲБАЧАҲО ХУДРО ОФТОБ МЕДИҲАНД

Офтоб на танҳо ба одам, балки барои ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ низ фоида дорад.

Одамон ва ҳайвоноти хонагӣ аз нурҳои Офтоб чӣ қадаре хоҳанд, ҳамон қадар баҳраманд* шуда метавонанд. Ҳайвоноти ваҳшӣ-чӣ? Онҳо тамоми рӯз дар ғорҳо, дар таги сангҳо, дар қаъри дараҳо*, дар байни кӯҳҳо пинҳон шуда мегарданд. Рӯзона фақат юрмонҳо* мегарданд.



Нурҳои Офтоб хусусан барои ҳайвонбачаҳо хеле фоида дорад. Аз ҳамин сабаб дар вақти баромадани Офтоб рӯбоҳи пирро бо бачаҳояш дар назди лонааш дидан мумкин аст.

Шуоъҳои саҳарии Офтоб рӯбоҳбачаҳои шӯхро гарм мекунанд. Ин замон рӯбоҳи пир дар назди хонаи худ нишаста, бодиққат ба атроф нигоҳ мекунад.

Вай бачаҳои худро посбонӣ мекунад.

Бегоҳӣ – пеш аз фурӯ рафтани Офтоб, рӯбоҳ бачаҳои худро боз ба сайругашт мебарорад. Рӯбоҳбачаҳо дар ҳавои тоза ба бозӣ медароянд ва нурҳои бегоҳирӯзии Офтоб бадани онҳоро гарм мекунад.

Шикорчиҳо ин одати рӯбоҳро нағз медонанд ва бинобар ин мегӯянд, ки рӯбоҳбачаҳо худро офтоб медиҳанд.

**баҳраманд шудан** – фоида бурдан
**қаъри дара** – таг, чуқурии дара
**юрмон** – ҷонвари хурди хоянда, ки ба киштҳо зарар мерасонад

1. Шакли рӯбоҳ чӣ гуна аст? Рангаш-чӣ?
2. Рӯбоҳ худро кай офтоб медиҳад?
3. Барои чӣ рӯбоҳи пир ҳангоми бозии бачаҳояш ба атроф нигоҳ мекунад?
4. Дар афсонаҳо рӯбоҳ бо чигуна хислат тасвир мешавад?
5. Барои чӣ рӯбоҳро зираку маккор ва ҳилагар мегӯянд?
6. Оё дар матни боло зиракии рӯбоҳ дида мешавад?

1. Афсонаҳои хондаатонро дар бораи рӯбоҳ нақл кунед.
2. Дар афсонаҳо суханони рӯбоҳ бо кадом оҳанг хонда мешаванд? Мисол биёред.
3. Расми рӯбоҳро тасвир карда, дар бораи он ба таври хаттӣ бинависед.

4. Шумо ҳам ягон маротиба ҳаёти ҳайвонҳоро мушоҳида кардаед? Дар бораи онҳо ҳикоя кунед. Ҳикояро ин тавр оғоз кунед. *Рӯзе ман ....... рафтам. Ногаҳон аз пешам...*

5. Матнро бори дигар бихонед. Аз рӯйи мазмуни матн ва расм ҷадвалро пур кунед.

| | |
|---|---|
| Ном | Рӯбоҳ |
| Шакл | |
| Ранг | |
| Дар куҷо зиндагӣ мекунад? | |
| Хӯрок | |
| Фоида | |

Аз маълумоти ҷадвал истифода карда, дар бораи рӯбоҳ матн биофаред. Матнро ин тавр оғоз кунед:

*Рӯбоҳ ҳайвони хурдҷусса буда, ҷусту чолок аст. Вай дар назди ......*

## 98. ШУТУР

Шутур аз ҷумлаи ҳайвоноти қавипайкару камхӯр ва боркашу фармонбардор аст. Чунончи, дар сифати шутур гуфтаанд:

Ҳалиме, роҳнаварде, бурдборе,
Зи гулзори ҷаҳон қонеъ ба хоре.

Яке аз хусусиятҳои шутур он аст, ки вай ҷонвари итоаткор аст, ба ташнагӣ тоқат мекунад.

Шутур дар биёбон ва даштҳои иқлимашон хушк зиндагӣ мекунад. Вай дар як рӯз қариб 100 километр роҳ мегардад.

Шутур 35-40 сол умр мебинад. Аз он шир, гӯшт, пашм мегиранд. Пашми шутур тибит дорад, ки аз он матоъҳои нафис тайёр мекунанд. Вай қади баланду гардани дароз дорад. Аз ин сабаб дар биёбон роҳи дурро мебинад. Пойи шутур ба реги тафсон намеғӯтад. Шутур бештар дар дашту биёбон зиндагӣ мекунад ва ғизои асосиаш гиёҳи шутурхор мебошад.



1. Ҷойи зисти шутур куҷост?
2. Шутур ба инсон чӣ фоида мерасонад?

*Шутур ҳайвони камхӯр аст.*
*Пашми шутур тибит дорад.*

Сифатҳои шутурро номбар кунед.

*Имлои дунафарӣ*. Ду банди охирро бинависед.

Аз матни зерин ҷумлаҳои нопурраро хонед. Дар ин ҷумлаҳо фикр ба охир расидааст ё не? Ба ҷойи нуқтаҳо феълҳоро гузошта, ҷумлаҳоро пурра карда бинависед.

Падари Абдурауф боғбон … . Дар аввали моҳи май ӯ ҳамроҳи падараш ба боғ… . Ӯ аз меваҳои ширин серӣ… ва ба деҳқонон… . Абдурауф мехоҳад боғбон ... .

# 99. ҒОЗИ ТАНҲО

Дар назди деҳаамон кӯле ҳаст. Мурғобиву ғоз, лаклак ва парандаҳои бисёр ба ин кӯл меоянд. Онҳо, одатан, дар торикӣ ё қариби субҳ пайдо мешаванд, насибаи худро ёфта мехӯранд ва барвақт – то пайдо шудани одамон, парвоз карда мераванд. Гоҳе ман то сар шудани дарс аз атрофи ин кӯл ҳезум мечинам. Боре чашмам ба як ҷуфт ғоз афтод, ки бисёр зебо шино мекарданд. Бори дигар дидам, ки рӯз равшан шуд, аммо онҳо ҳанӯз шино мекарданд. Оҳиста-оҳиста ғозҳо ба ман одат карданд, аз ман чандон намеҳаросиданд. Дар лаби кӯл, болои ҳезуми чидаам нишаста, дам мегирифтам ва ба об ғӯтида ғизо пайдо кардану бозиҳои он ҷуфти ғозро тамошо карда завқ мебурдам.

Фасли тирамоҳ меомад, парандагон рӯз то рӯз кам



мешуданд. Онҳо ба маконҳои гарм сафар мекарданд ва дар айни замон мавсими шикор ҳам фаро мерасид. Ҳафтае аз ин мавсим нагузашта, шоҳиди як ҳодисаи аҷиб шудам. Ғози танҳое болои кӯл парвоз мекарду аз гирду атрофи он дур намерафт ва ҳар замон овози ҳузнангезе* мебаровард. Вале ба оби кӯл фуруд намеомад, гӯё чизеро меҷуст. Ҳар субҳ танҳо парвоз кардани ғоз чанд вақт давом кард. Рӯзе ниҳоят аз наздик мепарид, ки ман онро шинохтам. Ин ҳамон ғозе буд, ки бо ҷуфташ дар ин кӯл сайру бозӣ мекард. Ба гумонам, шикорчиён ҳамроҳашро сайд кардаанд ва ғози танҳо ба умеди пайдо кардани ҷуфташ ҳар рӯз ин ҷо меомад.

Як саҳар маҳз ба дидани ҳамин ғоз омадам. Он дар болои кӯл давр мезад. Ҳамчунин овози ҳазин* мебаровард: “Ға-а-а-а”.

Дар назарам ҷуфташро видоъ* мегуфт.

Ниҳоят, садои дилхароше баровард, рӯ ба ҷануб тоб хӯрд ва аз назар ғоиб шуд.

Ман онро дигар надидам.

> **ҳузнангез** – ғамангез
> **ҳазин** – ғамгин
> **видоъ** – тамоман ҷудо шудан
> **аз назар ғоиб шуд**– ба чашм нонамоён шуд



1. Ғоз чӣ гуна паранда аст?
2. Вай дар куҷо зиндагӣ мекунад?
3. Оё ғозро ҳайвони обӣ гуфтан мумкин ҳаст?
4. Боз чиҳо дар назди кӯлу обанбор зиндагӣ мекунанд?
5. Муаллиф чиро мушоҳида кард?
6. Барои чӣ парандаҳо рӯз то рӯз кам мешуданд?
7. Ғоз дар назди кӯл чиро меҷуст?
8. Ғоз чӣ хел овоз мебаровард?
9. Муаллиф аз мушоҳидаи ин манзара хурсанд аст? Барои чӣ?
10. Шумо – чӣ? Чаро?
11. Ин воқеа кай ва дар куҷо рух дод?
12. Агар ғоз забони одамиро мефаҳмид, ӯро чӣ хел тасаллӣ медодед?



Бо шарик (ҳамнишаст)-и худ саҳначаи хурд омода кунед. Яке – ғамгин, дигарӣ ӯро тасаллӣ медиҳад.



1. Шумо ҳам ягон маротиба ҳаёти ҳайвонҳоро мушоҳида кардаед? Дар бораи он ҳикоя кунед. Ҳикояро ин тавр оғоз кунед:

“Рӯзе ман дар боғ (саҳро, ҳавои кушод) сайру гашт мекардам. Нохост ......”

2. Ба ҳар савол се ҷавоб бинависед.

Шумо аз чӣ хурсанд мешавед? ***Намуна:*** *Агар барои ман туҳфа биёранд, хурсанд мешавам.*

Шумо аз чӣ ғамгин мешавед? ***Намуна:*** *Агар маро биранҷонанд, ғамгин мешавам.*

3. Матнро бори дигар хонед ва ҷадвалро пур кунед.

| Ном | Ғоз |
|---|---|
| Шакл | |
| Ранг | |
| Дар куҷо зиндагӣ мекунад? | |
| Хӯрок | |
| Фоида | |



Аз маълумоти ҷадвал истифода карда, дар бораи ғоз матн тартиб диҳед. Матнро ин тавр оғоз кунед:

*Ғоз паранда аст. Вай дар назди кӯлу обанбор зиндагӣ*

......

## 100. ҶАЙРАИ АЙЁР



Ҷайра ҳайвони на он қадар калони кӯзапушт аст. Баданаш пур аз хорҳои дарози тез мебошад. Хорҳои вай дароз-дарози рангаанд.



Хорҳои ҷайра барои худро аз душман муҳофизат кардан хизмат мекунанд. Ҷайра аз онҳо моҳирона истифода мебарад. Вай хорҳояшро беҳуда намепарронад.

Рӯзе як шикорчӣ аз доманаи кӯҳе мегузашт. Пешпеши ӯ сагаш медавид.

Якбора аз дур ҳайвони хокистарранге намудор шуд. Саг зуд ба тарафи вай давид.

Ҳайвони хокистарранг сагро дида, роҳи гурезро пеш гирифт. Ин ҷайра буд. Вай зуд давид.

Аммо саги шикорчӣ дар давидан аз вай ақиб намемонд. Ба назар мерасид, ки ҳозир вай ҳайвони хордорро медорад.

Вақте ки саг ба сайдаш наздик шуду барои доштани он даҳонашро калон кушод, ҷайра дар ҷояш истод.

Саг худро рост ба болои ҷайра партофт ва аз шиддати дард* худро ба қафо кашид. Аммо дер шуда буд. Хорҳо ба бинии вай халида, дар фуки саг овезон меистоданд. Ҷайраи айёр* фурсатро ғанимат euониста, аз ҷойи ҳодиса гурехт.

Ҷайра бо душманонаш ана ҳамин тавр мубориза мебарад.

**шиддати дард** – сахтии дард
**айёр** – ҳилагар, доно

1. Чаро ҷайраро айёр мегӯянд?
2. Шакли ҷайра чӣ гуна аст? Ранги ҷайра-чӣ?
3. Оё рост аст, ки ҷайра хорҳои худро мепарронад?
4. Хорҳои ҷайра барои чӣ хизмат мекунанд?
5. Кадом ҳайвон ба ҷайра ҳуҷум кард?
6. Ҷайра худашро ба кадом восита муҳофизат кард?
7. Саг аз чӣ захмдор шуд?
8. Ҳайвонҳои дигар худро чӣ гуна муҳофизат мекунанд?

1. Шумо ҳам ягон маротиба шоҳиди чунин воқеа шудаед? Дар бораи он ҳикоя кунед. Ҳикояро ин тавр оғоз кунед:

“Рӯзе ман бо сагам дар боғ (ҳавои кушод) сайру гашт мекардам. Нохост саг ба сӯйи .........”(*давом бидиҳед*).

2. Матнро бори дигар хонед ва ҷадвали зеринро пур кунед.

| Ном | Ҷайра |
|---|---|
| Шакл | |
| Ранг | |
| Дар куҷо зиндагӣ мекунад? | |
| Хӯрок | |
| Фоида | |



Аз маълумоти ҷадвал истифода карда, дар бораи ҷайра матн тартиб бидиҳед. Матнро ин тавр оғоз кунед: "Ҷайра ҳайвони хурд аст. Баданаш хорҳои тез дорад. ......" (давом бидиҳед)

## 101. МАМНУЪГОҲҲОИ ТОҶИКИСТОН



Инсон дар зарфи ҳазорсолаҳо аз неъматҳои табиӣ истифода мебарад. Одамон ҳайвонҳоеро, ки пашму пӯсти қиматбаҳо доранд, шикор мекунанд ва пашму пӯсти онҳоро ба фурӯш мебароранд.

Ҳамчунин одамон дарахтонро бурида, гиёҳҳои шифобахшро решакан мекунанд. Дар натиҷа шумораи ин ҳайвонҳо ва наботот торафт кам мешавад.

Муҳофизати олами ҳайвонот ва наботот кори давлатӣ ба шумор меравад. Барои ҳифз ва зиёд кардани насли ҳайвоноту набототи нодир мамнуъгоҳҳо ташкил карда шудаанд. Хелҳои зиёди ҳайвонот ба "**Китоби сурхи Тоҷикистон**" ворид шуда, шикори онҳо манъ аст.

Инсон бояд на фақат хелҳои нодир, балки тамоми ҳайвоноту набототро муҳофизат кунад.



1. Наботот чист?
2. "Китоби сурхи Тоҷикистон" чӣ маъно дорад?
3. Чаро шумораи ҳайвонҳо кам мешавад?

4. Мамнуъгоҳ барои чӣ лозим аст?

5. Ба фикри шумо, ба ғайр аз фаъолияти инсон боз чӣ сабаби камшавии ҳайвонот ва наботот шуда метавонад?

1. Имлои дунафарӣ. Банди сеюми матнро бинависед.

*2. Ҷумлаи* “Табиат барои инсон бойигарӣ офаридааст”- *ро таҳлил кунед.*

Ҷумла созед ва бинависед.

| | | |
|---|---|---|
|  + бар |  +  | хӯрд. |

## АНОР

Буттаи анор то 5 метр қад мекашад. Гулаш сурхи пурҷилост. Анор моҳҳои сентябру октябр мепазад.

Дар таркиби шираи анор қанд, ҷавҳари лимӯ, намакҳои фоидабахш фаровонанд. Анор ба дарди дил, ҷигар, шушу меъда давост. Пӯсти анор барои муолиҷаи меъдаву рӯда истифода мешавад.

1. Дар таркиби оби анор чиҳо ҳаст?
2. Анор ба саломатӣ чӣ фоида дорад?

## МАМНУЪГОҲҲОИ “БЕШАИ ПАЛАНГОН” ВА “РОМИТ”

Дар ҷумҳурии мо мамнуъгоҳҳои “Бешаи палангон”, “Ромит”, “Даштиҷум”, “Сарихосор” ва монанди инҳо ташкил карда шудаанд.

Мамнуъгоҳи “Бешаи палангон” дар поёноби дарёи Вахш, дар ноҳияҳои Дӯстиву Шаҳритус ташкил ёфтааст. Дар ин

мамнуъгоҳ гавазн, харгӯш, ҷайра, шағол, муши обӣ, оҳу, гург, парандаю морҳои гуногун, моҳиҳо зиндагӣ мекунанд. Аз рустаниҳо санҷид, найшакар, буттаҳои гуногун мерӯянд.

Дар ҳудуди мамнуъгоҳ зиёда аз 20 кӯл мавҷуд аст. Дар ин кӯлҳо қариб 20 навъи моҳӣ дучор меояд.

Мамнуъгоҳи "Ромит" дар қаторкӯҳи Ҳисор, ки ба қаламрави шаҳри Ваҳдат дохил аст, ташкил ёфтааст. Дар ин мамнуъгоҳ аз ботот буттаҳои зирк, настаран, чормағз, себ, анор, арча ва гиёҳҳои зиёд мерӯянд; аз ҳашароту ҳайвонот моҳӣ, мор, хирс, паланг, рӯбоҳ, қашқалдоқ, гавазн, ҷайра; аз парандаҳо кабк, мурғи ҳилол, бум, кабӯтар ва монанди инҳо зиндагӣ мекунанд.



***Дар расм: Мамнуъгоҳи "Бешаи палангон"***

1. Мамнуъгоҳҳои Тоҷикистонро номбар кунед.
2. Дар бораи мамнуъгоҳҳои "Бешаи палангон" ва "Ромит" маълумот бидиҳед.
3. Парандагони саҳроию хонагӣ аз рӯйи кадом аломату хосияташон фарқ мекунанд? *Бинависед.*

*Имлои дунафарӣ.* Банди охири “Мамнуъгоҳи Бешаи палангон”-ро бинависед.

## ЧОРМАҒЗ

Чормағз аз қадим дар рӯзгори мардум васеъ истифода мешавад. На фақат мева, балки баргу пӯстлох, чӯб ва решааш ҳам ба кор меравад. Масалан, аз пӯсту барги дарахти чормағз ранг тайёр мекунанд. Равғани чормағз дар санъати тасвирӣ истифода мешавад. Ранге, ки дар таркибаш равғани чормағз дорад, вайрон намешавад.

Чормағзҳое, ки сермағзанду пӯчоқи тунук доранд, бо роҳи пайванд ба вуҷуд омадаанд.

Аз барг, пӯст, чӯби дарахти чормағз чиҳо тайёр мекунанд?

Аз матн ҷумлаи охирро бинависед. Ба воситаи саволҳо алоқаи калимаҳоро дар ҷумла муайян кунед.

## 102. ХАЙБАР

Хайбар саги ҳушёр буда, дар андак вақт ҳамаи гуфтаҳои моро фаҳманда ва вазифаи асосии худро донанда шуда монд. Ӯ фаҳмид, ки хавфи асосӣ* дар ин хонадон барои мурғон аз тарафи шағолон аст. Бинобар ин вай ҳамеша дарахтонеро, ки дар онҳо мурғон мехобиданд, дидбонӣ* мекард.

Айёми баҳорон буд, зардолуҳо ба шукуфтан сар карда буданд. Саг ҳам қариб яксола шуда буд. Як саҳар падарам барои намози бомдод ба масҷид рафт. Ман бедор будам. Ногаҳон овози «қоқ» гуфтани мурғонро шунидам, дар паси ин овоз садои аз болои бом ба замин афтодани як чизи вазнин шунида шуд.

Ман дарҳол аз ҷо хеста, ҷомаамро пӯшида, аз хона

баромадам ва Хайбарро садо кардам. Ҷавоб надод. Ба зери дарахтон рафта, мурғонро аз назар гузаронидам. Як мурғ набуд. Маълум шуд, ки мурғро шағол бурдааст.

Ман ба сӯйи дарича рафта, аз он ҷо ба тарафи ёбон баромадам. Акнун рӯз ба дамидан сар карда буд ва ҳар чиз ба назар, аз дур ҳам бошад, равшан менамуд. Ман тахминан дусад метр дуртар аз худ Хайбарро дидам, ки рӯ ба тарафи ҳавлӣ истодааст ва ӯ ҳам маро дида, овози махсусе баровարда, гӯё маро ба пеши худ ҷеғ мезад. Дар ҷавоб ман ҳам ӯро ном гирифта, ба пеши худ ҷеғ задам.



Вай як чизро аз замин ба даҳони худ бардошта пештар омадан гирифт. Баъд аз тай кардани нимаи роҳ, он чизро ба замин гузошт ва пас гашта, дунболи худро бодиққат аз назар гузаронд, баъд аз он ба тарафи ман давон омад. Саг ба ман расида, аз доманам газид ва маро пеш кашид. Бо овози махсус садо баровард ва домани маро сар дода, худ боз ба ҳамон чобукӣ ба пеши он чизе, ки дар замин гузошта буд, рафта истод.

Ман пай бурдам, ки саг мурғро аз чанголи шағол раҳондааст, аммо худ бардошта оварданро барои ҳаёти вай хавфнок мепиндорад. Бинобар ин маро даъват мекунад, ки рафта, мурғро гирифта оварам.

Ман ба пеши саг рафтам, дар ҳақиқат, мурғ дар замин мехобид ва зинда буд. Вайро бардоштам, дар тахтапушташ, дар шикамаш ва дар бозуяш андак-андак захми дандони шағол менамуд.

Ман мурғро ба хона овардам, пеш-пеши ман Хайбар бозикунон ва шодикунон медавид. Вақте ки ба пеши модарам

расидем, Хайбар ба замин ғел зада, гӯё ҳам ба гуноҳи худ узр мегуфт*, ҳам барои мурғро халос карда тавонистанаш изҳори шодмонӣ мекард*.

*Садриддин Айнӣ*

**хавф** – хатар
**дидбонӣ** – посбонӣ
**узр мегуфт** – бахшиш мепурсид
**изҳори шодмонӣ мекард** – хурсанд будани худро нишон медод

1. Симоҳои асосии матнро номбар карда метавонед?
2. Саг чӣ ном дошт?
3. Вазифаи асосии вай аз чӣ иборат буд?
4. Рӯзе чӣ воқеа рух дод?
5. Саг чаро мурғро наовард?
6. Барои чӣ Хайбар ба замин ғел мезад?
7. Воқеа кай ва дар куҷо рух дод?
8. Фикри асосии матн аз чӣ иборат аст?

1. Агар саг дошта бошед, дар бораи саги худ ҳикоя кунед.

2. Ба ҷойи нуктаҳо аз матн калимаҳои мувофиқро ёфта бинависед.

Хайбар фаҳмид, ки .... асосӣ аз тарафи шағолон аст.
Вай ҳамеша дарахтонро ...... мекард.
Ман пай бурдам, ки саг мурғро аз ..... шағол раҳонида-аст.
Хайбар …… ва ……. медавид.

3. Айёми баҳорон буд, зардолуҳо ба шукуфтан сар карда буданд. Айёми баҳорон боз чиҳо... (Бинависед...)

4. Саг мурғро аз чанголи шағол раҳонидааст, аммо бардошта овардaнро барои худ хавфнок мепиндорад. Боз чиҳо барои ҳаёт хавфноканд? *Бинависед.*

**Намуна.** *Сӯхтор барои одамон хавфнок аст.*

Дар бораи ҳайвон (**гурба, саг, харгӯш, кабк, тӯтӣ**)-и дӯстдоштаи худ иншои хурд бинависед.

## 103. КЕНГУРУИ ДАЙДУ

(Афсона)

**I**

Дар Дӯлоназор ном марғзоре* Кенгуруе мезист, ки соҳиби бача буд. Ин Кенгуру хонарӯбиву хӯрокпазӣ, дегу табақшӯӣ ва қабули меҳмонро бад медид. Аммо бе даъват ба меҳмонӣ рафтан, зиёфати тайёр хӯрданро аз ҷону дил дӯст медошт…

Субҳе ӯ назди оина нишаста, худро орою торо дода гуфт:

– Уф-ф! Дар ин хона мурғи дилам аз зиқӣ мемирад. Кори рӯзгор тамомшавӣ надорад. Ман рафтам ба меҳмонӣ….

Бачаи Кенгуру ҳам мисли худаш шавқи ҷойгардӣ дошт. Вай шодикунон ба халтаи модараш даромад. Кенгуру дар халтааш бача, ниҳоят, ба манзили Хурӯси куланг расид.

Азбаски ҳавлии нави Хурӯс ҳанӯз дарвоза надошт, Кенгуру бе пӯшт-пӯшт ба ҳавлӣ даромад. Хурӯс ба сар хаскулоҳ пӯшида, замин побел мекард. Баногоҳ, дар рӯ ба рӯяш Кенгуру пайдо шуд.

– Салом, – гуфт Кенгуру хандону шукуфон. – Дар хона аз зиқӣ қариб, ки мемурдам. Гуфтам, аз ҳолатон хабар бигирам.

– Хуб кардед, ки омадед. Хуш омадед, – гуфт ноилоҷ Хурӯс, – марҳамат, ба хона дароед.

Мокиёнҳо бо ишораи Хурӯс давида, рӯйи миз дастархон густурданд* ва ҳар чизи хушмазае, ки дар яхдон доштанд,

«Меҳмон – атои Худо» гуфта, ба рӯйи дастархон гузоштанд. Кенгуру ва бачаи баднафсаш табақчаҳои нону панир, равғану ҳасибро пок-покиза лесида, бегоҳӣ хонаи Хурӯсро тарк карданд.

– Қуд-қуд! Чӣ меҳмонҳои пурхӯри беадаб, ҳама чизро хӯрдаанд, – ғур-ғур карданд мокиёнҳо.

Аз байн се рӯз гузашт. Кенгуруи дайдуро боз хумори ҷойгардӣ гирифт. Рӯзи чорум вақти пешин боз Кенгуруи дар халтааш бача аз паси девори чӯбини Хурӯс намоён шуд. Кенгуру бешармона гуфт:

– Дар хона диққи нафас шудам, дилам хост, ки ба хонаи шумо як сар халонам.

Аз дидани «меҳмонҳои нохонда» дили Хурӯс ва мокиёнҳои вай сип-сиёҳ шуд. Вале бо табассуми зӯракӣ «дандон ба дандон монда», онҳоро боз меҳмондорӣ карданд.

**марғзор** – сабзазор, алафзор
**густурданд** – паҳн карданд





1. Нависанда дар симои Кенгуру киҳоро дар назар дорад?

2. Кенгуру чӣ хел одат дошт?

3. Вай чаро ба хонаи Хурӯс рафт?

4. Кенгуру кори хуб кард, ки бачаашро ба меҳмонӣ бурд?

5. Хурӯс вайро чӣ тавр меҳмондорӣ кард?

6. Оё Хурӯс аз омадани меҳмон хурсанд буд? Барои чӣ?



Мазмуни ин қисми матнро муфассал ва мухтасар нақл кунед.



Дар нақши Кенгуру ва Хурӯс бозӣ кунед.




«Суханони симоро ёб!»



Ба ҷойи нуқтаҳо аз матн калимаҳои мувофиқро ёфта, бинависед.

Дар .... ном марғзоре Кенгуруе мезист, ки соҳиби бача буд. Мокиёнҳо бо ишораи Хурӯс ...... рӯйи миз дастархон густурданд Аз дидани меҳмонҳои нохонда «дили Хурӯс ва мокиёнҳои вай ..... шуд.



1. “Адаб аз кӣ омӯхтӣ?”

Кенгуру хонарӯбиву хӯрокпазӣ, дегу табақшӯйӣ ва қабули меҳмонро бад медид. Шумо чиро бад мебинед? Бинависед.

***Намуна.*** *Ман дурӯғгӯйиро бад мебинам.*

2. “Адаб аз кӣ омӯхтӣ?”

Кенгуру ба меҳмонӣ рафтан, зиёфати тайёр хӯрданро аз ҷону дил дӯст медошт. Шумо чиро дӯст медоред? *Бинависед.*

***Намуна.*** *Ман қабули меҳмононро дӯст медорам.*

3. Бихонед, бинависед, шарҳ бидиҳед.

А. *Бар хонаи дӯсти худ бисёр марав,*
*Ҳарчанд азизӣ, оқибат хор шавӣ.*

Б. *Ба ҷое, ки даъват нашудаӣ, марав.*

В. *Соле як бор биёӣ, султони манӣ;*
*Моҳе як бор биёӣ, меҳмони манӣ;*
*Агар ҳар рӯз биёӣ – балои ҷони манӣ.*

4. Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб тартиб бидиҳед ва бинависед.

***Намуна:***

– Эй Кенгуру, шумо дар куҷо зиндагӣ мекунед?
– Ман дар Дӯлоназор ном марғзоре зиндагӣ мекунам.
– Ватани аслии шумо куҷост?
– Ватани аслии ман Австралия аст.

## 104. КЕНГУРУИ ДАЙДУ

### II

Баъди гусели “меҳмонҳои нохонда” Хурӯс рӯйи кундае нишаста, аз ин Кенгуруи тайёрхӯр илоҷи халосӣ ҷуст. Хурӯс хаскулоҳашро рӯйи зону гузошт, хеле андешид ва, ниҳоят, ба аҳли оилааш бо хурсандӣ эълон кард:

– Бачаҳо ва хонумҳои азиз! Фардо субҳи барвақт ҳама ба меҳмонӣ меравем.

– Ба хонаи кӣ меравем? – шодон пурсиданд чӯҷаҳо.

– Ба хонаи Кенгуру меравем ва чунон рафтор мекунем, ки вай дигар дар хонаи худ дилгир нашавад ва орзуи хонаи дигарон накунад.

Рӯзи дигар соати чори субҳ Кенгуруро садои баланди так-

тақи дарвоза аз хоби ширин бедор кард.

– Кист? Хайру хайрият аст? – тарсида аз ҷой бархост Кенгуру. – Субҳ надамида, дари моро кӣ мекӯбад?

Кенгуру чун дарвозаро кушод, дар рӯ ба рӯ Хурӯси кулангро бо дувоздаҳ мокиён ва чилу ду чӯҷааш дида, аз ҳайрат дар ҷояш шах шуд ва беихтиёр гуфт:

– Ин қадар барвақт омадед? Бачаҳоям ҳанӯз хобанд.

– Боке нест, вазифаи ман бедор кардани ҷонварон аст, – гуфт Хурӯс ва «Қу-қу-қу-у!»-гуфта, фарёд зад.

Кенгуру ҳанӯз ба худ наомада, дувоздаҳ мокиёну чилу ду чӯҷа ҳамроҳи Хурӯс вориди ҳавлӣ шуданд.

Мокиёнҳо аввал ба полез даромада, ба ҳандалаю тарбузчаҳо аз як сар минқор заданд ва бе таоруфи* соҳибхона ба зиёфатхӯрӣ шурӯъ карданд. Ба чӯҷаҳо палчаҳои сабзу хушбӯйи гашнизу шибит хуш омада буд, ки онҳоро поймол карда, бо иштиҳо мехӯрданд.

Хурӯс чун дид, ки ангури соҳибхона ранг овардаст, барқасд парида болои хавозаи ток баромада, беҳтарин донаҳои сиёҳи ангурро канда, ба пеши чӯҷаҳояш партофтан гирифт. Кенгуру аз ин рафтори меҳмонҳо ба ғазаб омада, гирди онҳо мегашт ва мегуфт:

– Меҳмонони азиз! Харбузаву тарбуз ҳанӯз хом аст, ангур ҳам шира нагирифтааст. Нахӯред, ки шикамдард мешавед.

– Қут-қут-қут, хеле-хеле хушмаза аст, – ҷавоб доданд мокиёнҳои доно ва хӯрданро идома доданд.

Он рӯз то пешин дар полез ва боғчаи Кенгуру на харбузаву тарбузи солим монд ва на ангуру гашниз.

Вақти гусели меҳмонҳо Кенгуру ҳолате дошт, бадтар аз гиря. Намедонист, ба онҳо «Боз биёед,» – бигӯяд ё «Дигар наоед».

Баъди ин меҳмонӣ Кенгуру дигар асло ба хонаи Хурӯс

нарафт. Зеро вай метарсид, ки агар бори дигар Хурӯс бо аҳли байташ* биёяд, аз тамоми нозу неъмати ҳавлияш маҳрум мегардад*.

Аз ҳамон рӯз Кенгуру фаҳмид, ки «меҳмони нохонда» шудан малоловар* ва хеле зишт будааст. Вай одати бади худ – вақту новақт хонаи дигарон рафтанро тарк кард*.

**таоруф** – бе таклиф, бе даъват
**аҳли байт** – хонавода
**маҳрум мегардад** – бенасиб мемонад
**малоловар** – дилгиркунанда; озордиҳӣ
**тарк кард** – бас кард



1. Чаро Хурӯс ба хонаи Кенгуру омад?
2. Оё вай бо нияти меҳмонӣ омад ё бо нияти дигар?
3. Хурӯс соати чанд ба меҳмонӣ омад?
4. Оё субҳи барвақт ба меҳмонӣ омадан хуб аст? Барои чӣ?
5. Кенгуру Хурӯсу аҳли байташро чӣ гуна меҳмондорӣ кард?
6. Барои чӣ Хурӯс мунтазир нашуд, ки Кенгуру дастархон паҳн кунад?
7. Ба фикри шумо, Кенгуру дастархон паҳн мекард? Барои чӣ?
8. Хурӯс, мокиён ва чӯҷаҳо дар хонаи Кенгуру чӣ кор карданд?
9. Оё Хурӯс ва мокиёну чӯҷаҳо кори хуб карданд? Барои чӣ?
10. Агар ҳамон лаҳза дар он ҷо мебудед, чӣ кор мекардед?
11. Воқеаи асосӣ дар куҷо рух дод? Дар хонаи Хурӯс ё Кенгуру?
12. Агар ба ҷойи Кенгуру мебудед, чӣ кор мекардед?

13.Агар ба ҷойи Хурӯс мебудед-чӣ?

14.Агар Шумо мебудед, Хурӯсро чӣ тавр тасаллӣ медодед? Кенгуруро-чӣ?

15.Оё чунин шахсонро дар замони мо вохӯрдан мумкин аст?

16.Ба фикри шумо, кадоме бештар айбдор аст? Барои чӣ?

17.Нофаҳмии байни онҳоро пешгирӣ кардан мумкин буд? Чӣ тарз?

18. Оё метавонед онҳоро оштӣ кунонед? Чӣ тавр?

Мазмуни афсонаро нақл кунед.



Дар нақши Кенгуру ва Хурӯс бозӣ кунед. Ба оҳанги гуфтори онҳо риоя кунед.

1. Расми Кенгуру ва Хурӯсро тасвир кунед.

2. Шумо кадом қисми афсонаро тағйир додан мехостед? Чӣ тарз? Ҳикоя кунед.

3. Аз рӯйи мазмуни афсона китобча тартиб бидиҳед.

4. Кенгуру аз ҳайрат дар ҷояш шах шуд.

Боз дар кадом мавридҳо ин тавр мегӯянд. *Бинависед.*

***Намуна.*** *Аз ҳаяҷон дар ҷояш шах шуд.*

5. *“Харбузаву тарбуз ҳанӯз хом аст, ангур ҳам шира нагирифтааст. Нахӯред, ки шикамдард мешавед»* – мегӯяд Кенгуру. Боз чӣ одамро шикамдард мекунад? *Бинависед.*

***Намуна.*** *Бо дасти ношуста хӯрок хӯрдан одамро шикамдард мекунад.*

6. *“Кенгуру фаҳмид, ки «меҳмони нохонда» шудан кори бад будааст.”* Боз кадом корҳо бад мешаванд? *Бинависед.*

7. Дарси имрӯзаро бо хонавода муҳокима кунед. Қоидаҳои ба меҳмонӣ рафтанро ҳамроҳ тартиб бидиҳед.

**1. Дар кадом қатор калимаҳо дуруст навишта шудаанд?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред).*

А. хӯрӯс, хӯшбӯй, кенугуру, мокиён

Б. хурӯс, хушбӯй, кенгуру, мокиён

В. хурус, хушбуй, кенугру, мӯкиён

Г. хӯрус, хӯшбуй, кенгру, мукиён

**2. Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред).*

А. Кенгуру бо бачаҳояш

Б. Хурӯс бо аҳли байташ

В. Кенгуру ва Хурӯс

Г. Кенгуру ва Хурӯс

**3. Воқеаи асосӣ дар куҷо рӯй дод?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро дар доира гиред).*

А. дар хонаи Хурӯс

Б. дар хонаи Кенгуру

В. дар марғзор

Г. дар ҳавлии Кенгуру

**4. Чаро Кенгуру ба меҳмонӣ рафтанро бас кард?** *(Ҳарфи ҷавоби нодурустро дар доира гиред).*

А. Кенгуру тарсид, ки дигар Хурӯс вайро хуб меҳмондорӣ намекунад.

Б. Кенгуру фаҳмид, ки “меҳмони нохонда” шудан малоловар ва хеле зишт будааст.

В. Кенгуру тарсид, ки агар бори дигар Хурӯс биёяд, аз ҳама чӣ маҳрум мегардад.

Г. Кенгуру фаҳмид, ки ҳеҷ гоҳ ба Хурӯс баробар шуда наметавонад.

**5. Пайдарҳамии дурусти мазмуни матнро муайян кунед.** *(Дар сутуни якум рақамҳои мувофиқ гузоред).*

| | |
|---|---|
| | Хурӯс ба хонаи Кенгуру омад. |
| | Хурӯс аз меҳмонии Кенгуру безор шуд. |
| | Кенгуру ба хонаи Хурӯс рафт. |
| | Кенгуру фаҳмид, ки бе даъват ба меҳмонӣ рафтан хуб набудааст. |
| | Хурӯс тамоми полези Кенгуруро несту нобуд кард. |

**6. Калимаҳои сутуни якумро ба шарҳашон мувофиқ гузоред.** *(Бо пайкон ишора кунед).*

| | |
|---|---|
| густурданд | алафзор, сабзазор |
| марғзор | нӯл |
| минқор | паҳн карданд |

**7. Фикри асосии матн дар кадом қатор ифода ёфтааст?** *(Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред).*

А. Одати бадро фаромӯш кунед.
Б. Бе даъват ба меҳмонӣ наравед.
В. Қасдро аз меҳмонон бигиред.
Г. Бе даъват ба меҳмонӣ биравед.

## 105. СУЛҲ

Хонаи умеди дунё кишварам,
Кишвари паҳновару бахтоварам,
З-ин саодат сар ба гардунҳо* барам,
Ҳофизи озодии баҳру барам.

Месароям сулҳро дар сози сулҳ,
То шавад дунё пур аз овози сулҳ.

Сулҳ чун хуршеди тобон ҳар саҳар,
Мешавад аз кишвари ман ҷилвагар.

Ҷумла оламро диҳад ӯ зебу фар*,
Нур пошад бар сари навъи башар*.

Месароям сулҳро дар сози сулҳ,
То шавад дунё пур аз овози сулҳ.

Баҳри олам сулҳ даркор аст, сулҳ,
Насли одамро нигаҳдор аст сулҳ,
Чун шифои ҷони бемор аст сулҳ,
Модаронро бахти бедор аст сулҳ.

Месароям сулҳро дар сози сулҳ,
То шавад дунё пур аз овози сулҳ.

*Боқӣ Раҳимзода*

**гардун** – осмон, фалак
**зебу фар** – зебу зинат
**навъи башар** – одамизод

1. Кадом паранда рамзи сулҳ аст?
2. Дар бораи сулҳ кадом шеърҳоро медонед?

Шеърро гурӯҳӣ ботантана бисароед.

1. Шаш мисраи охирро бинависед. Аз шаш мисраи навиштаатон мисраи дуюмашро бифаҳмонед. Ҷойи калимаҳои **насл** ва **сулҳ**ро иваз карда бихонед. Маънои мисраи шеър фаҳмост?

2. Калимаи муқобилмаънои **сулҳ**ро номбар кунед.

3. Матни зеринро бинависед. Ба воситаи саволҳо алоқаи калимаҳоро дар ҷумлаи дуюм муайян кунед.

Сулҳ боиси табассуми кӯдакон ва шодии модарони рӯйи замин мегардад. Сулҳ ба монанди Офтоби тобон оламро зебу зинат медиҳад. Сулҳ нигаҳдорандаи насли одам аст.



*Имлои дунафарӣ.*

- Як банди шеърро бонавбат ба ҳамдигар хонед ва бинависед.
- Дафтарҳои худро иваз кунед. Дурустии навиштаҳои ҳамдигарро санҷед.



Панди Абулқосим Лоҳутиро нависед ва шарҳ бидиҳед.

Сулҳ дар ҳама дунё лашкар дорад,
Ҷанг ба ҳама дунё хатар дорад.

## 106. ОМӮЗГОРИ САРБОЗ



Абдуллоро ба сафи Қувваҳои мусаллаҳ ба хизмат даъват карданд. Хизмат ба анҷом нарасида, Ҷанги Бузурги Ватанӣ сар шуд. Абдуллоро барои ҳимояи Ватани азизаш ба ҷанг фиристоданд. Қисми ҳарбии онҳо барои мудофиаи шаҳри Одесса равона шуд.

Дар майдони ҷанг Абдулло Алӣ дар Венгрия ва Чехословакия комёбиҳо нишон дода, барои ин бо чанд ифтихорнома ва мукофоту медалҳо қадр карда шудааст.

– Ҳаво тафсон буд, – ба нақли қиссаҳои ҷангиаш оғоз кард Абдулло Алӣ. – Беҳад ташна мондаму бо иҷозати сардор сӯйи чоҳи об равон шудам. Дар роҳ аз болои сарам тир меборид. Хушбахтона, гаваккашон дусад метрро тай намуда, сиҳату саломат ба найзор расидам. Серӣ об нӯшидаму каме дам гирифтам. Зарферо, ки бо худ доштам, пури об карда, ба истеҳком омадам ва дидам, ки гулӯлаборон камингоҳамонро ба хок яксон кардааст. Он рӯз бо амри тақдир ман гӯё дубора таваллуд шудам...

Абдулло Алӣ аз собиқадорони маорифи халқ буд, ки умри бобаракаташро сарфи таълиму тарбияи насли наврас гардонд. Ӯ ҳазорон шогирдро забонҳои тоҷикию хориҷӣ ва ақлу маърифат омӯзондааст.

Халқ номи Абдуллоро ба некӣ ёд мекунад ва хотираашро пос медорад. Ҳоло нахустин гимназияи шаҳри Норак ба номи Абдулло Алӣ гузошта шудааст.

1. Аз лаҳзаҳои фаъолияти ҷангии сарбоз ҷумлаҳои якум, чорум, панҷум, понздаҳумро бинависед. Оё ин ҷумлаҳо нутқи пайдарҳамро ташкил медиҳанд? Барои чӣ?
2. Дар ҷумлаи чорум сухан дар бораи кӣ меравад?
3. Дар бораи Абдулло Алӣ чӣ гуфта шудааст?
4. Дар ҷумдаи понздаҳум чӣ гуфта шудааст?

Ба ҷойи савол калимаҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро бинависед.

- *Дар кӯчаҳо байрақҳои (*чӣ хел?*) медурахшанд.*
- *Карим (*аз куҷо?*) омад.*
- *Падарам (*барои кӣ?*) китобу дафтар овард.*
- *Фирӯза (*чиро?*) дӯст медорад.*

Мувофиқи тартиби рақамҳо калимаҳо созед. Бо ҳар як калима ҷумла нависед.

| 1 | 4 | 3 | 2 |
|---|---|---|---|
| О | Д | А | М |

| 5 | 2 | 3 | 4 | 1 |
|---|---|---|---|---|
| Д | А | В | И | Д |

| 3 | 4 | 5 | 6 | 2 | 1 |
|---|---|---|---|---|---|
| Р | А | Ф | Т | Е | М |

| 1 | 2 | 3 | 6 | 5 | 4 |
|---|---|---|---|---|---|
| Х | А | Н | Д | И | Д |

| 1 | 2 | 7 | 6 | 5 | 4 | 3 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| М | Е | Д | А | В | А | Д |

Банди охири матни “Омӯзгори сарбоз”-ро нависед. Ба феълҳо савол гузоред.

# 107. ШОДИИ МОДАР

Рӯзи 9-уми майи соли якҳазору нуҳсаду чилу панҷум раиси деҳаи Тутқавул бо холаи Саидмоҳ вохӯрда гуфт:

– Холаҷон, шуморо бо рӯзи зафар табрик мекунам! Ҷанг тамом шуд!

Холаи Саидмоҳ бо ҳаяҷон гуфт:

– Наход, ҷанг тамом шуда бошад? Кошкӣ!

Ҳамин вақт хурду калони деҳа дар назди радио ҷамъ шуданд. Онҳо ин хабари хушро бо гӯши худ шунида, мерақсиданд, якдигарро табрик мекарданд...

Раиси деҳа мактуби ба модараш навиштаи сарбози Ватан – Абдуллоро ба ҳозирон бо овози баланд хонд: «...Ин қадар хомӯшии ман аз он буд, ки дар вақти ҷанг имконияти хату хабар кардан надоштам. Модарҷон, мо зафар кардем ва рӯзҳои наздик ба наздатон бармегардам. Бо салом, писаратон – Абдулло».

Холаи Саидмоҳ зинда будани писарашро шунида, ашки шодӣ мерехт ва мегуфт:

– Писарам, Абдуллоҷон, куҷоӣ? Чӣ ҳол дорӣ?...

Ҳама холаи Саидмоҳро муборакбод мекарданд.

1. Рузи 9-уми май кадом ид ҷашн гирифта мешавад?
2. Раиси деҳа ба холаи Саидмоҳ чӣ хабари хуш расонд?

1. Саволҳои холаи Саидмоҳро аз матн бинависед.
2. Мактуби ба модараш навиштаи Абдуллоро бо овози баланд бихонед ва рӯйнавис кунед.
3. Ба бародар ё хешонатон, ки дар хизмати Ватан мебошанд, мактуб бинависед.

## ТИРУКАМОН

Бихоҳам, осмон монад ба одам,
Замини гулфишон монад ба одам.
Бихоҳам, аз ҳама тиру камонҳо
Фақат тирукамон монад ба одам.

*Гулназар*

1. *Шоир чӣ мехоҳад?*
2. *Бигӯед, ки* ***тиру камон*** *аз* ***тирукамон*** *чӣ фарқ дорад?*
3. *Шеърро аз ёд кунед.*

## 108. ДАВЛАТ ЧИСТ?

Як марди бадавлат буд. Ӯ се писар дошт.

Рӯзе як ҳамсоя ба дигаре гуфт:

– Ҳамсоя, мо ҳам мисли ҳамин ҳамсояамон заҳмат мекашем, кор мекунем, вале аз чӣ сабаб бошад, ки ӯ бадавлат асту мо не.

– Инро аз худи Давлат пурсидан лозим, гуфт ҳамсоя.

Ҳамсояҳо Давлатро пеши худ даъват карда, ба ӯ гуфтанд:

– Сабаб чист, ки ту ба ҳамсояи мо дӯст ҳастиву ба мо не?

Давлат гуфт:

– Шумо мехоҳед инро бидонед?

Гуфтанд:

– Ҳа, мехоҳем.

Давлат гуфт:

– Ин тавр бошад, ман аз хонадони ин марди бадавлат меравам, бубинед, чӣ мешавад. Баъд Давлат ба бой гуфт, ки мехоҳад хонадони ӯро тарк кунад.

Бой ҳар се писарашро ба назди худ даъват намуда, ба ҳар яки онҳо алоҳида-алоҳида маслиҳат кард. Ӯ аввал аз писари калонӣ пурсид:

– Писарам, Давлат мехоҳад аз хонадони мо биравад. Ту ба ин чӣ мегӯйӣ?

Писари калонӣ гуфт:

– Рафтанӣ бошад, биравад. Ба мо Давлат не, Тифоқӣ даркор.

Баъди ин бой ҳамон матлабро аз писари миёна пурсид. Писари миёна ҳам гапи писари калониро гуфт. Бой аз писари хурдӣ пурсид:

– Писарам, Давлат мехоҳад аз хонадони мо биравад. Ту ба ин чӣ мегӯйӣ?

Писари хурдӣ гуфт:

– Давлат равад, бираваду тифоқӣ наравад. Мо тифоқ зиндагӣ кунем, Давлат ҳеҷ куҷо намеравад.

Баъди ин падар ба пеши Давлат рафту ҷавоби писаронашро расонд. Давлат гуфт:

– Ҷойи ман хонадонест, ки он ҷо тифоқӣ бошад.

Ҳамсояҳо ин гапро шунида гуфтанд:

– Давлат тифоқӣ, дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ будааст.



1. Ҳамсояҳо дар бораи чӣ гуфтугӯ карданд?
2. Онҳо аз Давлат чиро пурсиданд?
3. Давлат барои исбот кардани давлатмандӣ кадом тадбирро ба кор бурд?
4. Давлат чӣ будааст?



Матнро аз рӯйи нақшҳо хонед.



*Имлои дунафарӣ*

- Се ҷумлаи аввали матнро бонавбат ба ҳамдигар бихонед ва бинависед.
- Дафтарҳои худро иваз кунед. Дурустии навиштаҳои ҳамдигарро бисанҷед.
- Агар ғалатҳо бошанд, фаҳмонда ислоҳ кунед.

# 109. САВДОГАР ВА ТӮТӢ



1.Аз рӯйи мазмуни расмҳо ҳикоя тартиб бидиҳед.
2. Матнро хонед ва мазмуни онро бо мазмуни расмҳо мувофиқ кунед.

Замоне дар як шаҳр савдогаре буд. Вай тӯтие дошт. Ҳар дафъа, ки ошноҳояш ба хонаи ӯ меомаданд, савдогар онҳоро ба назди қафаси тӯтии худ мебурд ва таъриф мекард. Аммо тӯтии хушилҳом дар қафаси танг ғамгин буд.

Боре савдогар ба шаҳри дигар барои хариду фурӯш рафтанӣ шуда, аз тӯтӣ пурсид, ки ин бор барои ӯ чӣ савғотӣ биёрад.

– Соҳиби меҳрубон, – гуфт тӯтӣ, – ман савғотӣ намехоҳам. Танҳо илтимосе дорам. Дар вақти сафар аз роҳ чашмае мебарояд. Дар назди он селаи тӯтиҳоро мебинед. Ба яке аз онҳо саломи маро расонида, дар бораи зиндагии ман ба ӯ нақл кунед, суханонашро ба ман савғо биёред.

Савдогар ба роҳ баромад. Пас аз чанд рӯз ба маҳалле расид, дар онҷо тӯтиҳо зиндагӣ мекарданд. Савдогар ба яке аз тӯтиҳо саломи тӯтиашро расонда, дар бораи зиндагии вай ҳикоя кард. Он тӯтӣ ҳикояи марди савдогарро шунида, ҷон дод.

Савдогар пас аз хариду фурӯши мол ба ватан баргашт. Тӯтӣ

даррав аз ӯ савғотӣ пурсон шуд. Мард мушоҳидаҳояшро нақл кард.

Дар ҳамин асно тӯтӣ дар қафас якбора сар ба зер афтод. Савдогар аз ин тавр сурат гирифтани кор ҳайрону ғамгин шуда, тӯтиро ба болои бом партофт. Тӯтии «мурда» якбора ҷон дароварда, парида рафт.

*(Мазмун аз Ҷалолиддини Балхӣ)*

## МУАММО



1. Муамморо хонед ва ҷавобашро ёбед.

Подшоҳе як рӯз ба сафар баромаданӣ мешавад. Яке аз посбонҳои хазинаи дарбор назди подшоҳ омада мегӯяд:

– Шоҳам, имрӯз сафар накунед. Ман имшаб хобе дидам, ки тӯфони сахте хеста, киштиро ғарқ мекунад.

Подшоҳ ин хабарро шунида, ба сафар намебарояд. Дар ҳақиқат, ҳамон рӯз тӯфони сахт шуд. Подшоҳ аз ин пешгӯйии посбон дар андеша афтод. Баъд аз фурсате ӯ посбонро назди худ даъват карда, ба ӯ як сандуқ зарру зевар дод. Сипас ӯро аз дарбораш ронд (пеш кард).



1.Барои чӣ подшоҳ ин тавр рафтор кард?

2. Агар шумо ҷавобашро наёфта бошед, ғамгин нашавед. Дар поён ҷавоби он омадааст. Фақат шумо бояд ҳудуди калима ва ҷумлаҳоро муайян карда бинависед, баъд бихонед:

Подшоҳ ба посбон барои он зарру зевар дод ки ӯ тӯфонро пешгӯйӣ карда бо ҳамин роҳ подшоҳро аз фалокат наҷот дод. Шоҳ ӯро барои он аз дарбораш пеш кард ки вай посбон буд ва набояд хоб мерафт подшоҳ фикр кард ки агар ӯро пеш накунад ӯ боз хоб меравад ва хазинаро дуздон метавонанд бибаранд.

## 110. ТОБИСТОН

Китоби дарсиям, маъзур* медор,
Туро дар кунҷи хона мондам имрӯз.
Ту ҳам дам гиру ман ҳам баҳра гирам,
Зи файзи фасли тобистони фирӯз.

Тамоми сол будӣ ҳамраҳи ман,
Ба мисли дӯстони ғамгусоре.
Ба ман омад ҳар гоҳ мушкилӣ пеш,
Шитобидӣ ҳамеша баҳри ёрӣ.

Бихондам сатрҳоят ҳарф бар ҳарф,
Ба чашмам рӯйи оламро кушодӣ.
Агар ман хом будам, пухта карда,
Калиди илм бар дастам бидодӣ…

Китоби дарсиям, маъзур медор,
Ки ман бояд китоби нав бихонам.
Кунун гаштам калон аз ту ба як сол,
Туро бар додарони худ бимонам.

*Мавҷуда Ҳакимова*

**маъзур** – узр, бахшиш

1. Бигӯед, ки хонанда ба китоби дарсияш чиҳо мегӯяд.
2. Аз рӯйи ҳар як банди шеър 2-3-ҷумлагӣ бинависед.

## 111. ТАЪТИЛИ ТОБИСТОНА

Тобистони кишвари мо зебост. Шумо, шогирдони азиз, як соли таҳсил илму дониш омӯхтед, ҳунар ёд гирифтед, тасвир кардед, суруд хондед. Акнун вақти таътил омадааст. Шумо метавонед дар ин муддати се моҳ дар

лаби дарёчаҳо дам гиред, дар корҳои хона ва саҳро ба падару модаратон ёрӣ расонед.







1. Аз рӯйи мазмуни расмҳо ба таври шифоҳӣ ҳикоя тартиб бидиҳед.

2. Бигӯед, ки таътили тобистонаро чӣ тавр гузарондanӣ ҳастед.

# МАТНҲО БАРОИ ХОНИШИ ИЛОВАГӢ

## 1. ГУЛГАРДОНӢ



Аз омадани Наврӯз, қабл аз ҳама, кӯдакон бо баргузории маросими “Гулгардонӣ” ба дигарон пайғом мерасонанд. Ин маросим як ҳафта қабл аз Наврӯз, яъне дар аввали даҳаи дуюми моҳи март аз сӯйи гурӯҳи кӯдакон, ки дар даст гулҳои сияҳгӯш, бойчечак доранд, иҷро мешавад. Кӯдакони гулгардон ба ҳар манзил наздик шуда, бо қироати шеър фарорасии фасли баҳорро ба соҳибони он хонадон шодбош мегӯянд. Соҳибхонаҳо гулро ба чашму абрувон молида, ба гулгардонҳо ба қадри ҳиммати худ чизе ҳадя мекунанд.

Гулгардонӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон бо номи Бойчечак, «Гули сияҳгӯш», «Баҳор омад», «Баҳори лолазор омад» ва ғайра машҳур аст. Ин сурудҳо баҳори хуррам, бедории табиат, равнақи кори деҳқон, шодмонӣ ва умеду орзуи мардумро акс мекунанд. Сурудҳо бо оҳанги фораму дилкаши халқӣ сароида мешаванд. Сарбайтхон дар даст гулдаста пеш-пеши гулгардонҳо сарбайт мехонад ва дигарон мисраъгардонро такрор мекунанд.

**Сарбайтхон:**
Гули сияҳгӯши қошгардон,
Табақ пур куну пас гардон,
Бидеҳ бар дасти гулгардон,

**Ҳама:**
Баҳори нав муборак бод!

ё:

**Сарбайтхон:**
Бойчечаку бойчечак,
Гули хушрӯйи химчак.

**Ҳама:**
Бойчечак, бойчечак.

**Сарбайтхон:**
Бӯйи баҳор бойчечак,
Муждаи кор бойчечак.

**Ҳама:**
Бойчечак, бойчечак.

## 2. ҶУФТБАРОРОН

То солҳои 1950-ум дар ноҳияю минтақаҳои Тоҷикистон деҳқонон то фарорасии ҷашни Наврӯз маросими “Ҷуфтбаророн” барпо мекарданд.

Рӯзи аввал деҳқонон дар хонае ҷамъ омада, хӯрокҳои баҳорӣ ва оши палав пухта мехӯрданд ва ба ҳаққи Бобои Деҳқон ва арвоҳи гузаштагон дуою фотиҳа мехонданд.

Сипас онҳо ба сари замин рафта, ба шохҳои барзаговҳо равғани зағир мемолиданд ва ба сару бадани говҳо орд мепошиданд, ки рамзи хайру баракат ва фаровонии ҳосилро ифода мекард. Рӯзи аввал каме шудгор мекарданду яке аз мӯйсафедони калонсолтарини деҳа ба тариқи рамзӣ ва муборакии кор чанд мушт гандум ба замин мепошид. Он рӯз бармегаштанду кори асосӣ аз рӯзи дуюм оғоз мешуд.

## 3. ХОНАБАРОРОН

Мардум як ҳафта пеш аз фарорасии Наврӯз кӯрпаву палосҳоро берун бароварда, хонаро рӯфтаю тоза мекунанд, кӯрпаҳою пардаҳоро мешӯянд ва ба онҳо хушбӯйӣ мезананд. Тамоми палосу кӯрпаву лавозимоти манзилашонро офтоб дода метаконанд. Девори хонаҳоро

сафед, тозаву озода мекунанд. Дегу зарфҳоро шуста тоза мекунанд, зеро хонаву дари тоза рамзи соли наву иқболи нав аст. Мардум бовар доранд, ки агар соли навро дар хонаи тозаву ороста пешвоз бигирӣ, ҳамон солро бо хушию хурсандӣ мегузаронӣ.

## 4. ЧАҲОРШАНБЕСУРӢ



Маросими «Чаҳоршанбеи охирин», ки онро «Чоршанбесурӣ» меноманд, дар рӯзи чоршанбеи охирини сол (мувофиқи тақвими эронии хуршедӣ) баргузор мешавад. Дар чорраҳае алав афрӯхта, хурду калон аз болояш меҷаҳиданд ва ба оташ муроҷиат карда мегуфтанд:

– Ранҷурию ранги зарди ман аз они ту, сурхию хуррамии ту аз они ман. Ин маросим аз анъанаҳои дерини мардуми мост. Мардум бо иҷрои ин амал бовар доштанд, ки дар соли нав тандуруст хоҳанд буд. Ба бовари онҳо, агар аз болои оташ ҷаҳида гузарӣ, гуноҳҳоят мерезанд.

## 5. СУМАНАКПАЗӢ



Суманак навъе аз хӯроки наврӯзӣ аст, ки аз сабзаи гандум пухта мешавад. Сабза рамзи эҳёи табиат ва зебоию осоиштагии ҳаёт ба шумор меравад. Тарзи таҳияи сабза ва пухтани суманак дар байни мардуми тоҷик чунин аст. Гандумро дар оби ҷӯй ё оби борон тар карда, 3 рӯз нигоҳ медоранд. Пас аз неш заданаш, онро гирифта дар табақи ҳамвор мегузоранд ва рӯяшро бо докаи тоза мепӯшонанд. Рӯзе, ки борон биборад, онро ба берун бароварда зери борон мегузоранд ва пас аз борон оби зиёдатиашро полида, боз дар хонае, ки каси бегона ба он ҷо надарояд, мегузоранд. Вақте ки гандум сабз шуд, бояд ҳеҷ кас онро набинад, зеро ки «пай» меафтад, яъне чашм мерасад.

Ё худ дар вақти пухтан кӯшиш мекунанд, ки ягон каси нопок ба сари дег наояд, зеро "пай" меғалтад ва суманак дар дег парак-парак садо мебарораду аз дег зарраҳои суманак берун мепаранд, ки рафта-рафта маҳсули дег кам мешавад. Дар гузаштаҳо одамон дар ин гуна ҳолат мегуфтанд, ки суманак дар дег намеистад, пай ғалтидааст, чашми кадом одами нопок расидааст. Ақидаи дигаре ҳам буд, ки ҳар касе аз дӯстон ё ҳамсоягон, агар дар вақти пухтан ба назди деги суманак биёяд, бояд то пухтани суманак, яъне то ба саҳар ҳамроҳи пазандаҳо бошад. Дар гузаштаҳо омадану рафтан иҷозат набуд.

Ҳоло дар рӯзи муайяни суманакпазӣ 3-4 нафар зани ҳамсоя бо машварат дар хонаи якеашон ҷамъ мешаванд. Бегоҳирӯзӣ сабзаҳои порашударо ба дег меандозанд, то чашми бегона набинад. Баъд ба таги дег оташ меафрӯзанд, бонавбат дегро бо кафча ё кафгир мекобанд. Пештар дар дег ҳафт адад сангча меандохтанд, ки рамзи бобаракат шуданро дошт.

Занҳои суманакпаз дар сари дег ва дар назди алав нишаста, афсонагӯйӣ, чистонёбӣ ва сурудхонӣ мекунанд.

Субҳ, вақте ки суманак тайёр мешавад, мардумро даъват мекунанд, рақсу бозӣ авҷ мегирад, духтарон арғунчаксаворӣ ва бачаҳо гӯштигирӣ мекунанд. Занону духтарон ҳам сурудхонӣ, рақсу бозӣ ва ҳазлу шӯхӣ мекунанд, зеро ақидае ҳаст, ки соли навро агар бо хурсандию шодмонӣ пешвоз бигирӣ, ҳамон сол зиндагӣ пурра ба хуррамию шодӣ хоҳад гузашт. Суруди маъруфи занҳои суманакпазро, ки ҳангоми пухтани ин ғизои рамзии Наврӯз бо дойранавозӣ ба тариқи умумӣ хонда мешавад, ин аст:

Суманак дар ҷӯш, мо кафча занем,
Дигарон дар хоб, мо дафча занем.
Суманак бӯйи баҳор аст,
Суманак авҷи барор аст,

Меваи шабзиндадор аст,
Иди Наврӯзӣ муборак!
Суманак дар ҷӯш, мо кафча занем,
Дигарон дар хоб, мо дафча занем.
Суманак ширини ёр аст,
Суманак аҷаб нигор аст,
Суманак зеби баҳор аст,
Иди Наврӯзӣ муборак!
Суманак дар ҷӯш, мо кафча занем,
Дигарон дар хоб, мо дафча занем.

**НАСИҲАТ**

Ҳар кӣ ғизои гарм хӯрад, ҳафт зарар бинад: фаромӯшхотирӣ, аз даҳон рафтани об, нотавонӣ, бад шудани ҳисси шунавоӣ, биноӣ, рангзардӣ, бебаракатии ғизо.

1. Ҳангоми сари дастархон нишастан матни «Насиҳат»-ро ба аҳли хонавода бо овози баланд бихонед.
2. Талаботи насиҳатро дар ҳаёт амалӣ кунед.

## 6. НИШОНАИ УМР

Бобои Ҳасан дар кӯҳу пуштаҳои беоб боғи зиёде бунёд кард, то ки барои фарзандон аз худ нишонае гузорад. Ба бобои Ҳасан аз талу теппаҳои зодгоҳаш – Сарикамар як миқдор замин ҷудо карданд. Ӯ кори хайрро аз шинонидани себҳои худрӯй оғоз кард. Боғи калоне бунёд шуд.

Боғбон бо усули пайвандкунӣ адади дарахтони мевадорро сол то сол зиёд кард. Ҳатто дар ниҳоли бодом шохчаи олуболу ва дар дӯлона навдаи мурӯдро кундапайванд карда, навъҳои хуби олуболу ва мурӯдро ба вуҷуд овардааст.

Бобои Ҳасан зиёда аз 40 сол машғули ниҳолшинонӣ буд. Ҳамдиёрон ӯро «Ҳасани пайвандгар» меномиданд.

*Ҳусейн Мирзоев*

1. Бобои Ҳасан бо кадом мақсад касби ниҳолпарвариро интихоб кард?

2. Барои ба вуҷуд овардани навъҳои беҳтарини меваҳо бобои Ҳасан аз кадом восита истифода мебурд?

3. Барои чӣ ба бобои Ҳасан тахаллуси “Пайвандгар” додаанд?

4. Шумо кадом навъҳои пайвандкуниро медонед ва ё дидаед?

5. Оё дар ҳавлии назди хона ё боғи мактабатон ниҳол шинонидаед?

6. Панди Ҷомиро чӣ тавр мефаҳмед?

*Шохи бемева кашад сар ба қиём,*
*Шохи пурмева шавад хам ба салом.*

7. Мазмуни панд кадом хислатҳои одамонро ифода мекунад?

## 7. МАКТАБ

Эй монда қадам ба роҳи мактаб,
Олист мақому ҷоҳи* мактаб.
Мактаб сабаби ҳаёт бошад,
Мактаб сабаби наҷот бошад.

Мактаб ба ту ақлу ҳуш бахшад,
Мактаб ба ту шаҳду нӯш* бахшад.
Мактаб ба ту дод илму одоб,
Мактаб ба ту дод дурри* ноёб...

Бархезу гузор хоби худро,
Баргир ба каф китоби худро.
Рав аз ҳама пештар ба мактаб,
Шавқ аст туро агар ба мактаб.

Саъйе бинамову илму одоб
Беҳтар зи шарики хеш дарёб,
То дар ду ҷаҳон азиз бошӣ,
Бодонишу ботамиз бошӣ.

*Садриддин Айнӣ*

**ҷоҳ** – мансаб, эътибор
**шаҳду нӯш** – асал ва нӯшиданиҳои ширин
**дурр** – марворид

## 8.НАСИҲАТ БА ФАРЗАНД



Мекунам, бар ту насиҳат, эй писарҷон, гӯш дор,
Модари пурдидаат гӯяд суханҳо, ҳуш дор.
Аз барои ту кашидам ранҷҳо, эй нури чашм,
Худ нахобидам, туро хобонда шабҳо дар канор.
Гуфтамат: – Мактаб раву омӯз илму маърифат,
То ба халқат нафъ бахшӣ чун дарахти мевадор.
Гуфтамат: – Хушфеъл бошу кордону хоксор,
То ки байни халқи олам умр ёбӣ пойдор...

*Розия Озод*



Модар ба писараш чӣ насиҳат кард?



1. Аз шеър танҳо насиҳати модарро навишта, аз ёд кунед.
2. Дарахти мевадор гуфта, шоира чиро дар назар дорад?

Шоира Розия Озод худ фарзанде ба дунё овард, ки ӯ насиҳатҳои модарро амалӣ намуда, азизи тамоми мардуми тоҷик шуд. Он фарзанди фарзона олими бузург, Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров аст.

Онҳое, ки хизмати худро барои хурдон таҳқир мешуморанд, бузург нестанд.

## 9. СУЛҲ

Сулҳ баҳорест, баҳор оварад,
Равнаку* шодию барор оварад.
Сулҳ бувад шаршараи ҷӯйи об,
Сулҳ диҳад ҳусни пур аз обутоб.
Сулҳ чароғи раҳи оянда аст,
Сулҳ зи иқбол* намоянда аст.
Сулҳ шакарханди лаби кӯдакон,
Сулҳ ҳамоҳанги дили модарон!

*Аминҷон Шукӯҳӣ*

**равнак** – пешрафт, тараққӣ, рушд
**иқбол** – бахт, комёбӣ

## 10. ГӮШВОРА

Қарибиҳои субҳ барф аз боридан монд. Замин ях баст. Мардум ба бозор мерафтанд.

Бачаи тахминан 15–16-солае ба бозоракиҳо ҳамроҳ шуд.

– Ҳа, Рустам, дар ин хунукӣ куҷо меравӣ? – пурсид пирамарди савора.

– Бозор, – гуфт Рустам.

– Чӣ мебарӣ?

Рустам ба саволи пирамард ҷавоб надод. Ӯ гӯшвораҳои модари раҳматиашро аз киса баровард.

Рустам ана ҳамин гӯшвораҳои модарро ба бозор бурда, ба нон иваз карданист. Илоҷи дигар ҳам нест. Ду рӯз боз Рустам ва хоҳараконаш Ҳабибаю Назираи хурдсол гуруснаанд.

Бегоҳ Рустам як пора нони хушки ҳаққи худашро ҳам ба хоҳараконаш дод. Охир, Рустам марди калони хона аст. Хӯрондану пӯшонидани хоҳаронаш ба дӯши ӯст.



Рустам гӯшвораҳои модарашро ба бозор ба фурӯш монд. Харидоре рӯ ба рӯйи ӯ бозистод ва гуфт:

– Бача, гӯшвораро мефурӯшӣ?

Ӯ худ ба худ гуфт: «Чӣ? Гӯшвораҳои модарамро ба ҳамин мард бифурӯшам? Охир, васияти модарам дигар буд-ку. Не, не, ба гуруснагӣ тоб меораму онҳоро намефурӯшам».

Рустам гӯшвораҳои модарашро ба кисааш андохт. Он мард ғур-ғуркунон аз назди ӯ гузашта рафт.

Рустам ҳам аз бозор баромад. Не, ӯ гӯшвораҳои модарашро намефурӯшад. «Аммо нон ёфтан лозим. Бо кадом роҳ?» – фикр кард ӯ. Аз гуруснагӣ сари Рустам чарх зад. Шояд ҳоло хоҳараконаш аз хоб хестаанд. Онҳо ҳам гуруснаанд, «нон» мегӯянд. Рустам бояд барои онҳо нон ёбад. Нон нест. Чӣ тавр ба деҳа баргардад?

Рустам баногоҳ дар назди бозор ду аспро дид, ки аз тӯрбаҳои пур ҷав мехӯрданд. Ӯ аз сари асп тӯрбаро гирифта, ҷавро зуд

ба рӯймолаш холӣ кард. Ҳамин лаҳза як мард тозиёна дар даст аз рӯ ба рӯяш пайдо шуд.

– Ҳа сағира, ба ман нигар!

Он мард чанд тозиёна ба сару рӯйи Рустам зад. Хуни ӯ ҷорӣ шуда, рӯйи барфро лолагун кард. Рустам ба замин афтод.

Бозоракиҳо ин воқеаро дида, соҳиби аспро сарзаниш карданд. Мард ҳам аз бераҳмиаш хиҷолат кашид ва рӯймоли ҷавро ба дасти Рустам доду гуфт:

– Гир, сағира, гум шав!

Аммо Рустам бовар намекард, ки рӯймоли ҷавро ба ӯ бармегардонанд. Ӯ рӯймолро гирифта, аз назди мардум дур шуд.

Рустам гӯшвораи модарашро нафурӯхта, барои хоҳараконаш хӯрок ёфт. Рустам дар бозгашт пешпо хӯрду ба замин афтод, мадори хестан надошт.



«Рустамҷон, хез, дастатро ба ман деҳ... – дасти модараш ба сӯйи ӯ дароз шуд. – Не, ман худам мехезам, модарҷон», – Рустам аз ҷой хестанӣ шуд.

Нимхез шуда, ба даруни ҷӯй афтод. Аз хунукӣ тамоми баданаш ваҷаррос заду ба ҳуш омад. Касе дасти ӯро дошта, аз ҷояш хезонд.

Ҳаво торик шуда, барф меборид. То деҳа хеле роҳ буд...

Чароғҳои деҳа намудор шуданд. Рустам рӯймоли ҷавро ба рӯйи барф гузошта, дар канори роҳ нишаст. Ӯ дигар

аз ҷой хеста наметавонист. То деҳа андаке роҳ монд. Он ҷо хоҳараконаш ба роҳи ӯ нигаронанд. Рустам аз ҷояш хестанӣ шуд, сараш чарх зад. Чароғҳои деҳа пеши назари ӯ хомӯш шуданд...

«Рустамҷон, хез, биё, боз андаке роҳ монд. – Модар ба сӯйи ӯ боз даст дароз кард. – Рустам, ту акнун марди хонаӣ, хона ва хоҳараконатро нигаҳбон шав» – овози падарро шунид ӯ. Аммо Рустам дигар мадори аз ҷой хестан надошт. Гуруснагӣ ӯро аз пой афтонда буд. Рӯяш аз барф сафед мешуд...

Зани миёнасоле ба сари қабр расид. Дастархони пури нонро аз сар гирифта, дар наздаш паҳн намуд. Баъд қабрро оғӯш карда, ба нола даромад:

– Рустамҷон, хез, нон овардам, нони гарм, нони гандум. Нон дар ҳама ҷо пур шуд, арзонӣ, фаровонӣ, хез...

Зан хоҳари калонии Рустам Ҳабиба аст. Ҳар гоҳ гӯшвораҳои модар дар гӯш, дастархони пури нон дар сар ба сари қабри бародараш Рустам, ки як вақтҳо аз гуруснагӣ дар даромадгоҳи деҳа ҷон дода буд, меояд, ба ёди ӯ менолад. Нолаи ӯ дар фазои дашт ба дуродур паҳн мешавад.

*Кароматуллои Мирзо*

1. Рустам бо кадом ният ба бозор рафт?
2. Кадом рафтори Рустам ба шумо писанд омад?
3. Барои чӣ Рустам гӯшвораҳоро нафурӯхт?
4. Ба фикри шумо, модари Рустам чӣ васият карда буд?
5. Кадом рафтори Рустам ба шумо писанд наомад?
6. Агар шумо ба ҷойи Рустам мебудед, чӣ кор мекардед?
7. Ба андешаи шумо, оё Рустам сазовори чунин ҷазо буд ё не?
8. Соҳиби асп ду хел рафтор кард. Он қисмҳоро аз матн ҷудо кунед. Чаро соҳиби асп чунин рафтор кард?

9. Рустам аз чӣ хурсанд буд?

10. Рустам ва хоҳаронаш ятиманд. Вале падару модар дар ҳолати бемадорӣ ба Рустам ёрӣ додан хостанд. Инро чӣ хел фаҳмидед?

11. Ба андешаи шумо, ба Рустам чӣ ҳодиса рӯй дод?

12. Ба фикри шумо, воқеаи Рустам дар кадом замон – замони ҳозира ё пештар ба амал омадааст? Нишонаҳои он давраро аз мазмуни ҳикоя шарҳ бидиҳед.

## 11. МУҚАДДАСОТИ ВАТАН

Аввали баҳор буд. Барфҳо об шуда, шамоли андак сахт, аммо гарму форам мевазид. Аз атроф бӯйи баҳор меомад. Ҳама гӯё ҷон ва рӯҳу тавон мегирифт. Ба ҷӯшу хурӯш меомад. Хусусан, дили мо, бачагон, қарор надошт. Аз хонаҳо ба кӯча мебаромадем. Ба саҳрову ҷойҳои васеъ мерафтем. Бодбарак сохта, ба ҳаво сар медодем.

Вақте ки бодбаракҳои мо дар дами бод алвонҷ мезаданд, риштаи онҳоро ба даст печонида, гоҳ ин тараф, гоҳ он тараф мекашидем. Бодбаракҳо низ гоҳ ин сӯ, гоҳ он сӯ ва гоҳ пасту гоҳ боло мешуданд. Гӯё ба рақс медаромаданд. Кифтак зада бозӣ мекарданд. Аз тамошояшон сер намешудем. Ба завқ меомадем. Нидову шавқу шодии мо ҳамаро пахш мекард:

– Бинед! Бинед! Бодбараки маро бинед!

– Эҳ, шумо бодбараки маро бинед!

– Бодбараки ман чӣ? Ана, ана, чӣ хел боло, чӣ хел поин меравад?!

Овози додаракам Сурушҷон аз ҳама баландтар буд. Шодӣ мекард, медавид, меафтоду боз бармехост. Аммо то ин дам кори маро хомӯш тамошо мекард. Ман зери айвон коғазу ширеш, порае фанер оварда, бодбарак месохтам. Аввал коғаз-

ро бурида, ба чаҳор гӯшаи он ширеш мезадам. Сурушҷон ба ман ширеш ё пораи фанерро дароз мекард. Дар ҳоле ки ба миёни бодбарак камонча сохта, аз ду бараш ришта баста, ба ришта дардарак мегузаронидам, аҷаб табассум мекард. Аз шавқ чашмони калон-калонаш барқ мезад. Магар таманное дошт. Аз ӯ пурсидам;

– Чизе мехоҳӣ, Сурушҷон?

Бо табассуми ширин ҷавоб дод:

– Бале, акоҷон. Мехоҳам бодбараке дошта бошам мисли бодбараки шумо.

Аз шиддати шавқ нафасаш мегашт. Айни ҳол хоҳиши ӯро рад кардан мумкин набуд:

– Бисёр хуб. Ҳоло хона бирав. Коғази калоне пайдо кун. Ҳамин ки бодбаракро фуровардам, аз қафоят зуд меоям. Вақте ки ба хона омадам, дар дасти Сурушҷон харитае дидам.





Харитаи калони Тоҷикистон. Ҳайрон шудам:

– Чӣ кор кардӣ, Сурушҷон? Харитаро аз девор кандӣ?! Магар намедонӣ, ки падарам сахт меранҷад?...

Ранги рӯйи Сурушҷон дигар шуд. Дар ғояти хиҷолат гуфт:

– О-охир… аз модарам пурсидам…

– Чӣ-й?! Аз модарам пурсидӣ?.

– Бале, акоҷон. Ман аз кӯча шодикунон омада гуфтам: «Модарҷон, ба ман як коғази калони калон лозим. Акоям барои ман бодбарак месозад». Ана, баъд…

– Хӯш, баъд-чӣ?

– Модарам сари маро сила карданду гуфтанд: «Ҷони модар, намебинӣ, дасти ман банд. Нону самбӯса мепазам. Худат ба ҳуҷраи кории падарат даро... Фақат як дона бигир. Бекорашро, фаҳмидӣ?»

Ана, баъд ба ҳуҷраи кории падарам даромадам. Коғази калон наёфтам. Чашмам ба девори хона афтод…

Сурушҷон хомӯш монд. Магар аз кори кардааш сахт пушаймон шуда буд, ки оҳанги суханаш узрхоҳона менамуд:

**Ҷумҳурии Тоҷикистон**



– Охир, ман гумон кардам, ки… ин коғази нодаркор аст. Сари мизи кории падарам… ҳамин хел… овезон буд.

– Не, Сурушҷон, кори хато кардӣ.

Ин коғаз коғази одию нодаркор нест. Ин коғази бениҳоят азиз, яъне харитаи Тоҷикистон аст! Тоҷикистон Ватани азизи мост. Мо дар Ватани худ, дар Ватани бобою бобокалонҳои худ аз замонҳои хеле қадим, бале, хеле қадим зиндагонӣ мекунем. Ҳоло Тоҷикистони мо кишвари озод, кишвари дунявию демократӣ, рӯ ба тараққӣ ниҳодааст. Соҳиби шаъну шараф, соҳиби Президенти ғамхор. Шоирон дар васфаш шеърҳо эҷод мекунанд, нависандагон асарҳо менависанд, овозхонҳо таронаҳо мехонанд. Магар аз радио намешунавӣ, аз телевизион тамошо намекунӣ?

– Бале, акоҷон, мешунавам, тамошо мекунам. Ҳатто шеъре ҳам медонам. Мехоҳед, бихонам?

Вай интизори ҷавоб нашуда, чун аскарбачаи дар сафистода қоматашро рост карда, ба хондан шурӯъ кард:

Эй Ватан, ин қадар
Нағзу ҷонпарварӣ.
Ман калон мешавам,
Меравам аскарӣ.

Бар сарат офтоб,
Дар барат ҷон шавам.
Бар сари душманат
Тирборон шавам…

Аз ӯ бағоят шод шудам:

– Офарин, Сурушҷон! Дар оянда ватанпарвари асил хоҳӣ шуд, вале ҳар як ватандӯсту ватанпарвар Ватани худро бояд нағзакак бидонад. Барои донистани ту ана ҳамин харита зарур аст.

Дар харита вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва кӯлу дарёҳо бо рангҳои хосса ишора шудаанд. Ана, нигоҳ кун. Дидӣ, ана, дарёҳо бо ранги кабуд. Ана, ин нуқтаи сиёҳ аломати шаҳрҳо. Нуқтаи сиёҳ чӣ қадаре, ки калонтар бошад, шаҳр ҳамон қадар калонтар буда, дар он мардуми зиёд зиндагӣ мекунанд. Фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам, акоҷон.

– Пас, бигӯй, пойтахти Ватани азизи мо чӣ ном дорад?

Сурушҷон табассуми ширин намуда, бо фахр гуфт:

– Шаҳри Душанбе.

– Офарин. Ана, ин нуқтаи калон шаҳри Душанбе аст. Душанбе пойтахти Ватани мост. Медонӣ, ки Душанбе дар тӯли 25 соли истиқлолият чӣ қадар зебову дилоро шудааст? Шояд дар бораи Душанбе ҳам шеъре бихонӣ.

Сурушҷон акнун аз шавқ гӯё ба куртааш намеғунҷид, ки гуфт:

– Медонам, акоҷон, медонам! Ҳа, бибиҷонам ёд додаанд ин шеърро:

Шаҳри Душанбе,
Шаҳри нумӯям.
Чун гул ту аз ман,
Ман аз ту рӯям…
Шаҳри Душанбе,
Эй чеҳраоро.
Бӯйи Самарқанд,
Бӯйи Бухоро…

Ман ҳамчунон ӯро офарин гуфта, суханамро идома намудам:

– Сурушҷон, донистӣ, ки ин сарзамини маҳбуби мо Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Ҷумҳурии мо аз чанд вилоят иборат аст? Медонӣ? Пас, гӯш кун. Ҷумҳурии мо аз вилоятҳои Суғд, Хатлон ва Мухтори Кӯҳистони Бадахшон иборат аст. Ҳар як

вилоят шаҳру ноҳияҳои худро дорад. Шаҳрҳои калону саноатии кишварамон шаҳрҳои Хуҷанду Қӯрғонтеппа, Истаравшану Кӯлоб, Хоруғу Панҷакент, Турсунзодаву Конибодом, Ҳисору Исфара ва ғайраҳо мебошанд. Ҳар яке аз ин шаҳрҳо таърихи худро доранд. Масалан, Хуҷанду Истаравшан 2500, Ҳисор 3000 сол доштааст. Хулоса, Ватани мо таърихи бойу куҳан дорад. Мардуми аслии ин сарзамин мо – тоҷиконем. Ману ту бояд аз чунин Ватан ифтихор кунем.

Сурушҷон аз ин нақлҳои ман бештар ба ваҷд меомад. Аз шавқи Ватану ватандорӣ чашмонаш чун ду ситораи саҳарӣ баробар медурахшиданд. Вай дигар парвои бодбарак ҳам надошт аз банди дастонам дошта, суолборон мекард:

– Акоҷон, боз Ватани мо чиҳо дорад?

Ман низ шавқи ӯро дида, ба ваҷд меомадам. Мехостам ба суолҳояш, то ҳадде ки медонам, ҷавоб бидиҳам:

– Ватани мо, чунон ки гуфтам, давлати мустақил аст. Давлати мустақил бояд рамзҳои худро дошта бошад.

– Пас Ватани мо рамзҳои худро дорад?

– Бале, Сурушҷон. Аммо ту медонӣ, ки рамзҳои давлати мо аз чиҳо иборатанд?

Сурушҷон сар ба зер афканд. То хиҷолат накашад, ӯро тасалло додам:

– Сурушҷон, надонистани ту табиист. Ҳанӯз мактаб нарафтаӣ. Дар деҳоти мо кӯдакистон нест. Бошад ҳам, хело дур. Ана, агар имсол ба мактаб равӣ, ҳамаашро нағзакак ёд мегирӣ, фаҳмидӣ?

Вай сар ҷунбонду гирди лабонаш табассум пайдо шуд.

– Гӯш кун, Сурушҷон. Рамзҳои давлатӣ Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ мебошанд. Агар муфассал дар бораи инҳо донистан хоҳӣ, биё, беҳтараш ба ҳуҷраи ман биравем. Аз китоб сурати онҳоро ба ту нишон медиҳам.

Сурушҷон давдавон ва ман аз қафояш ба ҳуҷра даромадем. Аз раф китоби дарсиямро гирифта, варақҳояшро як-як боз карда, рамзҳои давлатиро пайдо кардам ва ба Сурушҷон рӯ овардам:

– Мана, нағзакак нигоҳ кун. Ин Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Нишонаи яке аз муқаддасоти Ватани маҳбуби мо мебошад. Ҳар яке аз ин тасвирҳо рамз ва маънои худро доранд. Масалан, расми тоҷ рамзи давлатдорӣ шукӯҳи подшоҳист. Гирдогирди он ҳафт ситораи дурахшон, ки дорои як олам маънию муҳтавост.

Огоҳ бош, ки ҳафт рақами муборак аст. Мисли ҳафт сайёра, хафт ганҷ, ҳафт осмон, ҳафт айвон, ҳафт гунбад, ҳафт авранг, ҳафт дарё ва монанди инҳо. Ана, ин Офтобе, ки аз паси кӯҳсор тулӯъ мекунад, рамзи нишот, хуррамии ҳаёт, осоиш ва шукуфоии халқу кишвар мебошад. Кӯҳсор макони ганҷҳои фаровон аст. Пахта, яъне пунба сарвати асосии мамлакати мо, хӯшаҳои гандум рамзи хайру баракат, нишони серию пурӣ. Мана, китоб, ки миёни ин ҳама ҷойгир аст, мардуми соҳибфарҳанг ва бомаърифат будани моро нишон медиҳад. Курсӣ низ нишони пояи давлатдорӣ, тахти подшоҳии мо – тоҷикон аз аҳди қадим аст.

Нишони давлатӣ дар пештоқи биноҳои Маҷлиси олӣ, вазоратҳо, ҳукуматҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва мақомоти давлатӣ устувор карда мешавад.



Сурушҷон акнун гӯшу ҳуш шуда буд. Хомӯш, аммо бо чашмони пур аз меҳр нишони давлатиро аз китоб тамошо мекард. Магар аз тамошояш серӣ надошт, ки ниҳоят ангушти ишорат рӯйи Парчам гузошта, бо ҳаяҷон пурсид:

– Ана, ин... Парчам… ин ҳам рамзи давлат аст.

– Бале, Сурушҷон. Парчам низ рамзи давлат аст. Дар ин Парчам ҳар як ранг маънии худро дорад. Мана, нигоҳ кун. Ранги сурх, рамзи мубориза, ҷоннисории халқ баҳри озодӣ ва истиқлол. Ранги сафед, ин нишонаи бахту умеду орзу. Ранги сабз нишонаи сарсабзӣ, нумӯ ва сарбаландӣ, некию хуррамӣ мебошад.



Парчам рӯзҳои ид, ҷашнҳо, мусобиқаҳои варзишӣ, вохӯриҳои давлатӣ, ҳангоми қабули меҳмонони фахрӣ барафрохта мешавад.

Лаҳзае хомӯш мондам, рӯ ба Сурушҷон овардам, то шавқу эҳсоси ӯро ба тамом дарк бикунам. Вай ботааҷҷуб ба ман нигоҳ мекард, ки чаро ба суханам идома намедиҳам. Ман суханамро давом дода пурсидам:

– Акнун аз муқаддасоти Ватан, яъне рамзҳои давлатӣ кадомаш ногуфта монд?

Сурушҷон дарҳол чавоб дод:

– Суруди миллӣ, акоҷон. Ман Суруди миллиро аз ёд медонам. Ҳар субҳ аз шабакаи дӯстдоштаам «Баҳористон» мешунавам.

Аз ханда худро базӯр нигоҳ доштам, чун суханони охиринаш дар ғояти ифтихор ва ҳадде сода буд. Бинобар ин то ки наранҷад, ба чӣ ваҷҳ майли ханда мекунам, зуд ба ӯ суол додам:

– Ку, бихон, Сурушҷон, бихон!

Вай ҳамоно рост истода, бо овози ҷарангосиаш ба хондан оғоз кард:

Диёри арҷманди мо,
Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,
Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.
Зи дурии замонаҳо расидаем,
Ба зери парчами ту саф кашидаем,
кашидаем.
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Барои нангу номи мо
Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,
Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ,
Хазон намерасад ба навбаҳори ту,
Ки мазраи вафо бувад канори ту,
канори ту.
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Ту модари ягонаӣ,
Бақои ту бувад бақои хонадони мо,
Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо,
Зи ту саодати абад насиби мост,
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,
ҳабиби мост.
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Ӯро ба оғӯш кашида, таҳсин намудам:

– Офарин, Сурушҷон, офарин! Ана, ин Суруди миллӣ ҳам аз рукнҳои давлат аст. Фаҳмо? Аммо ту медонӣ, ки ин сурудро кадоме аз шоирони мо эҷод кардааст? Оҳанги он ба кӣ тааллуқ дорад?

Сурушҷон аз хиҷолат боз сар ба зер афканд.

– Не, Сурушҷон. Ту ин қадар шарм надор. Шояд, мисли ту

бачаҳои зиёде бошанд, ки надонанд. Ё, аҷаб не, фаромӯш карда бошанд. Ту агар нағз донӣ, ба рафиқонат мефаҳмонӣ. Хуб? Ана, гӯш кун. Суруди миллиро Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ навиштааст. Сулаймон Юдаков ба он оҳанг бастааст. Тавлиди Суруди миллии мо 7-уми сентябри соли 1994 мебошад.

Суруди миллӣ дар тамоми ҷашну чорабиниҳои давлатӣ, дар боғчаву мактабҳо, муассисаву корхонаҳо ботантана суруда мешавад. Ҳар субҳу шом садову симои Тоҷикистон бо Суруди миллӣ барномаҳояшонро оғозу анҷом мебахшанд. Хулоса, мо бояд яктану якҷон бошем. Ватани азизро бо тамоми муқаддасоташ чун гавҳараки чашм азиз дорем. Ҳеҷ нагузорем, ки як зарра, як ваҷаб хоки Ватани муқаддаси мо ба дасти душман афтад.

Сурушҷон бо шавқи том сухани маро бурида гуфт:

– Акоҷон! Ҳоло Президенти мо кист, медонед?! Ана, ман медонам! Президенти кишвари мо – Эмомалӣ Раҳмон!

– Бисёр чизҳоро, акоҷон. Мехоҳам мисли шумо ба мактаб равам, хонам, ҳама чизро донам ва ба дигарон фаҳмонам.

Дар ин ҳангом аз хонаи шафат овози маҳини модарам шунида шуд. Магар аз суҳбати ману Сурушҷон огоҳ буд, ки хушнуд менамуд:

– Офарин, фарзандони азизам. Ана ҳамин хел ба ҳамдигар устоду шогирд шавед, дар оянда одами нағз, донишманду баобрӯ хоҳед шуд. Одами доноро ҳама дӯст медорад. Доно дар ҳама ҷо азиз аст. Биёед, хӯрок тайёр, азизони модар.

Нав сари миз нишаста будем, ки падарам омад. Тағйири либос карда, дасту рӯй бишуст. Салом дода, назди мо даромад. Аввал тугмачаи оинаи нилгунро пахш карду пас ҳамроҳи мо нишаст. Дар телевизор ҷамъомади бузургеро намоиш дода, аз Президенти кишвар истиқбол мекарданд. Суруди миллӣ садо медод. Сурушҷон аз бари падарам гузашта, бо тамоми шавқ то

хӯрок овардани модарам беист гап мезад:

– Падарҷон, ман бисёр чизҳоро медонам. Ҳа, медонам. Ана, ана! Президенти кишвари мо! Дидед, шинохтам?! Ана, ҳама аз ҷо бархоста, Суруди миллӣ мехонанд. Ана, ана ҳамон Парчами миллии мо. Ана, нишони давлатӣ! Тоҷ, курсӣ, кӯҳсор, Офтоб, пахта, гандум… Дидед, ана ҳамаашро медонам. Инҳо ҳама рамзҳои давлатиянд. Бале, муқаддасоти Ватан!...

Падарам ҳайрон-ҳайрон ба ҳамаи мо нигоҳ мекард. Зоҳиран, завқ мебурд. Модарам дар даст табақи хӯрок даромад. Чеҳрааш чун гули баҳор мешукуфт. Сари ман аз фахр ба осмон мерасид. Падарам якбора аз ҷой бархоста, Сурушҷонро бо ду даст бардошт. Аз пешонияш бӯсид. Ба ҷойи худаш, аз ҳама боло шинонд.

Дар хона гӯё ҷашне буд, ҷашни дониши Сурушҷон.

*Наҷмиддин Салоҳиддинзода*

1. Кадом фасли сол буд?
2. Бачаҳо машғули чӣ гуна бозӣ буданд?
3. Бо ширешу фанер чӣ месохтанд?
4. Бародараш Сурушро барои чӣ ба хона фиристод?
5. Коғази Суруш пайдокарда чӣ гуна коғаз буд?
6. Ба фикри шумо, оё рафтори Суруш дуруст аст?
7. Харита чист?
8. Оё аз харита шаҳру ноҳияи худро муайян карда метавонед?
9. Давлати мустақил дорои кадом рамзҳост?
10. Нишон дорои чӣ гуна тасвиру маъно аст?
11. Парчам дорои чанд ранг аст ва рангҳо чӣ маъно доранд?
12. Муаллифи шеър ва оҳанги Суруди миллӣ кист?
13. Он рӯз барои чӣ рӯзи дониши Суруш буд?

## 12. ПАРЧАМИ ТОҶИКИСТОН

Эй Парчами умед, то парфишон туӣ,
Дар осмони бахт рангинкамон туӣ,
Сурхии ту, ҳақо, сурхии рӯ бувад,
Рӯсурхии абад з-ин обрӯ бувад.



Ранги сафеди ту бахти сафеди мост,
Роҳи сафеди мо, рамзи умеди мост,
Мо бо ту меравем то қуллаи мурод,
Моро чу раҳнамо ҳафт ахтари ту бод!

Эй Парчами умед, эй сабз чун чаман,
Аз ранги сабзи туст сарсабзии Ватан,
Аз файзи сояат сарсабзтар шавем,
Чун боғҳои мулк пур аз самар шавем.

Эй Парчами умед, эй ном, эй нишон,
Дар осмони бахт кардат кӣ парфишон?!
Бигзор номи ӯ монад дар ин ҷаҳон
Мисли ту раҳнамо, мисли ту ҷовидон!

*Низом Қосим*

# 13. СУРУДИ ВАТАН

Ватан, Ватан, сиришти* ман,
Бақову сарнавишти* ман,
Замини Зардуҳишти* ман,
Биҳишти ман, биҳишти ман.

Муҳаббати ту ранг-ранг
Шукуфта рӯйи санги ту.
Саду ҳазор орзу,
Саду ҳазор ранги ту.

Диёри шеъру ёсуман,
Навои ту навиди* ман.
Зи чашми аввали Худо,
Расидаӣ ба ман, Ватан.

Ватан, Ватан, сиришти ман,
Биҳишти ман, биҳишти ман.
Сарам фидои номи ту,
Ки ҳастӣ сарнавишти ман.

*Камол Насрулло*

**сиришт** – хулқ, табиати одам
**сарнавишт** – тақдир, қисмат, насиб
**Зардуҳишт (Зардушт)** – асосгузори дини зардуштӣ
**навид** – мужда, хабари хуш

# МУНДАРИЧА

I. *Мактаб. Ватан – Модар*

1. Якуми сентиябр – Рӯзи дониш.....4
2. Муборак бар шумо!.....5
3. Қоидаҳои рафтор дар мактаб.....7
4. Ватан – Модар.....8
5. Тоҷикистон.....10
6. Тоҷикистон.....12
7. Шаҳру вилоятҳои Тоҷикистон.....14
8. Забони тоҷикӣ.....16

II. *Чашма. Дарё ва кӯлҳо. Обҳои шифобахши Тоҷикистон.*Исм

9. Саволҳои кӣ? ва чӣ?.....19
10. Навоҳои гулдара.....21
11. Хоҷаобигарм.....22
12. Чилучорчашма.....24
13. Кӯли Сарез.....25
14. Симоҳои матнро ёбед.....27
15. Алафи газанда.....30
16. Машқи навиштани мактуб.....34
17. Гурбачаи сода.....34
18. Тӯб.....38
19. Мактаб.....42
20. Шаҳри Душанбе.....44
21. Хуш омадед ба Душанбе!.....46
22. Деҳаи мо.....49

III. Одоби ҳамида. Исм

23. Иди касбии омӯзгорон.....51

24. Соати бибиам......54
25. Беҳтарин ва бадтарин чиз......56
26. Мавриди салом......58
27. Одоби салом......60
28. Бачаҳои хуб......61
29. Сухани сеҳрнок......64
30. Тирамоҳи зарринмӯ......66
31. Витаминҳо......69
32. Меваю сабзавоти Тоҷикистон......71
33. Ҷашни Меҳргон......74
34. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон......76

IV. *Барқ ва аҳамияти он дар рӯзгори мо.* Феъл

35. Неругоҳҳои барқи обӣ......78
36. Баҳри Норак......80
37. Барқ аз куҷо пайдо шудааст?......81
38. Анӯшервони Одил ва пири боғдор......83
49. Ду ҳамсуҳбат......86
40. Гург ва Харгӯш......88

V. *Муҳити зист ва муҳофизати он*

41. Муҳити зист......93
42. Муҳофизати об аз ифлосшавӣ......94
43. Муҳофизати ҳаво аз ифлосшавӣ......95
44. Муҳофизати замин аз селоб......96
45. Дарвеш ва косаи асал......97
46. Хаёлҳои ширин......98
47. Декабр......100
48. Зимистон чист?......102

49. Омодагии санҷобак ба зимистон........................................106
50. Зарари тамоку........................................................................107
51. Газна......................................................................................108
52. Зимистон.................................................................................110
53. Гулаки беном......................................................................... 112
54. Корҳои беҳтарин.....................................................................113

VI. *Далерӣ ва қаҳрамонӣ. Шахсони муътабар.* Сифат
55. Саволҳои сифат.......................................................................116
56. Солим ва Ғоним.......................................................................119
57. Саъва ва Фил...........................................................................121
58. Арча........................................................................................123
59. Саргузашти Барфибобо...........................................................124
60. Исмоили Сомонӣ.....................................................................126
61. Одам дар зери барф................................................................129
62. Таҷрибаи Абӯалӣ ибни Сино..................................................130
63. Гурги нодон.............................................................................132
64. Бузургони миллат....................................................................136
65. Мубоҳиса ...............................................................................137
66. Аз Достонҳои «Шоҳнома» .....................................................140
67. Фиреби Аҳриман ....................................................................143
68. Хоб дидани Заҳҳок .................................................................144
69. Набарди Фаридун бо Заҳҳок ..................................................146
70. Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон. Пешояндҳо. ....................148
71. Ду дона....................................................................................151
72. Баҳор.......................................................................................153
73. Дасти модар.............................................................................156
74. Модар......................................................................................157
75. Алла........................................................................................159

76. Баҳор омад!........................................................................160
77. Марҳабо, Наврӯзи ачам!.......................................................163
78. Бозиҳои варзишии Наврӯз.....................................................166

## VII. *Эҳтироми падару модар ва омӯзгор.* Ҷумла

79. Дилсӯзӣ..........................................................................168
80. Панди модар ....................................................................170
81. Ҳурмати падару модар.........................................................172
82. Ҷумлаи саволӣ...................................................................173
83. Агар майли парвоз дорӣ......................................................175
84. Фарзанд бошад, чӣ сон бошад?..............................................177
85. Пули ҳалол........................................................................178
86. Сафари пахта аз саҳро то мағоза............................................183
87. Нархи намак чанд дирам?.....................................................187
88. Ду гуноҳ...........................................................................190
89. Одоби муошират.................................................................194
90. Муошират.........................................................................196
91. Чоҳкан зери чоҳ..................................................................198

## VIII. *Оломи ҳайвоноти Тоҷикистон. Мамнуъгоҳҳо*

92. Ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ .................................................201
93. Аз ҳаёти ҳайвонҳо .............................................................202
94. Муфтхӯр ...........................................................................204
95. Суғур ..............................................................................206
96. Ром кардани асп ...............................................................208
97. Рӯбоҳбачаҳо худро офтоб медиҳанд ......................................210
98. Шутур .............................................................................212
99. Ғози танҳо.........................................................................214
100. Ҷайраи айёр.....................................................................216

101. Мамнуъгоҳҳои Тоҷикистон..........................................218
102. Хайбар ...............................................................221
103. Кенгуруи дайду-1..................................................224
104. Кенгуруи дайду-2..................................................227
105. Сулҳ.......................................................................232
106. Омӯзгори сарбоз...................................................234
107. Шодии модар........................................................236
108. Давлат чист?.........................................................237
109. Савдогар ва тӯтӣ ..................................................239
110. Тобистон...............................................................241
111. Таътили тобистона................................................241

*Матнҳо барои хониши иловагӣ*

1. Гулгардонӣ...........................................................243
2. Ҷуфтбаророн........................................................244
3. Хонабаророн.........................................................244
4. Чаҳоршанбесурӣ ....................................................245
5. Суманакпазӣ .........................................................245
6. Нишонаи умр ........................................................247
7. Мактаб .................................................................248
8. Насиҳат ба фарзанд .............................................. 249
9. Сулҳ .....................................................................250
10. Гӯшвора...............................................................250
11. Муқаддасоти Ватан...............................................254
12. Парчами Тоҷикистон ............................................265
13. Суруди Ватан ......................................................266

**АБДУЛЛОЕВ ИБОДУЛЛО, АБДУЛЛОЕВ ЗАЙНУЛЛО, БОРОНОВ БОЗОРАЛӢ, ДОРҒАБЕКОВ ЗАФАР**

# ЗАБОНИ МОДАРӢ

**Китоби дарсӣ барои синфи 3-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

*Нашри сеюми такмилёфта*


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Неккадамов Саодатқадам |
| Муҳаррири техникӣ | Наҷмиддин Зайниддинов |
| Тарроҳ | Қосимхӯҷа Назаров |
| Рассомон | Сайёра Имоддинова |
| | Ҳусейн Чиллаев |

Ба чоп 26.06.2018 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андозаи 70×90/16. Ҷузъи чопии воқеӣ 17,0.
Адади нашр 140 000 нусха. Супориши № 30/2018

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
734024,ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50
Тел: 222-14-66. E-mail: najmiddin64@mail.ru

Китоб дар матбааи ҶДММ «Полиграф-групп» чоп шудааст.
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Ҳувайдуллоев, 113.
e-mail: info@polygraph-group.tj | www.polygraph-group.tj